**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА**

**Ба ҳуқуқи дастнавис**

**УДК:37.01(575.3)**
**ББК:74.00 (2 тадж)**
**Р - 40**

**РУСТАМИ АБДУҶАББОР**

# ФАРҲАНГИ ХОНАВОДА ВА ТАРБИЯИ ИҚТИСОДИИ НАВРАСОН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**
**аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои педагогӣ**
**Лутфуллоева Парвина Маҳмадуллоевна**

**ДУШАНБЕ - 2023**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА.........................................................................3**

**БОБИ I. ХОНАВОДА - ОМИЛИ ЁРИРАСОН ДАР ТАРБИЯИ ИҚТИСОДИИ НАВРАСОН.............................................................14**

1.1.Хонавода ҳамчун институти махсус ва муҳими тарбия......................14

1.2.Ҷанбаҳои назариявии тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода....27

1.3.Принсип, метод, технология ва усулҳои тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода ........................................................................................45

Хулоса доир ба боби I.........................................................................58

**БОБИ II. КОРҲОИ ОЗМОИШӢ ОИД БА ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ТАРБИЯИ ИҚТИСОДИИ НАВРАСОН ДАР ШАРОИТИ ХОНАВОДА..........................................................................64**

2.1.Махсусияти тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода ва маърифати молиявӣ...............................................................................................64

2.2.Ҷанбаҳои педагогӣ, психологӣ ва иҷтимоии тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода.................................................................................94

2.3. Рафт, натиҷагирӣ ва хулосаи озмоишҳо..........................................124

Хулосаи боби 2........................................................................................145

**ХУЛОСАИ УМУМӢ ..................................................................................149**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.................................................................................157**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Охири асри гузашта ҷомеаи тоҷик ба муносибатҳои нави иқтисоди бозорӣ рӯ ба рӯ шуд. Муносибатҳои бозорӣ барои одамон муносибатҳои нави иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсӣ ва байниҳамдигариро ба миён овард, ки аз шаҳрвандон неруи тоза ва мутобиқ шудан ба муносибатҳои нави иқтисодиву иҷтимоиро тақозо менамояд. Аз худ кардани меъёрҳо, арзишҳо, мафҳумҳои иқтисодӣ ҳамчун зарурият ногузир гашт.

Дар ҷомеаи имрӯза мувофиқати «ахлоқӣ» ва «иқтисодӣ» дар шуури одамон тезу тунд гаштааст. Дар ин маврид бояд таваҷҷуҳи хосаро ба тарбияи ахлоқӣ ва иқтисодии насли наврас равон намуд, зеро системаи арзишҳои онҳо дар раванди ташаккулёбӣ мебошад. Маҳз ҳамин талабот мубрамияти омӯзиши мавзуъро афзун мекунад, зеро дар ҳамин синну сол азхудкунии фаъоли арзишҳои ҷомеа оғоз меёбад, ташаккули босуръати шахсият, ки насли ояндасози ҷомеа маҳсуб мешавад, сурат мегирад.

Аввалин сарчашмаи чунин арзишҳо, ки ба насли наврас дар бораи олами атроф, меъёрҳои рафтор маълумот медиҳад, хонавода мебошад.

Таҳқиқоти пешин ва солҳои охир эътироф менамояд, ки маҳз хонавода омили муҳим барои ташаккулёбии шахсияти наврас ба шумор меравад, бинобар ин, омӯзиши муносибатҳои хонаводагӣ, нақши волидайн дар ташаккулёбии арзишҳои ахлоқӣ ва иқтисодии наврас масоили мубрами таҳқиқ қарор мегирад.

Дар яке аз суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид зикр намудаанд: “Падару модарони арҷманд бояд рисолати муқаддаси худ – тарбияи поктинативу зебоипарастӣ, башардӯстиву инсонпарварӣ ва заҳматкашиву ободкориро дар замири фарзандон идома дода, насли навраси кишвари соҳибистиқлоламонро дар рӯҳияи бузурги ватандорӣ ба камол расонанд, то онҳо тавонанд парчами давлатамонро ба уфуқҳои ояндаи ободу осуда баранд”.

Дар байни институтҳои иҷтимоӣ тарбияи хонаводагӣ мақоми махсусро ишғол менамояд, зеро кӯдакону наврасон дар муддати тӯлонӣ дар зери таъсири хонавода фаро гирифта мешаванд. Ташаккулёбии меъёрҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии наврасон маҳз дар хонавода оғоз мегардад. Аммо дар як вақт хонавода ҳамчун институти иҷтимоӣ ҳамеша дигаргун мешавад. Дигаргуншавии имрӯзаи хонавода дар ҷомеаи мо бо ба миён омадани муносибатҳои нави иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишвар, тезутундшавии муносибатҳои иҷтимоӣ, дараҷаи нобаробарии некуаҳволии ҷомеа, буҳрони ахлоқӣ вобаста аст.

Бо гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ мушкилоти тарбияи иқтисодии насли наврас, ташаккул додани меъёрҳо ва сифатҳои ахлоқиву иқтисодии онҳо бар дӯши ҳамаи институтҳои иҷтимоии тарбиявии ҷомеа вогузор мегардад. Дар ин маврид мавқеъ ва нақши хонавода назаррас аст. Зеро азхудкунии донишҳои ибтидоӣ, муайянкунии тасаввурот ва васеъшавии ҷаҳонбинии насли наврас, маҳз аз хонавода оғоз мегардад. Ҳамаи ин зарурияти омӯзиши мақом ва нақши назарраси хонаводаро ҳамчун институти тарбиявии иҷтимоӣ дар ташаккулёбии шахсияти наслиояндасоз муҳим ва мубрам менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Омӯзиши назариявӣ ва амалии хонавода ҳамчун институти тарбиявӣ дар таҳқиқоти олимони рус, аз ҷумла Ю.Е. Алешкина, А.И. Антонов, Е.И. Захарова, Д.А. Карабонова, И.С. Кон, М.С. Масковский, А.Г. Хорче ва муҳаққиқони аврупоӣ, аз ҷумла М. Бодон, К. Витакерн, О. Виникота, С. Кротахвила, В. Сатир, З. Фрейд, Э. Фром, Д. Хейли, Л. Хофман, Э. Эриксон А.Ф. Аменд, О.А. Ворожеева, А.А. Солматов, И.А. Сосова хеле муфассал ва равшан мавриди таҳқиқ қарор гирифта, паҳлуҳои гуногуни нақши хонавода дар тарбияи насли наврас таҳқиқ ва баррасӣ гаштаанд.

Бо гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ нуқтаи назар ба масоили тарбияи иқтисодӣ мутлақо дигар гашт. Комилан зарурияти дар насли наврас ташаккул додани он сифатҳои ахлоқӣ-тарбиявие ба миён омад, ки барои мутобиқ шудан ба муносибатҳои нави иқтисодиву

иҷтимоӣ мусоидат намояд. Ин тарафи масъала аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ М. Орифӣ, И. Арабов, Б. Раҳимов, М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, Х. Раҳимзода, Б. Маҷидова, З. Саидзода, М. Каримзода ва дигарон мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор гирифтааст. Дар илми ватанӣ ҳоло таҳқиқи масъалаи мазкур ба таври бояду шояд оғоз нагардидааст.

**Робитаи кор бо лоиҳаҳо (барномаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчубаи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Данғара дар мавзуи "Роҳу усулҳои ташаккули тарбияи иқтисодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ" ба роҳ монда шудааст. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҳамчунин, бо талаботи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқаррароти асосии Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, № 801) такя намудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** дар омӯзиш ва нишон додани нақши хонавода дар тарбияи иқтисодии насли наврас ва ташаккули меъёрҳо ва сифатҳои ахлоқиву иқтисодӣ дар замони иқтисоди бозорӣ ба шумор меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин муайян карда шудаанд, ки инҳоянд:

- таҳқиқи асосҳои назариявии тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода;
- муайянсозии махсусияти синну соли тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода;
- омӯзиш ва истифодаи усулҳои тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода ва ошкорсозии самаранокии истифодаи онҳо;
- муайян ва таҳқиқ намудани тасаввуроти иқтисодии наврасон ба таври озмоишӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Раванди тарбияи иқтисодӣ ва ташаккули сифатҳои меъёрии ахлоқиву иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ ва нақши фарҳанги хонавода дар тарбияи наврасон мебошад.

**Мавзу (предмет)-и таҳқиқот.** Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ.

**Фарзияи таҳқиқот.** Таҳқиқи масоили пажӯҳишгардида имкон дод, ки фарзияи зерини таҳқиқотро пешниҳод намоем. Тарбияи хонаводагии иқтисодии наврасон нақши муҳимро дар ташаккули меъёрҳо ва хислатҳои ахлоқиву иқтисодии наврасон мебозад, агар:

- омилҳои инфиродию психологии наврасон дар ташаккули сифатҳои ахлоқиву иқтисодии онҳо ба назар гирифта шаванд;
- махсусияти тарбияи иқтисодии хонаводагӣ ва роҳу усулҳои тарбия дар ин раванд ба инобат гирифта шаванд;
- шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар раванди тарбияи иқтисодии хонаводагӣ риоя карда шавад.

**Марҳилаҳои асосии таҳқиқот**. Таҳқиқот дар се марҳилаи ба ҳам алоқаманд, ки мазмуну муҳтавои худро доранд, ба роҳ монда шудааст:

Марҳилаи якум (давоми солҳои 2019-2020) ҷамъоварии маводи назариявӣ, омӯзиши амалӣ ва қиёсиро дар бар мегирад.

Дар марҳилаи дуюм (давоми солҳои 2020-2021) таҳқиқи ҳаматарафа бурда шуд, ки натиҷаи он имкон дод асоси консепсионии таҳқиқоти диссертатсиониро муайян намоем. Ҳамчунин, асоси методологии кор дар ин раванд муайян карда шуд. Дар ҳамин марҳила озмоишҳо ба нақша гирифта шуда, ҳамоно иҷро гардиданд, интихоби методҳои таҳқиқот анҷом дода шуд.

Дар марҳилаи сеюм (давоми солҳои 2021-2022), таҳқиқоти озмоишӣ иҷро гардид, таҳлили маводи озмоишӣ ва назариявӣ анҷом дода шуд. Ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомадаро ба итмом расонида, хулосаҳо, тавсияҳо, пешниҳодҳо роҷеъ ба роҳҳои беҳтар намудани тарбияи

иқтисодии наврасон дар хонавода пешниҳод гардиданд. Дар ин марҳила таҳқиқотҳоро дар шакли диссертатсия ба тартиб даровардем.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқот.** Асоси назариявию методологии таҳқиқотро осори педагогҳо, психологҳо, иқтисодчиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) доир ба назария, методи ташаккул, технология, роҳ ва усулҳои тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода, нуктаи назари олимон дар бораи муносибати мукаммали ба шахсият нигаронидашуда В.Г. Афанасев, С.И. Архангельский, Ф.Ф. Королев, В.В. Краевский, Н.В. Кузмина, Р.П. Шедровский, Е.В. Бондаревская, Л.Г. Ваткин, В.В. Сериков, И.С. Якиманская; ташаккули фаъолиятнокии шахсият нисбат ба оила Л.С. Выготский, А.Н. Леонтьев, Б.Ф. Ломов, М. Лутфуллозода, В.С. Мерлин, С.Л. Рубинштейн; таҳқиқотҳои фалсафӣ-этикӣ оид ба оила (О.М. Бакурадзе, В.А. Блюмкин, А.А. Гусейнов, М.С. Каган, Сагатовский); муқаррароте, ки масъалаҳои умумӣ-методологии илмҳои педагогӣ ва мафҳумҳои педагогикаро мекушоянд Ю.К. Бабанский, Б.С. Гершунский, Н.И. Загузов, В.В. Краевский, В.А. Сластенин, М. Лутфуллозода, И. Каримова, Ф. Шарифзода ва дигарон назарияҳои муосир ва консепсияи тарбия ва инкишофи шахсият дар вазъияти тағйирёбандаи иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа (Б.Т. Лихачев, Н.К. Сергеев, Қ.Б. Қодиров, Ф. Гулмадов, А. Нуров, Х. Раҳимзода. А.П. Трапитсина ва дигарон); консепсияи гуманизатсияи таҳсилот (В.П. Бездухов, В.И.Блогер, С.Г. Вершловский, Ю.Н. Кулюткин, И.Х. Каримова, Г.С. Сухобская, Е.И. Шиянов) ташкил доданд.

Хулоса ва тавсияҳои илмие, ки дар рисола оварда шудаанд, бо методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии ташхиси педагогӣ-психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот такя мекунанд. Ҳамчунин, онҳо бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии кори муаллифи диссертатсия тасдиқ карда шудаанд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот.** Сарчашмаҳои асосии таҳқиқот инҳоянд:

1. Адабиёти илмӣ, педагогиву психологӣ, иқтисодӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими расму анъанаҳо», Эъломияи ҳуқуқи башар, Эъломияи ҳуқуқи кӯдак, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нутқу баромадҳо, қарорҳои барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Ғоя ва ақидаҳои олимони намоёни тоҷик, рус ва мамолики Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) дар соҳаи фалсафа, педагогика, психология, назарияи иқтисодӣ роҷеъ ба тарбияи хонаводагии иқтисодии наврасон дар замони иқтисоди бозорӣ.

3. Асарҳои илмӣ-таҳқиқотии ба мавзуъ дахлдори муҳаққиқони муосири Тоҷикистон, Русия ва мамлакатҳои ИДМ, Аврупо, ақидаҳои намояндагони соҳаи маориф дар рӯзномаҳо, маърӯзаи конференсияҳо, почтаи электронӣ ва сайтҳо, таҳқиқоти олимони тоҷик ва ғайра, ки ба масъалаи таҳқиқоти мо бахшида шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Заминаҳои эмпирикии асосии таҳқиқот дар асоси се хусусияти таҳқиқоти диссертатсионӣ ташаккул ёфтаанд, ки инҳоянд: аксуламалӣ, назариявӣ ва монографии мутобиқ ба ин хусусиятҳо.

Ҳамчунин, аз усулҳои мантиқии таҳлили мафҳумҳо: тафсири мафҳумҳои асосӣ ҳамчун воситаҳои мантиқии методологии таҳлил, таърифи мафҳумҳои бунёдӣ, методҳои мантиқию гнесологии таносуби ҳаҷм ва мундариҷаи мафҳумҳо ва синтези категорияҳо, усулҳои умуминазариявии таҳлил ва синтез, мушаххаскунию ҷамъбасткунӣ, умумикунонию ҳамгунсозӣ, шакливазкунию тағйирдиҳӣ, усули гузариш аз мафҳумҳои умумӣ ба мафҳумҳои мушаххас, усулҳои амсиласозӣ (моделсозӣ)-и ҳолатҳои имконпазир, таҷрибаи фикрӣ ва таҳқиқоти монографӣ манша мегиранд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ дар пойгоҳи

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №20 ва №59-и ноҳияи Данғара гузаронида шуда, ба озмоиш 54 нафар хонандагон, 12 омӯзгор ва 4 нафар роҳбарони синфҳо фаро гирифта шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот дар мукаррароти зерин ифода меёбад:

- нақши хонавода ҳамчун институти тарбия ба таври назариявӣ омӯхта шуд;

- дар заминаи таҳқиқот мушкилот дар раводиди тарбияи хонаводагии иқтисодии наврасон дар замони иқтисоди бозорӣ муайян ва нишон дода шуд:

- роҳҳои бартараф кардани мушкилот дар раванди тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода дар замони иқтисоди бозорӣ нишон дода шуд;

- роҳҳо, принсипҳо, методҳо ва технологияи тарбияи ахлоқиву иқтисодии наврасон дар хонавода бо такя ба натиҷаи таҳқиқот пешниҳод карда шуд;

- ба такя ба натиҷаи таҳқиқот роҳу усулҳои нави ташаккули тасаввурот ва тарбияи ахлоқиву иқтисодии наврасон дар хонавода баррасӣ гардид;

- тавсияҳои илмӣ-педагогӣ барои омӯзгорону мутахассисон оид ба роҳҳои баланд бардоштани фарҳанги хонаводагӣ ва тарбияи иқтисодии наврасон коркард ва оироа шуд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод карда мешаванд:

- махсусият ва мушкилоти асосии тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода дар замони иқтисоди бозорӣ;

- роҳҳои самарабахш барои ҳал намудан ва баланд бардоштани сатҳи тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода;

- ҷустуҷӯи роҳу усулҳои беҳтарин дар раванди тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода;

- роҳ, усул, метод, технологияи педагогиву психологии баланд бардоштани сатҳи тарбияи наврасон дар хонавода дар замони иқтисоди бозорӣ;

- рушди тасаввурот, дониш, маҳорату малакаи ахлоқиву иқтисодии наврасон дар тарбияи хонаводагӣ дар замони иқтисоди бозорӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароту тавсияҳои назариявӣ доир ба роҳҳо, усулҳо ва методҳои тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода, ки дар диссертатсия ироа шуд, ба методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии педагогиву психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ такя мекунад, ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода қарор гирифта метавонад.

Коркарди назариявӣ ва методии мавзуи мавриди таҳқиқ ва тавсифи амалӣ дар интихоби роҳҳо, методҳо, усулҳо дар ин самт ба талаботи дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодии замони иқтисоди бозорӣ барои хонаводаҳо ҷиҳати ҷустани роҳу усулҳои беҳтарини тарбияи иқтисодии наврасонро мусоидат мекунанд.

Натиҷаҳои кори озмоишӣ ба васеъсозии тасаввуроти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ташаккули салоҳияти иқтисодии онҳо дар муҳити хонавода нигаронида шуда, имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудбудаи масъалаи тарбияи иқтисодии насли наврас дар муҳити оилавӣ ба ҳадди ақал расонида шуда, назарияи педагогиро дар бораи тарбияи иқтисодӣ дар оила пурра месозанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат мебошад, ки асосу тавсияҳои методии дар амал санҷидашуда, натиҷаҳои илмии он ба сифати маводи коркардшуда ва тавсияҳои амалӣ дар фаъолияти тарбияи кӯдакону наврасон асос ёфтааст.

Маводи ҷамъбастшудаи таҳқиқот ба сифати маводи амалӣ дар фаъолияти кӯдакон дар асоси фарҳанги хонаводагӣ дар тартиб додани барномаю дастурҳои таълимию методӣ кӯмак мерасонад.

Хулоса ва натиҷаҳои бадастомадаро омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ метавонанд зимни таҳияи барномаҳо ва технологияҳои ташаккули муносибати арзишнок нисбат ба тарбияи иқтисодии хонандагон дар оила ва ғанигардонии таҷрибаи маънавӣ-ахлоқӣ ва иқтисодии хонандагон тавассути эҷоди низоми тавсияҳои амалӣ дар шароити ҷомеаи муосир истифода баранд.

Ҳамзамон, тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон метавонанд ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор доир ба ташаккули тарбияи иқтисодии бачагон дар оила истифода баранд.

Маводи бадастомада ва хулосаҳои тадқиқот метавонанд ҳангоми маърузаҳо, курсҳои махсус, семинарҳо барои мактаббачагон, омӯзгорони оянда ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон мавриди истифода қарор бигиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқот.** Натиҷа, муқаррарот, хулоса ва тавсияҳои илмие, ки дар диссертатсия таҷассум ёфтаанд, бо методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии ташхиси педагогӣ-психологӣ асоснок карда шуда, ба методҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот такя мекунанд. Онҳо, ҳамчунин, бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо;) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми муаллиф дар таҳқиқоти мазкур дар омӯзишу таҳлил ва дуруст ҷо ба ҷо намудани

маълумоти зарурӣ, дар коркарди пахлуҳои муҳимми проблемаи таҳқиқ, мураттаб намудани нақшаву барномаи таҳқиқот ва корҳои таҷрибавию озмоишӣ, таҳияи мақолаҳои илмӣ, баргузории таҳқиқоти озмоишӣ ва пешниҳоди роҳу усулҳои муосир оид ба фарҳанги хонаводагӣ дар тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ зуҳур меёбад. Саҳми иштироки бевоситаи унвонҷӯ барои ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқот аз ҳама бештар буда, қисмати асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад.

**Тасвиб (таъйид) ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Муаррифии натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ дар рафти гузориши корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, семинарҳо доир ба масъалаҳои назариявӣ ва амалияи роҳҳо ва усулҳои тарбияи хонаводагии иқтисодии наврасон, дар гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, зимни баромадҳо ва суханрониҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ сурат гирифтанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсияи илмӣ дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара якчанд маротиба (давоми солҳои 2019-2022) баррасӣ гашта, дар конференсияҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар ба таври васеъ баррасӣ шудаанд.

**Интишори натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро дар бар мегиранд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**: Диссертатсия аз 2 боб, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 171 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия гардидааст. Рӯйхати адабиѐти истифодашуда 163 номгӯйро ташкил карда, дар матни диссертатсия 6 ҷадвал ва 4 диаграмма истифода шудааст.

# БОБИ I. ХОНАВОДА - ОМИЛИ ЁРИРАСОН ДАР ТАРБИЯИ ИҚТИСОДИИ НАВРАСОН

## 1.1. Хонавода ҳамчун институти махсус ва муҳими тарбия

Дар сохтори иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа хонавода нақши асосиро дорост. Махсусияти институти хонавода дар он зуҳур меёбад, ки ташкилоти мустаҳками ду ё зиёда аз он одамон буда, онҳоро байни худ аз роҳи наздикии хун, шохаҳои никоҳӣ тобеъ менамояд. Илмҳои гуногун ба институтҳои хонавода баҳои гуногун медиҳанд ва дар пояи баъзе баҳси илмҳои гуногунро нисбати институти хонавода меорем.

а). Сиёсатшиносӣ. Муносибати сиёсатшиносон дар масъалаи хонаводагӣ мазмунҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҷамъиятии гурӯҳи муайянро ба танзим медарорад.

2.Ташкилоти муайяни иҷтимоӣ, сиёсиест, ки дар асоси қоидаҳо ва модели рафтор амал карда, воҳиди муайянро дар ҷомеа иҷро менамояд.

3.Маҷмуи меъёрҳои муносибат ва тартиботи ҷамъиятиест, ки аз рӯи меъёрҳои аниқ муттаҳид гаштаанд [2.32, с.88].

б). Ичтимоишиносӣ. Хонавода институти универсиалии иҷтимоии бунёдист. Олимон хонаводаро садсолаҳо таҳқиқ менамоянд. Иҷтимоишиносон мафҳуми муайян ва аниқи институти хонаводаро пешниҳод менамоянд. Чунончӣ, Ҷорҷ Мердок чунин муайянкунии мафҳумро пешниҳод менамояд: «Хонавода ин гурӯҳи иҷтимоиест, ки бо зист дар манзили умумӣ ҳамкориҳои иқтисодӣ ва истеҳсолоти якҷоя фарқ мекунад [2.15. с.15]. Ичтимоишиносон хонаводаро, ҳамчун, институт ва гурӯҳи иҷтимоӣ медонанд. Институти хонавода маҷмуи меъёрҳои иҷтимоӣ, намунаҳои рафтор, ки муносибатро байни ҳамсар, волидайн, фарзандон ва дигар аҳли хонавода ба танзим дароранда мебошад.

в). Равоншиносӣ. Муносибати равоншиносон нисбат ба институти хонавода хусусияти худро дорад. Дар ин муносибати хонавода

фаъолияти ҳаётие дида мешавад, ки дар дохили он талаботи махсуси одамони бо ҳам, ҳамхун ва хешованд таъмин мегардад. Аз рӯи ақидаи равоншиноси маъруф Г.Навайтис хонавода гурӯҳест, ки талабот аъзоёни онро қонеъ мегардонанд. Ин талабот хеле бомуваффақият дар фаъолияти якҷояи гурӯҳи одамон қонеъ гардонида мешавад [2.53, с.202].

г). Назарияи иқтисодӣ. Хонавода ҷомеаи одамонест, ки дар асоси ҳамхунӣ ва тарзи зист ба ҳам алоқаманд мебошанд, дар фаъолияти ҳаётии онҳо талаботи табиӣ, иқтисодӣ ва маънавии онҳо қаноатманд мегардад. Вазифаи иқтисодии хонавода дар иқтисоди бозорӣ гуногун аст. Ин, пеш аз ҳама, дар бузургии хоҷагии хонаводагӣ, ба даст овардани сармояи хонавода, таъмин намудани зарурати дараҷаи талабот ифода меёбад. Нақши хонавода дар иқтисоди бозорӣ чандтарафа аст. Он хоҷагидории хонаводагӣ ва истеҳсолӣ, яъне истеъмолкунанда буда ҳам дар як вақт амонатгузор ва ҳам маблағгузор мебошад. Хонавода ҷузъи асосии ҷомеа буда, ба он таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Дар дараҷаи он ҷанбаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа омӯхта мешавад. Сиёсати хонавода, бешубҳа, равияи бартариятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад [2.38,с.60].

Нишонаҳои асосии хонавода аз рӯи назари илмҳои гуногун чунинанд:

1. Иттиҳодияи зан ва мард.
2. Бо хоҳиши худ якҷоя никоҳ бастан.
3. Зиндагии муштарак дар як манзил.
4. Аъзоёни хонавода ба маишати якҷоя алоқаманданд.
5. Муносибати маҳрамонаи никоҳӣ доштан.
6. Майл ба тавлид ва тарбияи кӯдак.
7. Буҷети хонаводаи умумӣ [3.72., с.13].

Ҷудо кардани институти хонавода аз дигар институтҳои ҷамъиятӣ ва таҳқиқи ҳаматарафаи он тасодуфӣ нест. Зеро маҳз хонавода иттиҳодияи зиёди намунаҳои фарҳангие, ки аз як насл ба насли дигар

интиқол дода мешавад ва ҳамчунон, як шарти иҷтимоишавии шахс ба шумор меравад. Бинобар ин, маҳз дар хонавода инсон нақши иҷтимоӣ, маълумот ва тарбияи асосӣ, малакаҳои рафторро соҳиб мегардад.

Хонавода ин муҳитест, ки барои инкишофи шахсият нақши муҳим мебозад, нақши он дар ҳаёти ҷомеа ва давлат назаррас буда, барои тарбияи насли наврас мусоидат менамояд. Барои таъмини оромии ҷамъиятӣ ва рушди ҷомеа низ мусоидат менамояд.

Институти тарбия ин ташкилот ва сохторҳои ҷамъиятиеанд, ки дар онҳо кӯдак тарбияи иҷтимоӣ мегирад ва муҳити ин ташкилот ба рушди шахс таъсири назаррас мегузорад. Хонавода ва мактаб аз ҷумлаи он институтҳои иҷтимоианд, ки он ҷо кӯдак тахти тарбия фаро гирифта мешавад. Хонавода ин институти тарбиявии анъанавист. Зеро, маҳз дар хонавода кӯдак аввалин донишро дар бораи олами атроф мегирад. Дар сурати нуфузи фарҳангӣ ва маърифатии волидайн кӯдак на танҳо дониши ибтидоӣ мегирад, балки дониш ва маърифати волидайн ба рушди ҳаматарафаи фарзандон таъсири назаррас мегузорад, кӯдак дар тамоми давраи зиндагӣ дар хонавода аз донишу маърифати волидайн бархурдор мегардад. Хонавода ин макони таваллуди кӯдак, муҳити зист, муҳити муайяни ахлоқӣ - психологӣ буда, аввалин мактаб барои кӯдак дар муносибат бо атрофиён мебошад. Маҳз дар хонавода тасаввуроти кӯдак оид ба неку бад, эҳтиром ба арзишҳои моддӣ ва маънавии зиндагӣ пайдо мешавад. Бо одамони ба худ наздик кӯдак муҳаббат, дӯстӣ, рафоқат, вазифа, масъулият, садоқат меомӯзад. Он арзишҳои иҷтимоие, ки кӯдак дар хонавода бархурдор мегардад, дар давоми зиндагиаш ҳамқадаманд. Тарбияи хонавода аз он хотир муҳим аст, ки дар хонавода кӯдак бештар вақти ҳаёти худро мегузаронад ва дигар институтҳои тарбия мисли хонавода дар ташаккули кӯдак нақши муҳим бозида наметавонанд. Маҳз дар хонавода асосҳои ибтидоии ташаккулии кӯдак анҷом мепазирад ва вақте ки кӯдак ба мактаб меравад, ӯ аллакай шахси қисман ташаккулёфта аст. Хонавода маконест, ки фарзандон аввалин қадамҳоро дар муоширати мегузоранд. Ҳамчунин, хонавода гурӯҳи

иҷтимоиест, ки аз 2-3 насл ташкил ёфтааст. Бинобар ин, кӯдак аз хурдсолӣ бо арзишҳои гуногуни ҳаётӣ, идеяҳои гуногун, нуқтаи назар, эътиқод рӯ ба рӯ мегардад. Аҳли хонавода ҳамдигарро эҳтиром мекунанд, кори якҷояро иҷро менамоянд, муносибати байниҳамдигариро эҳтиёт мекунанд ва ин ба ташаккули шахсияти кӯдак таъсири воқеан мусбатро мегузорад.

Новобаста аз бартарии худ хонавода нисбат ба дигар институтҳои тарбиявӣ низ маҳдудиятро дорост. Зеро, тарбия дар хонавода дар он зуҳур меёбад, ки он аз имконияти волидайн берун намебарояд, аз дараҷаи ташаккули зеҳнӣ ва фарҳангии аҳли хонавода муҳити зисти хонавода вобаста аст. Боварӣ ва тарс, оромӣ ва изтироб, муоширати гарм ва сард ҳамаи ин хислатҳое мебошанд, ки кӯдак аз хонавода ба мерос мегирад. Муносибат байни аҳли хонавода нисбати ҳама гуна муносибатҳои инсонҳо мустаҳкам мебошад. Дар хонавода чор намуди муносибатҳо амалӣ мегарданд, ҳар кадоми онҳо то андозае ба ташаккули шахсияти кӯдак саҳмгузоранд. Чунончи:

1. Равонию ҷисмонӣ. Ин муносибати ҳамхунии биологӣ ва ҷинсӣ ба шумор меравад.

2. Равонӣ. Ин муносибат дар худ эътимод, ғамхорӣ нисбат ба ҳамдигар, дастгирии эмотсионалию ахлоқии ҳамдигарро дар бар мегирад.

3. Иҷтимоӣ. Ин муносибат дар худ тақсимоти нақш дар хонавода мутеияти моддӣ, нуфуз, роҳбарӣ, тобеиятро дар бар мегирад.

4. Фарҳангӣ. Ин муносибатҳои махсус дар байни хонавода мебошанд, ки дар асоси анъана, урфу одатҳои маданӣ, миллӣ ва динӣ бунёд гаштаанд.

Ҳамаи ин маҷмуи муносибатҳои мураккаб ба тарбияи кӯдак таъсири аниқ мегузорад. Дар дохили худ ҳар яке ин муносибатҳо ҳам ризоият ва норизоияти тарафайн ҷой дорад, ки ба тарбияю ташаккули кӯдак таъсири муайяни мусбат ё манфӣ мегузоранд.

Вобаста ба нақши назарраси хонавода дар тарбияи кӯдак ҳақиқате пайдо мешавад, ки чи тавр нақши тарбияро мусбат намуда нақши манфиро аз байн бурд. Ин, пеш аз ҳама ба муҳити хонавода вобаста аст. Дараҷаи нуфузи аҳли болиғи хонавода маҳз муҳити тарбиявии хонаводаро солим месозад. Аз ҳама, бештар номатлубии тарбия дар хонавода аз он сарчашма мегирад, ки муносибатҳои дохили хонавода носолим бошад, эътимод нисбати ҳамдигар набошад, таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ байни аъзои хонавода, ҳурмату эҳтиром ва дастгирии равонии ҳамдигар мавҷуд набошад. Сабабҳои асосии ин носолимии хонавода гуногун аст. Аввал ин, ки норозигии ҳамдигарӣ байни волидайн, назари гуногун ба арзишҳои маънавӣ, муносибати гуногун нисбати фаҳмиши виҷдон, ахлоқ, вазифа, мушкилоти иқтисодӣ масъулият дар пеши хонавода маҳз боиси носолимии муҳити тарбиявии хонавода мегардад. Ҳамаи ин, албатта, ба номатлубии дараҷаи тарбияи кӯдак дар хонавода мегардад. Бинобар ин, солимии муҳити хонаводагӣ ин шарти асосии тарбияи хонаводагӣ мебошад. Танҳо хонаводаи солим метавонад вазифаи масъул, яъне тарбияи шахсиятро иҷро намояд. Хонаводаи солим метавонад, аз ҷиҳати мусбат ташаккул ёфтани насли наврас мусоидат намояд. Бинобар ин, бояд зикр намуд, ки дар давраи ибтидоии ҳаёти кӯдак нақши хонавода хеле назаррас аст. Албатта, ташаккули минбаъдаи шахсият ба хонавода вобаста аст, аммо баробари болиғшавӣ кӯдак дар зери таъсири дигар институтҳои тарбиявӣ ташаккул меёбад. Он ҳақиқате, ки ҳозир ҷой дорад, инкор кардан мумкин нест, яъне, хонавода чи хеле ки бошад, маҳсули он дар ташаккули аҳли хонавода инъикос меёбад.

Хонавода гурӯҳи иҷтимоии паҳншуда, ҷузъи ҷомеа буда, инсон дар он таваллуд мешавад, инкишоф меёбад ва вақти зиёди зиндагии худро дар хонавода паси сар мекунад. Муносибатҳои хонавода одатан психология ва рафтори одамонро муайян менамояд. Ҳамчун, ҷузъи иҷтимоии ҷомеа хонавода талаботи инсонро қонеъ мегардонад ва идомадиҳандаи насли инсонӣ ба шумор меравад. Дар як вақт, хонавода

талаботи инфиродии ҳар як аъзои онро қонеъ намуда, ҳамзамон талаботи умумӣ-хонаводагиро қонеъ менамояд.

Мазмуни тарбияи хонаводагӣ хеле мураккаб мебошад ва сатҳи гуногунро дар бар мегирад.

Тарбияи хонаводагӣ ин раванди таъсири волидайн ба аъзои хонавода – фарзандон бо мақсади ба даст овардани натиҷаи матлуб мебошад.

Тарбияи иҷтимоии хонаводагӣ ва меҳнатӣ дар ягонагӣ ба амал татбиқ карда мешаванд. Нақши муайянкунандаи хонавода дар он аст, ки вай ба аъзои худ таъсири бештар мегузорад. Хонавода барои фарзандон муҳити зист, ҳамчунон муҳити тарбиявӣ ба шумор меравад.

Таъсири хонавода ба наврасон дар синни хурдсолӣ назар ба дигар институтҳои тарбиявӣ бештар мебошад. Тибқи таҳқиқот хонавода дар тарбияи насли наврас нисбати мактаб, воситаҳои ахбори оммавӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ, коллективҳои меҳнатӣ, дӯстон, адабиёт, санъат афзалият дорад. Бинобар ин, ба педагогҳо лозим аст, ки бештар бо хонавода ҳамкорӣ ва робитаи наздик дошта бошанд.

Ин чиз аниқ аст, ки чигунагии хонавода ба ояндаи кӯдакону наврасон таъсир мегузорад.

Дар хонавода сифатҳое ташаккул меёбанд, ки ташаккулёбии онҳо дар муҳити берун аз он имкон надорад. Хонавода аъзои ҷомеаро парвариш мекунад ва аз чигунагии хонавода чигунагии ҷомеа бармеояд.

Хонавода идомадиҳандаи анъанаҳо мебошад. Вазифаи асосии хонавода тарбияи шаҳрванди ватандӯсти қонунпарасти ҷомеа мебошад.

Таъсири хонавода ба интихоби шуғлу касб низ хеле зиёд аст. Дар ҷомеаи имрӯза дар хонавода буҳрон мушоҳида карда мешавад ва роҳҳои халосӣ аз ин варта равшан нест.

Буҳрон дар он зоҳир меёбад, ки хонавода дар вазифаи асосии худ-тарбияи фарзанд ночор мондааст. Ин, пеш аз ҳама, аз буҳрони иқтисодиву иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеа маншаъ мегирад.

Сабабҳои асосии сатҳи пасти тарбияи хонаводагӣ чунинанд:

- сатҳи пасти иқтисодии хонавода. Вақти зиёди волидайн барои қонеъ кардани истеъмолот сарф мешавад;

- сатҳи пасти ҳаёти фарҳангии ҷомеа, ташаннуҷи иҷтимоӣ, нобоварӣ ба оянда, тарсу ҳароси аз даст додани ҷойи кор хонаводаҳоро ба изтироби зиёд ва ҳолати стрессӣ рӯ ба рӯ кардааст;

- сарбории зиёд барои занҳо дар хонавода;

- барои тарбияи фарзандон мушкилотҳои зиёд эҷод намудани шумораи зиёди талоқҳо;

- огоҳӣ намудани фарзандон аз иқтисоди бозор.

Мазмуни тарбияи хонаводагиро мақсади асосии ҳар як ҷомеаи демократӣ муайян менамояд. Хонавода бояд шахсияти аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва рӯҳӣ солим, ахлоқи инкишофёфта, ки ба ҳаёти дар пеш истодаи хонаводагӣ ва ҷамъиятӣ омода аст, ташаккул диҳад. Ҳамчунин, тарбияи ватандӯстӣ, иқтисодӣ, экологӣ, сиёсӣ, ҷинсии насли наврас вазифаи муҳими хонавода ба шумор меравад.

Тарбияи ҷисмонии насли наврас яке аз масъалаҳои муҳими рӯзмара ба шумор меравад. Ҳеҷ кас шубҳа надорад, ки саломатӣ шарти асосии ҳаёти инсонӣ ба шумор меравад.

Тарбияи ҷисмонӣ дар хонавода дар асоси дуруст ба роҳ мондани тарзи ҳаёти солим, реҷаи дурусти рӯз, варзиш ва тамрини ҷисм ба даст меояд.

Тарбияи зеҳнӣ ба афзун намудани дониши фарзандон аз тарафи волидайн ба шумор меравад. Инкишофи шавқи маърифатӣ дар маркази вазифаи хонавода меистад.

Тарбияи ахлоқӣ дар хонавода воситаест, ки ба рушди шахсият боис мегардад. Ин ҷо муҳаббат, эҳтиром, накукорӣ, кирдори нек, адолат, поквиҷдонӣ ва бономусӣ дар мадди аввал меистанд. Ҳамчунин, дар муҳити хонавода дигар сифатҳои ахлоқӣ ба монанди талаботи оқилона, интизом, масъулият, мустақилият, сарфакорӣ ташаккул меёбад.

Муҳим он аст, ки хонавода тавонад инсони баркамолро ба воя расонад.

Тарбияи зебоипарастӣ, ин инкишоф додани истеъдод ва қобилияти кӯдакону наврасон буда, дар онҳо тасаввуротро дар бораи зебоӣ ва зебоипарастӣ дар ҳаёти воқеӣ ташаккул медиҳад.

Тарбияи меҳнатӣ асоси ояндаи фарзандонро поягузор мешавад. Барои шахсе, ки аз тарбияи меҳнатӣ бебаҳра мондааст, як роҳ, яъне ҷустуҷӯи ҳаёти «осон» мемонад. Ин, албатта, оқибати номатлуб дорад. Кадом волидайн намехоҳад, ки фарзандаш ба варзиш майл дошта бошад на ба тамоку, ба ҷойи машрубот ба таълим фаро гирад, ба ҷойи беҳуда вақт сарф кардан ба шуғли муфид машғул шавад. Барои волидайн тарбияи хонаводагӣ раванди бошууронаи ташаккули сифатҳои ҷисмонӣ ва равонии фарзандонашон мебошад. Ҳар як падар ва ҳар як модар бояд бидонанд, ки онҳо фарзандро тарбия менамоянд. Ин хусусияти бошууронаи тарбияи хонаводагиро муайян менамояд ва талаботи оқилонаи муносибатро ба ҳалли вазифаҳои тарбия равона месозад.

Ба андешаи академик Лутфуллозода М. тарбияи иқтисодӣ ба шаҳрванд имконият медиҳад, ки дар низоми иқтисоди миллии кишвар ва иҷтимоии ҷомеа мақоми худро дошта бошад. Тарбияи иқтисодӣ аз оила оғоз ёфта, дар муассисаҳои таълимӣ ва истеҳсолот давом меёбад [2.71. с. 419].

Дар шароити иқтисоди бозорӣ дар ҷомеа дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пеш омадаанд. Акнун барои шахсе, ки дар ҷомеа фаъолият карда тавонад ва ба дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мутобиқ шавад, шартҳои наве заруранд. Шахси даврони иқтисоди бозорӣ бояд ташаббускор бошад, қобилияти фавқулоддаи фикр карданро доро бошад. Ҳамчунин, қарори қатъӣ қабул кардан, масъулиятро доро будан низ талаботи замон аст. Таҳлил ва пешгӯйӣ карда тавонистан низ шарти мутобиқшавии шахс дар шароити ҷаҳонишавии бозор ва сотсиофарҳангӣ мебошад. Ана ҳамин шароит аз системаҳои тарбиявӣ муносибати навро дар тарбияи насли наврас тақозо менамояд. Дар ин

мавриди масъала танҳо дар сурати ворид намудани навоварӣ дар тарбия ва таълим ҳаллӣ худро меёбад. Хусусияти калидии ин омӯзиш на танҳо аз худ кардани маҷмуи дониш ва маҳорат, балки маҳорати омӯхтан дар тамоми лаҳзаҳои ҳаётии худ буда, интихоб ва нав кардани касб шарти асосӣ ба шумор меравад.

Дар замони имрӯзаи кишвар шароит ва арзишҳои нав ба миён омадаанд, ки комилан аз хонавода, мактаб ва ҷомеа муносибати навро дар тарбияи насли наврас тақозо менамояд.

Дар шароити иҷтимоии имрӯза, вақте ки ба табақа ҷудошавии ҷомеа, нобаробарӣ аз нуқоти дороӣ босуръат идома дорад, волидайн камтар ба фарзандони худ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба ҳалли мушкилиҳои иҷтимоию маишии худ машғуланд. Кӯдакон ба ҳоли худ, таҳти таъсири кӯчаву бозор қарор гирифта, то андозае аз назорати хонаводагӣ дур мондаанд. Маҳз, дар чунин шароит масъалаи таваҷҷуҳи волидайн ба фарзандон ва тарбияи хонаводагӣ ҳамчун масъалаи мубрам дар назди ҷомеа меистад.

Волидайн дар масъалаи тарбия ба кумаки махсуси психологӣ ниёз доранд. Ин кумак, пеш аз ҳама, аз тарафи мактаб ва дигар институтҳои тарбиявӣ ба волидайн расонида мешавад. Дар ин шароит ҳамкории мутақобилаи хонавода ва мактаб дар ҳалли масъалаи таълиму тарбия яке аз роҳҳои муҳим ба шумор меравад.

Захираҳои педагогии хонавода дар худ маҷмуи шартҳо ва воситаҳоеро дар бар мегиранд, ки имконияти педагогии хонаводаро муайян менамоянд.

Омӯзиш нишон дод, ки хонаводаҳои тоҷик дар шароити тезутундшавии муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ба таври бояду шояд дар ҳалли масъалаи тарбияи шахсияти замони иқтисоди бозорӣ омода нестанд. Камбудиҳои асосии хонаводаҳо дар надоштани дониши психологиву педагогӣ дар бораи меъёрҳои синнусолӣ, шакл ва методҳои тарбия мебошанд. Зеро тарбияи шахсияти замони иқтисоди бозорӣ тақозо менамояд, ки шахс бояд ҳозиразамон, рақобатпазир аз як тараф,

аз тарафи дигар бояд аз нигоҳи ахлоқӣ устувор бошад. Танҳо маърифати психологиву педагогӣ шарти ягонаи амаликунии имкониятҳои педагогии хонавода ба шумор меравад. Омилҳои асосии имконияти хонавода, ба андешаи мо, чунинанд:

1. Хонавода фазои мувофиқро барои худшиносӣ муҳайё менамояд ва дар ин раванд шахсият ташаккул меёбад. Аз ин хотир, хонавода ҳамчун шароити муҳим барои худшиносӣ маҳсуб меёбад. Аммо ин ҷо бояд қайд намоем, ки хонавода ҳамчун шароити мусоид барои ташаккули худшиносӣ мегардад ё барои ин ташаккул монеа мешавад.
2. Муҳити таълимӣ. Ин имконият дар раванди таълим инкишоф меёбад. Дар муҳити гуногуни таълимӣ майдони донишгирӣ васеъ мегардад, дониши дар мактаб гирифта ривоҷ меёбад. Ҳама донишҳои азхудкарда минбаъд имкон фароҳам меоранд, ки шахс ба ҳаёти воқеӣ мутобиқ шавад.

Ҳамкории мутақобилаи хонавода бо мактаб ҳамчун шарти муҳим барои худшиносии наврасон ба шумор меравад. Ба ҳаёти мактаб фаъолона ҷалб намудан ва ҳалли якҷояи педагог-омӯзгор ва волидайн ба мақсади ниҳоӣ, тарбияи худшиносии наврасон муҳим мебошад.

Субъекти ҳамкории мутақобилаи хонавода ва мактаб ин педагог (роҳбари синф) ва волидайн мебошанд. Ин ҳамкорӣ ба ташаккули худшиносии наврасон равона карда мешавад. Наврасон ин пайвандкунандаи ҳамкории мактаб ва хонавода ба ҳисоб меравант. Фаъолияти якҷояи мактаб, омӯзгор ва волидайн маҳз ба ташаккули худшиносии наврас равона аст. Мақсад, намуд ва шакли фаъолият дар кори якҷояи педагог ва наврас муайян карда мешавад. Ҳамкории якҷояи мактаб ва хонавода бо истифодаи шакл ва методҳои гуногун, ба монанди суҳбат, муҳокима, тренинг ва ба лоиҳагирӣ амалӣ мегардад. Хусусияти асосӣ дар ин ҷо муколама ва эҷод мебошад. Рӯ овардан ба тамоюли худинкишофдиҳӣ, худшиносӣ, пеш аз ҳама, тақозо менамояд, ки ба

наврас озодӣ дар қабул кардан, кори эҷодӣ, интихоби мазмун ва тарзи фаъолият озодӣ додан шарти асосии комёб шудан дар ҳаёт мебошад.

Педагогҳоро лозим аст, вазъияти воқеиро дар ҳамкории волидайн ва фарзандон фароҳам оранд, то наврасон тавонанд роҳи ҳаёти худро пайдо намоянд. Интихоби мақсадҳои ҳаётӣ, роҳҳои инкишофи худшиносии худ ва мутобиқшавӣ дар зиндагии болиғ санҷиши ниҳоию ҷиддӣ барои наврасон мебошад.

Ҳамкории мутақобилаи мактаб ва хонавода дар роҳи ҳал намудани мақсадҳои дарозмуддати инкишофи наврас шароитро барои ташаккули худшиносии ӯ фароҳам меорад.

Вазифаҳои хонавода дар тарбияи фарзандон чунинанд:

- фароҳам овардани шароити мувофиқ барои инкишофи наврас;
- ҳифзи иҷтимоиву иқтисодӣ ва психологии наврас;
- омӯзонидани таҷрибаи хонаводагӣ барои ташкили хонавода дар оянда;
- омӯзонидани малака ва маҳорати муфид барои худхизматрасонӣ, ҳамчунин, омӯзонидани кӯмак ба дигарон;
- тарбияи ҳиссиётии қадр кардани шахсияти худ, яъне эҳтироми шахсияти худ.

Мақсади тарбияи хонаводагӣ ташаккули чунин хислатҳои шахсӣ мебошад, ки барои бартараф кардани монеаҳо, мушкилиҳои дар ҳаёт мавҷудбуда равона карда мешавад.

Инкишофи зеҳнӣ ва эҷодӣ, таъмини таҷрибаи ибтидоии фаъолияти меҳнатӣ, ташаккули ахлоқ ва зебоипарастӣ, эҳсосоти фарҳангӣ, саломатии ҷисмониву равонӣ ба хушбахтии фарзанд дар хонавода вобаста аст. Дар ин самт маҳз волидайн ҳамчун аввалин мураббӣ таъсири асосиро ба кӯдакону наврасон мегузоранд. Таъсири хонавода ба наврас имрӯз ба ҳама маълум аст. Аввалин қадамҳои шахсият шудани наврас маҳз дар хонавода гузошта мешавад.

Тарбияи хонаводагӣ аз рӯйи хусусияти худ эҳсосотӣ мебошад, зеро он дар пояи муҳаббати волидайн бо фарзанд ва бараъкс муҳаббати фарзанд ба волидайн бунёд мегардад.

Таъсири хонавода ба наврасон дар хусусиятҳои зер ифода мегарданд:

1. Хонавода ҳамчун эҳсоси бехатарӣ арзи вуҷуд дорад.

Хонавода асосан ҳиссиёти бехатариро ба наврас дода, ҳамчун кафолати бехатарии муносибати мутақобилаи наврас бо ҳаёт баромад мекунад. Наздикони хонавода ҳамчун кафолати дастгирӣ дар лаҳзаҳои душвори ҳаётӣ дониста мешаванд.

1) Барои наврасон рафтори волидайн ҳамчун модели тақлидӣ хизмат мекунад. Кӯдакону наврасон одатан ба атрофиёни худ тақлид мекунанд ва он бечунучаро иҷро мегардад. Воқеан, наврасон кӯшиш мекунанд, ки дар лаҳзаҳои ҳаёти худ мисли волидайнашон амал намоянд.

2) Хонавода барои таҷриба андӯхтани наврасон аҳамияти назаррас дорад. Дар ин ҷода таъсири волидайн хеле пурзӯр аст, зеро таҷрибаи ҳаётии онҳо ҳамчун мактаби ҳаёт ба фарзандон хизмат мекунад.

3) Захираи дониши маърифатии фарзандон аз он вобаста аст, ки волидайн чӣ гуна ин донишро ба онҳо пешниҳод менамоянд. Дараҷаи маърифат ва мақому мартабаи волидайн, ҳамчун, захираи маърифатии фарзандон хизмат менамояд.

4) Хонавода ҳамчун омили муҳим дар ташаккули интиҳоӣ ва рафтори наврас хизмат мекунад. Аз волидайн наврасон чи хел дар лаҳзаҳои ҳаётӣ амал карданро меомӯзанд.

5) Муошират дар хонавода намуна дар ҳаёт мегардад. Муошират дар хонавода ба наврас кумак менамояд, ки нуқтаи назар, меъёрҳои рафтори худро муайян намояд. Инкишофи наврас ба дараҷаи сифатии муошират дар хонавода вобаста аст. Хонавода барои наврас ин макони таваллуд ва муҳити асосӣ барои зиндагӣ мебошад. Дар хонавода

ӯро одамони наздик иҳота мекунанд, ӯ барои аҳли хонавода одами худӣ аст.

Маҳз дар хонавода наврас дониши маърифатиро роҷеъ ба ҳаводиси гирду атроф ва дунё дар сатҳи баланди маърифатӣ ва фарҳангии волидайн аз худ мекунад. Хонавода худ муҳити махсуси ахлоқиву психологӣ буда, аввалин мактаби ҳаётӣ барои наврасон мебошад. Маҳз дар хонавода наврас оид ба баду нек, эҳтиром ба арзишҳои моддӣ ва маънавӣ тасаввурот пайдо мекунад. Аз одамони наздик наврас ҳиссиёти муҳаббат, дӯстӣ, адолат ва масъулиятро меомӯзад.

Махсусияти тарбияи хонаводагӣ аз ҷамъиятӣ дар он аст, ки аз рӯйи талаботи худ тарбияи хонаводагӣ дар пояи ҳиссиёт бунёд мегардад. Зеро, хонавода дар пояи ҳисси меҳру муҳаббат, ғамхорию навозиш ва маҳорати неки инсонӣ бахшидан бунёд мегардад. Агар дар хонавода ҳамоҳангии ҳиссиёт мавҷуд набошад, дар чунин хонаводаҳо инкишофи наврас мушкил мешавад ва тарбияи хонаводагӣ омили манфӣ барои ташаккули шахсият мегардад.

Махсусияти дигари тарбияи хонаводагӣ дар он аст, ки дар хонавода гурӯҳи аз ҷиҳати синну сол фарқкунанда зиндагӣ мекунанд, яъне наслҳои гуногуни дар як гурӯҳ ҳаёт ба сар мебурдагӣ мавҷуданд. Анъана, назарҳои гуногун, фарҳанг, ақидаи аъзои хонавода ба ташакули шахсияти наврас таъсир мегузоранд.

Тарбияи хонавода аз ҷиҳати вақт маҳдуд нест ва шабу рӯз ё сол, умуман тамоми умрро фаро мегирад.

Фаъолияти хаёти хонавода аз ҷиҳатҳои гуногун чунин омилҳоро дар бар мегирад:

**1. Омили иҷтимоӣ-фарҳангӣ**. Хонавода ин маҷмуи мураккаби муносибатҳои ҳамсарон, волидайн, фарзандон ва дигар хешу ақрабо мебошад. Дар якҷоягӣ ин муносибатҳо муҳити хонаводаро ташкил мекунанд. Ин муҳит ба ҳиссиёти ҳамаи аҳли хонавода таъсиргузор аст.

Аз оне ки чи гуна калонсолон ба наврасон таъсир мегузоранд, наврасон зиндагиро ҳамон тавр тасаввур мекунанд.

**2. Омили иҷтимоӣ-иқтисодӣ** мебошад, ки хусусияти моликиятро дар бар мегирад. Имконияти аз ҷиҳати моддӣ таъмин намудан, таълимро пардохт кардани хонавода аз вазъияти ҷамъиятиву сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии кишвар вобаста аст.

**3. Омили техникӣ-гигиенӣ**. Захираи тарбиявии хонавода аз макон ва муҳити зист, таҷҳизоти манзил, махсусияти тарзи зисти хонавода вобаста аст. Муҳити зебои бофароғат ба тарбияи наврас таъсири бештар мегузорад.

4. **Омили демографӣ**. Сохтор, ҳайати хонавода, аз чанд нафар иборат будани онҳо низ таъсиргузор аст.

## 1.2. Ҷанбаҳои назариявии тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода

Омӯзиши методологии мафҳум моро водор месозад, ки каме ба таърих рӯ оварем. Чӣ хел мафҳуми «иқтисодиёт» пайдо шудааст? Моҳияти он дар чист? Мафҳуми «тарбияи иқтисодӣ» чиро ифода мекунад?

Аввалин маротиба мафҳуми «иқтисодиёт»-ро мутафаккирони Юнони қадим истифода намудаанд. Дар асарҳои Арасту мо мафҳуми «иқтисодиёт»-ро дучор меоем ва мутафаккир кӯшиш намудааст, ки мафҳумро шарҳ диҳад. Арасту навишта буд, ки дар одамон ду намуди худогоҳӣ мавҷуд аст. Гурӯҳи якуми одамон мехоҳанд, ки ҳар чи бештар сарват, неъматҳои моддӣ ҷамъ оваранд ва лаззат баранд. Гурӯҳи дигари одамон кӯшиш мекунанд, барои ба дигарон кӯмак кардан анҷом диҳанд. Бо гуфтаи мутафаккир, маҳз тарбия дар рӯҳи «накукорӣ» ягонагии шахсӣ ва ҷамъиятии инсонҳоро нишон медиҳад.

Акидаи мутафаккири Юнони қадимро роҷеъ ба усули тарбияи насли наврас маорифпарварон ва педагогҳои асрҳои баъдина дар асарҳо ва андешаҳои худ тақвият бахшиданд. Асосгузори илми педагогика Ян

Амос Коменский зикр намудааст, ки дар кӯдакон аз синни хурдсолӣ бояд маҳорати фаҳмидани асосҳои хоҷагидорӣ инкишоф дода шавад. Дониши иқтисодӣ аз рӯйи фаҳмиши Каменский ин фаҳмидани идора кардани хоҷагии хонавода мебошад.

Дар асарҳои сотсиал-утопистҳо масъалаи тарбияи иқтисодии наврасон ва ҷавонон равшан баррасӣ гардидааст. Дар асари Шарп Фуре «Дар бораи тарбия дар вақти мутаносибӣ» андеша дар бораи зарурияти дар кӯдакон тарбия кардани маҳорати иҷро намудани вазифахои истеҳсолӣ, тақсимот ва талабот равшан баррасӣ гаштааст [2.3, с.25].

Маорифпарвари дигари англис Роберт Оуен андешаҳои Фуреро инкишофу тақвият дода, изҳори ақида мекунад, ки бояд ба кӯдакон маҳорати ҳалли усулҳои корҳои мураккаби ҳаётӣ омӯзонида шавад. Онҳоро чунон тарбия кардан лозим аст, ки истифода бурдани неъматҳои моддиро аз худ намоянд.

Таваҷҷуҳи муайяни омӯзиши проблемаҳои тарбияи иқтисодӣ дар корҳо ва таҳқиқоти педагоги рус К.Д. Ушинский низ вомехӯрад. Номбурда зикр намудааст, ки барои ҷомеа масъалаи омӯзиши ҷавонон барои омода будан ба ҳаёти иқтисодӣ тавассути ҷалб кардани онҳо ба меҳнат рукни муҳим ва асосӣ ба шумор меравад. Ба андешаи муҳаққиқ маҳз меҳнат асоси тарбия ва шарти хушбахтии инсон дар ҳаёти воқеӣ ба шумор меравад. Ушинский навишта буд, ки илми хоҷагӣ инсонро ба он баландие мебардорад, ки як нобиғаи он метавонад талаботи як халқро қонеъ гардонад [2.3, с.28].

Рушди тарбияи иқтисодии шахс таърихи дуру дарозро дар бар мегирад. Асоси он дар корҳои педагогҳои классики аврупоӣ ба монанди Я.А. Коменский, Ҷ. Лок, Ж.Ж. Руссо, Г. Песталотси ва ғайра ҷамъбаст гардидааст. Дар асарҳои педагогҳои то инқилобии рус, аз ҷумла, К.Д. Ушинский, С.Г. Шатский ва дигарон ақидаҳои педагогҳои Аврупо тақвият дода шудаанд.

Имрӯз омӯзиши васеи мафҳуми тарбияи иқтисодӣ дар илми педагогикаи давлатҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил ҷой дорад. Акнун

дар рафти таҳқиқоти худ зарурияти омӯзиши масъалаи мазкурро дар корҳои муҳаққиқони Шуравӣ ва пасошӯравӣ дида мебароем. Зеро он тарзи хоҷагидорӣ ва муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоии замони Шӯравӣ ба хусусияти таҳқиқи масъалаи мазкур таъсири бевосита мерасонад. Аз як тараф муроҷиат ба мероси ғании педагогикаи Шӯравӣ, аз тарафи дигар дарк кардани дигаргуниҳои азим дар муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар замони иқтисоди бозорӣ водор месозад, ки имрӯз вобаста ба ҳолати рӯйдода муносибатҳои иҷтимову иқтисодӣ фаҳмиши мафҳуми «иқтисод»-ро ҳамчун зуҳуроти педагогӣ васеътар таҳқиқ кунем.

Ҳанӯз, дар давраи оғози мактаб дар хурдсолон малакаҳои рафтор дар ҷомеа инкишоф меёбад. Ин оғози мутобиқшавии хурдсолон ба ҳаёти ҷомеа мебошад. Агар хурдсол дар ин давра аз кумаки калонсолон бархӯрдор набошад ва ба ҳаёти ҷомеа мутобиқ шуда натавонад, хатари дар ӯ инкишоф ёфтани сифатҳои манфии шахсӣ ба вуҷуд меояд. Маҳз, дар ҳамин давра таъсири хонавода ва мактаб бояд ба он равона гардад, ки кӯдакон бо донишҳои ибтидоӣ, маҳорат ва сифатҳои ибтидоӣ дар бораи иқтисодиёт таъмин бошанд, то ки ба ҳаёти ҷомеа мутобиқ шуда тавонанд.

Мувофиқи назарияи сотсиологҳои аврупоӣ Ҷ. Мид, Р. Пинтон, Г. Парсонс нақши иҷтимоиву иқтисодӣ маҷмуи меъёрҳои иҷтимоие мебошанд, ки муносибати инсонро дар ҳаёти ҷомеа муайян мекунанд. Дар рафти инкишофи худ ҳар як ҷомеа муносибатҳои иқтисодиро вобаста ба рушди иқтисодиву иҷтимоии худ муайян намудааст.

Вобаста ба он ки чи тавр кӯдак мазмун ва шакли меъёрҳои рафторро аз худ мекунад, дар оянда типи фарҳангии субъектие, ки ин ё он нақши иқтисодиро иҷро мекунад, муайян мегардад.

Таҳлили адабиёти педагогӣ нишон медиҳад, ки фаҳмиши илмӣ-назариявии тарбияи иқтисодӣ дар фаҳмиши умумии мантиқии тарбия ҳамчун зуҳуроти педагогӣ фаҳмида мешавад.

П.П. Блонский дар асари худ «Мактаби меҳнат» зикр намудааст, ки ташкили он барои тарбияи саноатӣ муҳим аст. Вақте ки наврас маводи сохтмониро худаш ба даст меорад, месозад, худаш корҳои зироаткориро ба ҷо меорад, ҳайвонҳои хонагиро худаш нигоҳубин мекунад, ин ба тарбияи меҳнатии ӯ мусоидат менамояд. Лиҳозан, ин фаҳмиш бо номи «тарбияи саноатӣ» дар илми педагогика ворид шуда буд [2.6., с.14 ].

Дар фарқият аз Блонский, ки тарбияи иқтисодиро ҳамчун тарбияи саноатӣ пешниҳод карда буд, А.С. Макаренко онро ҳамчун тарбияи хоҷагидорӣ шарҳ додаст. Ӯ қайд мекунад, ки ҳар як шахс дар ҳаёти худ бояд дар хоҷагидории давлатӣ иштирок намояд ҳар чи қадаре ки ба ин омода аст, ҳамон қадар ба худ ва ба давлат суд меорад. Ҷиҳати ақидаи муҳимтарини педагогии А.С. Макаренко дар он аст, ки ӯ тарбияи меҳнатиро ҳамчун омили муҳим дар тарбияи шахсият пешниҳод намудааст [2.3., с.28].

Ақидаи зарурияти тарбияи иқтисодӣ минбаъд дар корҳои В.А. Сухомлинский идома ёфтаанд. Ӯ тарбияи меҳнатиро ҳамчун тарбияи умумии шахсият муҳим шуморида, зикр намудааст, ки ҳар қадаре насли наврасро ба меҳнат ҷалб намоем, таъсири тарбияи шахсият зиёдтар мешавад [2.3., с.35].

Ҳамин тариқ, тарбияи иқтисодӣ аз тарафи муҳаққиқон ҳамчун бахши асосии тарбия дониста шуда, он ба меҳнати истеҳсолӣ, тарбияи меҳнатӣ алоқаманд мебошад.

А.С. Прутченков мавқеи тарбияи иқтисодиро дар тарбияи шахсият муайян намуда, дар ин маврид се ҷузъиёти ба ҳам алоқамандро пешниҳод намудааст:

а) иҷтимоикунонии иқтисодии ақидаи ташаккули шахс аз нуқтаи таъсири иҷтимоӣ. Ин раванди объективиест, ки фард ақидаҳои иқтисодиро аз худ мекунад, ҳамчунон азхудкунии рафтори иқтисодӣ, нақши иҷтимоӣ, малака, арзишҳо ба иҷро расида, шахс ба меъёрҳои иҷтимоӣ мутобиқ мешавад.

б) тарбияи иқтисодӣ ҳамчун раванди ташкил намудани ҷомеа бо кӯмаки институтҳои иҷтимоӣ (хонавода, боғча, мактаб, донишгоҳ, воситаҳои ахбори оммавӣ) буда, бо мақсади омода сохтани шахс дар иҷрои муносибатҳову вазифаҳои иқтисодӣ ба роҳ монда мешавад. Ин, пеш аз ҳама, ба истеҳсолот, ҳамчун инкишофи асосии ҷомеа, равона аст.

в) худтарбиякунии иқтисодӣ, яъне инкишофи шахсият аз нуқтаи назари омилҳои дохилӣ. Ин талаботи дохилӣ ва раванди дохилии навшавии донишҳои иқтисодӣ, корҳои зеҳнӣ барои дарк намудани рӯйдодҳои иқтисодӣ, идора кардани фаъолияти худ, ки барои дигаргун намудани шахсият равона аст, ба ҳисоб меравад. Ин пеш аз ҳама ба инкишофи сифатҳои муҳими иқтисодӣ марбут мебошад [2.7, с.54].

Чи хеле ки худ мушоҳид мегардем, дар маҷмӯи тарбияи иқтисодӣ боз мафҳуми «худтарбиякунии иқтисодӣ» ҷой дорад, ки шарти асосии тарбияи шахс ба шумор меравад. Дар таҷрибаи корҳои таълимӣ-тарбиявӣ тарбияи иқтисодӣ низ бахши муҳим буда, аз раванди умумии тарбия ҷудо нест.

Тарбияи иқтисодӣ пеш аз ҳама ба тарбияи ахлоқӣ алоқаманд аст. Тарбияи ахлоқӣ ё бетарбиягии ахлоқӣ дар сифатҳои гуногуни инсон зуҳур меёбад. Ин, пеш аз ҳама, аз шароити иҷтимоӣ вобаста аст. Дар ҳолате, ки шуури ахлоқии фард бо шуури ахлоқии ҷомеа дар тазод аст, тарбияи ахлоқӣ-иқтисодии фард зери шубҳа меафтад. Масалан, дар зери таъсири психологии талаботи худхоҳона бо мақсади ҳар чи бештар ба даст овардани сарват ва неъматҳои моддӣ инсон бар зидди меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ амал мекунад. Зеро хислатҳои муҳими иқтисодӣ танҳо дар якҷоягӣ бо инкишофи шуури иқтисодӣ, ахлоқӣ, тафаккур, ирода, эҳсосот ташаккул меёбад ва онҳоро ҳамчун принсипу малакаи рафтор интихоб намудан, танҳо бо роҳи аз худ кардани донишҳои иқтисодиву меъёрҳои ахлоқӣ муяссар мегардад. Раванди муҳими тарбияи иқтисодӣ ба раванди тарбияи зеҳнӣ, меҳнатӣ, шаҳрвандӣ, зебоипарастӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, ҷисмонӣ, экологӣ, ватандӯстӣ сахт алоқаманд мебошад.

Хислатҳои муайянкунандаи шахс - боэътимодӣ, устуворӣ, мақсаднокӣ дар фаъолияти ҳаётии инсон муҳим буда, шарти асосии комёб шудан дар ҳаёти воқеӣ маҳсуб меёбанд.

Муҳаққиқ А.С. Нисимчук кӯшиш намудааст, ки мақсад, мазмун, шакл ва методҳои омодасозии иқтисодиро дар шароити кунунии иқтисодӣ муайян созад. Ӯ зикр мекунад, ки бояд муносибати мол нисбат ба тарбияи иқтисодӣ муайян карда шавад. Ин, пеш аз ҳама, бояд ба инкишофи самти арзишҳо, шавқмандӣ ва эътиқод дар тарбияи иқтисодӣ равона бошад [2.6., с.11].

Ҳамзамон муҳаққиқ чунин мешуморад, ки тарбияи иқтисодӣ ин худ мақсадгузорӣ нест, балки як воситаи инкишофи ҳаматарафаи ҳар як шахс буда, мақсади он омода намудани шахс ба фаъолияти муҳими иқтисодӣ мебошад. Ба ақидаи муҳаққиқ муайянкунандаи асосии самти тарбияи иқтисодӣ чунинанд:

- ташаккули тафаккури иқтисодӣ дар хонавода ва раванди таълим;
- баланд бардоштани сатҳи самаранокии меҳнат;
- иштирок дар меҳнати истеҳсолоти ҷамъиятӣ;
- ҳамкории мутақобилаи хонавода мактаб ва ҷомеа [2.3., с.35].

Таваҷҷуҳи бештар дар нақшаи муайянсозии мазмун, шакл ва методҳои омодасозии иқтисодӣ дар таҳқиқоти И.С. Сасова мушоҳида карда мешавад. Муаллиф зери мафҳуми «омодасозии иқтисодӣ» маҷмуи тарбияи иқтисодӣ, маърифатиро дар назар дорад. Ин раванд ва натиҷа азхудкунии донишҳову маҳорати иқтисодӣ, ташаккули сифатҳои муҳими иқтисодии шахс, тафаккур ва рафтори иқтисодие, ки барои мутобиқшавии шахс дар ҷомеа мусоидат менамоянд, шуморида мешавад [2.3., с.32].

Барои тарбияи иқтисодӣ шавқмандӣ муҳим аст. Шавқмандии фаъолияти оқилонаи иқтисодӣ ба тариқи зайл муайян гаштааст:

- прагматикӣ, яъне зарурияти ба даст овардани даромад, кӯшиши қонеъ гардонидани талаботи худ;

- маърифатӣ, яъне фаҳмидани механизми зуҳурот барои ҳалли дурусти иқтисодиро қабул кардан;

- башардӯстӣ, яъне саъю кӯшиш барои кумак ба ниёзмандон, саховатмандӣ;

- шаҳрвандӣ, яъне хоҳиш ва мақсади суд овардан ба Ватан, ифтихор аз комёбиҳои ватани худ;

- ахлоқӣ, яъне хоҳши боахлоқ будан дар муносибат бо одамон ва ҷомеа.

Чунин сифатҳо барои шахси аз тарбияи иқтисодӣ бархӯрдорбуда муайян гардидааст:

- мавқеи фаъоли ҳаётӣ;

- ғамхорӣ нисбат ба дигар одамон;

- қобилияти фаҳмидани зиндагӣ ва баҳои воқеӣ додан ба он;

- қобилияти масъулиятро ба уҳда гирифтан;

- накукорӣ ва некбинӣ дар ҳаёти воқеӣ.

Дар ташаккули сифатҳои тарбияи иқтисодӣ, пеш аз ҳама, инкишофи сифатҳои иҷтимоию ахлоқӣ муҳиманд. Аз ин хотир, бояд усул, роҳҳо, методҳои тарбияи иқтисодӣ маҳз дар самти инкишоф ва ташаккул додани меъёрҳои ахлоқиву иҷтимоӣ равона гардад.

Омӯзиши тарбияи иқтисодии кӯдакон дар хонавода ҳанӯз дар даврони Шӯравӣ ҳамчун равияи мустақил буд. Дар илмҳои психологӣ ва педагогӣ ин омӯзиш оғоз гардида буд. Дар солҳои 60-70-уми асри гузашта дар адабиёти педагогӣ ба миқдори зиёд таҳқиқоте анҷом дода шудаанд, ки ба тарбияи иқтисодии кӯдакон дар хонавода марбутанд. Гурӯҳи зиёди муҳаққиқоне, ки ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда буданд, мавзуи мазкурро чунин шарҳ додаанд:

1. Ҳамчун қисмати омехтаи тарбияи иқтисодӣ (Ю.К. Васильев, Н.П. Кулакова).

2. Синтези тарбияи меҳнатӣ, ахлоқӣ ва идеявӣ-сиёсӣ (В.К. Розов).

3. Ҳамчун равияи мустақил қисмати тарбия (А.Ф. Аменд, И.А. Барило, З.А. Валиева, И.Б. Иткин, В.Л. Кисилёв, Л.П. Кураков, О.В.

Плахотник, Л.И. Понамарев, И.Ф. Прокопенко, И.П. Сасова, Г.Е. Сергеева, В.А. Товстик ва дигарон [2.3., с.21].

Дар таҳқиқоти ин зумра муҳаққиқон муайянкунандаи гуногуни мафҳуми «тарбияи иқтисодии наврасон» баррасӣ гаштааст. Дар бархе таҳқиқот зери мафҳуми «тарбияи иқтисодии кӯдакон» пеш аз ҳама азхудкунии дониши иқтисодӣ аз тарафи кӯдакон, ташаккули малака ва талаботи ин дониш дар ҳаёти воқеӣ фаҳмида мешавад (А.Я. Автономов, А.Ф. Аминд, М.Л. Малишев, И.А. Сасова, Б.А. Шемкин ва дигарон) [2.3, с.44].

Бархе муҳаққиқон дар муайянкунии мафҳуми «тарбияи иқтисодии наврасон» ақида баён намудаанд, ки пеш аз ҳама, бояд ташаккули тафаккури иқтисодӣ шуур, рафтор, сифатҳои мусбати шахсият ҳалли худро ёбанд ва маҷмуи ин сифатҳо барои фаъолияти иқтсиодӣ дар ҳаёти ҳаррӯза заруранд (И.В. Воробев, И.Б. Иткин, Е.Н. Кирилова, Н.П. Кулакова, Н.В. Михалкович, М.И. Михайлов, Л.П. Мелникова [2.3].

Як зумраи дигари муҳаққиқон зери мафҳуми «тарбияи иқтисодии кӯдакон», пеш аз ҳама, муносибати дарк кардашудаи бомасъулиятро нисбати меҳнат баррасӣ доштаанд (Б.П. Шемкин, В.К. Розов).

Дар байни муҳаққиқони муосир дар атрофи масъалаи мазкур баҳсҳои зиёде ҷой доранд. Имрӯз аксари муҳаққиқон зери мафҳуми «тарбияи хонаводагии иқтисодии наврасон» пеш аз ҳама фаъолияти муташакилонаи педагогӣ, ки ба сохти ташаккули шуури иқтисодӣ равона аст, фаҳмида мешавад. Ин фаъолият бояд ба самти ташаккули малака ва маҳорат, ки ба фаъоляити иқтисодӣ муносибат дорад, равона гарданд, ҳамчунон ташаккули сифатҳои муҳими иқтисодии шахсият ва рушди тафаккури иқтисодие барои кӯдакону наврасон дастрасбуда, муҳим мебошад [2.10, с.17].

Тарбияи иқтисодӣ бино бар ақидаи Крилова И., хусусияти равшан татбиқшавандаро дорост, бинобар ин усул ва методҳои амалӣ карданро дар маҷмуаи усул ва методҳои умумипедагогӣ ҷустуҷӯ намуд [2.15., с.86].

Ба ақидаи муҳаққиқ Гебеков Г.Х. натиҷаи тарбияи иқтисодии наврасон дар хонаводаро, пеш аз ҳама, дар муносибати даркшудаи наврасон нисбат ба меҳнат дар рафтори онҳо дар вақти ҳалли масъалаҳои сарфи маблағи пулӣ, муносибати оқилонаю сарфакорона нисбати сарулибос, барқ, об, хӯрок, вақт ва саломатӣ дидан зарур мебошад [2.8.с.87].

Тарбияи иқтисодии наврасон возеҳан ба таълим алоқаманд аст ва бештари вазифаҳои ин масъала дар раванди таълим хамчун раванди муҳими тарбиявӣ ҳалли худро пайдо мекунад.

Он ҳақиқатро бояд дарк намоем, ки тарбия ва ташаккули шахсият дар ҳамаи замонҳо яке аз мушкилтарин проблемаи инсоният ба шумор меравад. Шикоят аз «ҷавонони ҳозиразамон» дар тамоми замонҳо ҷой дошт. Зеро ҳар давра масъалаи тарбияро комилан дар такя ба дигаргуниҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маърифатӣ пешниҳод намуда, роҳҳои ҳалли ғайристандартиро баррасӣ менамояд [2.6. с.74].

Махсусияти шароити иҷтимоии ҷомеа, пеша аз ҳама, ба болоравии некуаҳволӣ ва дараҷаи маданияти он вобаста аст. Болоравӣ ва сифати сатҳи зиндагӣ на дар ҳама ҳолат раванди тарбияро осон намесозад, балки дар бештарин ҳолат ин равандро мушкил ва мураккаб менамояд. Дар ин ҳолат барои нигоҳ доштани обрӯи худ пеши фарзандон аз тарафи волидайн саъю кӯшиши зиёд ва мустаҳкамии характерро тақозо мекунад. Рушди маориф ва фарҳанг байни наслҳо ноҳамвор тақсим мешавад, дар аксари мавридҳо наврасон бештар иттилоотро бархӯрдор мегарданд. Азбаски наврасон ҳоло фарқ кардани дониш ва ақл, мантиқ ва хирадро наомӯхтанд, дар бештари ҳолат фикр мекунанд, ки аз волидайн «бааклтаранд» барои наврасон дар бештари ҳолат иттилоот дар бораи ягон ситораи мусиқии поп аз таҷрибаи ҳаётии волидайн болотар меистад. Дар ин ҳолат волидайн боварӣ ва бартарияти таҷрибаи ҳаётии худро аз даст медиҳанд, ки ин тарбияи наврасонро душвор мегардонад ва дар хонавода нуфузи волидайн аз байн меравад [2.20., с.64].

Чизи дигар он аст, ки болоравии некуаҳволӣ на танҳо талаботи моддиро қонеъ мегардонад, балки боиси зиёдшавии ин талабот мегардад. Дар натиҷа бархе аз волидайн «санҷиши сарват»-ро таҳаммул намекунанд ва болоравии табиии талабот оҳиста-оҳиста ба сатҳи истеъмолӣ мубаддал мегардад. Албатта, гуноҳро на танҳо кӯдакон балки волидайн низ содир мекунанд. Аммо насли наврас бештар ба он самт майл мекунанд, ки талаботи моддии онҳо аз имконияти молиявии онҳо ва ҷомеа бештар аст. Аммо сатҳи беандозаи истеъмолӣ барои насли наврас хусусияти манфӣ доранд.

Саъю кӯшиши беғаразонаи олии инсонӣ нисбат ба меҳнат ва муносибат ба одамон дар сурати болоравии андозаи истеъмолӣ инкор карда мешавад ва охиран қобилияти ба ҷомеа суд оварандаро аз байн мебарад. Аз паси сарват давида бо саъю кӯшиши оқилона барои эҷод кардан, дониш омӯхтан, меҳнати покдилона кардан муросо намекунанд. Бе дониш, ҳунару шуғли муфид насли наврас вазифаи таърихии худро пеши ҷомеа ба ҷо оварда наметавонад.

Вазъи иҷтимоӣ –иқтисодии ивазшаванда дар мамлакат шахсро дар шароити душвори психологӣ мегузорад. Шуури ҷамъиятии ҷомеа низ дар ин раванд дигар мешавад. Насли наврас дар ин вазъ худро ноҳинҷор ҳис карда, бинобар мақсади асосӣ бояд ба ташаккули арзишҳои иқтисодии наврасон равона гардад, то онҳо тавонанд бо муҳити воқеӣ муносибат карда, ба шароити муҳити иҷтимоӣ мутобиқ гашта, касбу шуғли оянддаи худро интихоб намоянд.

Аз ин рӯ, хулоса кардан мумкин аст, ки мубрамияти тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода дар замони мо дар ин зуҳур меёбад. Пеш аз ҳама, бояд ба наврасон кумак намуд, ки дар вазъи мунтазам ивазшавандаи иҷтимоӣ-иқтисодии шароити зиндагӣ мутобиқ гарданд. Дар ҳолати минбаъда талаботро ба наврасон вобаста ба тақозои давраи иқтисоди бозорӣ дар атрофи ташаккули кадри замонавӣ саъю кӯшиш намуд ва фаъолнокӣ, мустақилият, салоҳиятмандӣ, кордонӣ, масъулият

барои сифатҳоро дар наврасон бояд ташаккул дод. Тарбияи иқтисодии наврасон барои дар онҳо инкишоф додани тафаккури иқтисодӣ кумак намуда, дар натиҷа насли наврас метавонад дар дунёи иқтисоди бозории муосир мавқеи худро пайдо намояд.

Дар зери мафҳуми тарбияи иқтисодӣ ин маҷмуи меъёрҳое, ки ба самти инкишофи тафаккури иқтисодии инсони муосир дар муҳити хонавода, истеҳсолот ва дар тамоми мамлакат равонагашта фаҳмида мешавад. Раванди мазкур, на танҳо пеши худ мақсади ташаккули сифати кордонӣ ба монанди сарфакорӣ, фаъолнокӣ ва эҳтиёткорӣ мегузорад, балки омӯзиши маҷмуи донишҳоеро пеш мегузорад, ки ба проблемаҳои моликият, хоҷагидорӣ, муфидияти иқтисодӣ, андозу андозсупорӣ равона мегардад.

Мундариҷаи раванди тарбияи иқтисодии наврасон дар худ ҷузъиёти маърифатӣ, ахлоқӣ, фаъолнокиро дар бар мегирад. Дар шароити иқтисодӣ наврас зери таъсири омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ экологӣ, ахлоқӣ дучор мегардад. Дар ин ҳолат насли ҷавонро мебояд аз як тараф ба мазмуни меъёрҳои иқтисодӣ муқобилият намояд, аз тарафи дигар, бояд дар ин раванд мутобиқ шуда, мавқеи худро муайян намояд.

Ба таври кофӣ бархӯрдор набудан аз донишҳои иқтисодӣ бевосита чун меъёрҳои ҷойнадоштаи рафтор мебошад ва ин дар як вақт мубрамияти тарбияи иқтисодии насли наврасро боло мебардорад. Дар ҳолати аз тарбияи иқтисодӣ дур афтодан насли наврас ба чунин мушкилиҳо дар зиндагӣ дар ҷомеа рӯ ба рӯ мегардад. Мақсади аниқ гузоштан ва аз паси ин мақсад шудан, мавҷуд набудани шавқу ҳавас нисбати зуҳуроти иқтисодӣ, инкор кардани меъёр ва қонунҳои иқтисодӣ, ташаккул наёфтани шавқу ҳаваси шахсии иқтисодӣ, нафаҳмидан ва дарк накардани талаботи истеъмолии воқеии инсон дар зиндагӣ ва бо иштибоҳ нисбат ба талабот муносибат кардан, ҳолати пассивӣ дар вазъи иқтисодии мураккаб, мавҷуд набудани тафаккури мустақил, нобоварӣ ба неруи худ ва ғайра мушкилоте мебошанд, ки дар ҳолати инкор кардани

тарбияи иқтисодӣ насли наврас рӯ ба рӯ мегардад. Ҳамчунон он саҳми иқтисоди озод дар асоси мутобиқгардии шахс нофаҳмо мегардад ва ин шахс дар фаъолияти касбии худ дар ҳаёти ҳаррӯза ба мушкилиҳо дучор мегардад [2.10, с.24 ].

Барои маҷмуи иқтисод муносибати «нодуруст» ба он меоварад, ки шахс ба исрофкорӣ даст мезанад, захираҳои молиявиро исрофкорона сарф мекунад, ки ин, албатта, ба вайроншавии ҷабҳаҳои хоҷагидорӣ меорад, муташаниҷии иқтисодиро афзун менамояд, алоқаи иқтисодию иҷтимоиро вайрон мекунад, нооромии макроиқтисодиро ба вуҷуд меорад.

Тарбияи иқтисодӣ аз як тараф тарбияи мустақилест, ки барои зиндагӣ дар шароити муайян зарур аст, аз тарафи дигар он ҳамчун бахши тарбияи шахс дар маҷмуи умум мебошад. Шахси ботарбия бо рафтор, кирдор, муносибат бо атрофиён фарқ мекунад, ки ин дараҷаи фарҳанги ӯро нишон медиҳад. Чизи дигар он аст, ки рафтори одамон дар бештарин ҳолатҳо аз қонунҳои иқтисодӣ вобаста аст ва он дар як вақт ба ин қонунҳо мутеъ аст. Рафтори одамон дар иқтисодиёт ва фаълиляти иқтисодии онҳо, пеш аз ҳама, аз натиҷаи мавқеи шахс дар ҷомеа ва дараҷаи фаъолияти ӯ дар ҳалли ҳадафҳои дар ҳаёт гузошта зуҳур меёбад.

Бинобар афзалият шахси аз ҷиҳати иқтисодӣ тарбияёфта дар он зуҳур меёбад, ки ӯ амалҳои иқтисодии босаводона ва оқилонаро иҷро менамояд, ки дар вақти харид, фурӯш, пардохти андоз, сармоягузорӣ ва ғайра зуҳур меёбад. Натиҷаи ин амалҳо нисбат ба дигар ашхоси дар ин муносибатҳо ширкат варзанда ва охиран, ба раванди иқтисодӣ дар умум мусбат хоҳад шуд. Ба назар мерасад, ки шахси аз ҷиҳати иқтисодӣ ботарбия бо такя ба дониш ва маҳорату малакаи иқтисодӣ барои манфиатҳои худ саъю кӯшиш менамояд, аммо бо ин муносибат дигаронро низ маҷбур менамояд, ки чунин амалҳои оқилонаро роҳандозӣ кунанд.

Дар раванди тарбияи иқтисодӣ дар наврасон тафаккури иқтисодӣ ташаккул меёбад, ки он барои дарк кардани зуҳуроти ҳаёти иқтисодӣ, аз

худ кардани мафҳумҳо ва назарияи иқтисодӣ, аз бар намудани донишҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Тафаккури иқтисодӣ ин инъикоси қонунии истеҳсолоти ҷамъиятӣ аз тарафи инсон дар шакли мафҳумҳо ва алоқаи мантиқӣ мебошад. Бинобар ин он доимо зарурияти омӯхтани дониши иқтисодӣ ва аз бар кардани малакаю маҳоратро тақозо менамояд [21.39, с.69].

Тарбияи иқтисодии наврасон боз аз мазмуни корҳои таълимӣ, азхуд кардани дониши иқтисодӣ ва аз ташаккули маҳорати иқтисодӣ вобаста аст.

Иқтисодиёт ин худ ҳалли ду масъалаи асосиро дар бар мегирад. Аввало аз куҷо дастрас кардани воситаҳои иқтисодӣ ва дуюм чӣ тавр мавриди истифода қарор додани ин воситаҳо.

Наврасон дар раванди иқтисодӣ бевосита ширкат меварзанд. Онҳо бо волидайн ба мағоза барои харид мераванд, баъзан худ харид мекунанд ва дар ин маврид таҷрибаи ибтидоии иқтисодиро аз худ менамоянд. Бинобар ин, вазифаи ҳам педагогҳо ва волидайн на танҳо ба наврасон маҷмуи дониши иқтисодиро додан, балки истифодаи ин донишро дар ҳаёти ҳамарӯза омӯзонидан низ мебошад.

Ба ақидаи мо, якчанд мавзуъҳои муҳими иқтисодиро, ки дар тарбияи иқтисодии наврасон хеле муфид ба назар мерасанд, ба таври намуна овардан аз манфият холӣ нест:

1. Кишвар ва хонаводаи ман.
2. Даромади хонавода.
3. Хароҷоти хонавода.
4. Буҷети ҳозираи хонавода ва ояндаи он.
5. Пасандози хонавода ва хароҷоти он.

Наврас бояд меъёрҳо ва мафҳумҳои асосии иқтисодиро донад, ба наврасон омӯзонида шавад, то ки байни имконот ва талабот фарқ гузошта тавонанд. Ҳақиқати оддии иқтисодӣ, яъне ба онҳо фаҳмонида шавад, ки маблағ дар ҳолати дар бонк гузоштан меафзояд ва бо ин роҳ

саҳми хонаводаро дар рушд ва пурқудратшавии кишвар фаҳмондан зарур аст. Наврас бояд донад, ки маош пардохт барои миқдор ва сифати кор, нафақа ҷуброни меҳнати чандинсола, кумакпулӣ ба кӯдакон пешпардохт ба онҳо мебошад. Хароҷоти хонавода бояд сарфакорона, пасандози хонавода бояд оқилона барои аҳли хонавода сарф шавад. Ҳамаи ин ҳақиқати иқтисодианд, ки бояд ба наврасон таъкид гардад ва омӯзонида шавад.

Дар адабиёти педагогӣ хеле зиёд муайянкунандаи мафҳуми тарбия дар хонавода мавҷуданд. Тасвияти он аз муносибати методологӣ ва консепсияи тарбия бармеояд. Хонавода метавонад ҳамчун омили мусбат ва манфии тарбия гардад. Таъсири мусбат ба шахсияти наврас дар он зуҳур меёбад, ки шахсони ба ӯ наздик дар хонавода (модар, падар, бобо, бибӣ, бародару хоҳар) муносибати беҳтар мекунанд, ӯро хеле хуб парастиш менамоянд. Дар як вақт, агар муҳити хонавода беҳ набошад, ба наврас дар тарбия он қадар зарба зада мешавад, ки натиҷаи онро минбаъд дар ташаккули ӯ бараъло шоҳид мегардем.

Тарбия категорияи асосии илми педагогика мебошад. Аммо муайянкунандаи аниқи мафҳуми «тарбия» хеле душвор аст.

Дар илми педагогикаи рус асоси назарияи тарбияро ҳанӯз К.Д. Ушинский пешниҳод карда буд. Дар солҳои 20-30-юми асри XX назарияи равшани тарбияро А.С. Макаренко кор карда баромад. Дар илми педагогикаи умумибашарии муосир назария ва консепсияи гуногуни тарбия мавҷуд аст, ки гуногунии муносибат аз тасаввуроти таҳқиқии оид ба инсон, ташаккули шахсият ва нақши илми педагогика дар тарбия ва инкишофи кӯдакону наврасон бармеояд.

Махсусияти консепсияҳои муосири тарбия дар асоси таълимоти назарияи фалсафа ва равоншиносии олимони зерин рушд меёбанд:

1. Назарияи психоанализ (А. Гезелл, З. Фрейд, А. Фрейд, Э. Эрихсон).
2. Назарияи когнитивӣ (Ж. Пиаже, Л. Колберг, Д. Дюма).
3. Назарияи рафтор (биҳевористӣ) (Д. Покк, Д. Уотсон, Б. Скипер).
4. Назарияи биологӣ (К. Лоренс, Д. Кеннел).

5. Назарияи фарҳангӣ (Л.С. Вготский, Д. Радар).

6. Назарияи равоншиносии башардӯстӣ (А. Маслоу, К. Розерс).

Дар илми умумибашарӣ имрӯз ду равия дар мавриди фаҳмиши мафҳуми «тарбия» дар кулл мавҷуданд.

Дар равияи якум нисбати тарбия чунин ақида ҷой дорад: «Тарбия таъсири мақсаднок ва рафтори инсон бо мақсади ташаккули мафҳумҳо, принсипҳо, майлони пурарзиш барои таъмини шароит бо мақсади рушди ӯ, тайёрӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва меҳнати истеҳсолӣ мебошад» [2.20.с.157]. Тарбия дар фаҳмиши васеъ таъсир ба инсон буда, фаъолияти мақсаднок ба ташаккули сифатҳои шахсӣ назар ва эътиқоди кӯдакон мебошад [2.7, с. 32].

Равияи дигар дар натиҷаи эволютсияи назарияи фалсафа дар ҷомеаи аврупоӣ ба миён омада, дар маркази таваҷҷуҳи инсон гузошта мешавад. Мақсади тарбия рушди васеи фарҳангии инсоне, ки қодир аст худро ҷисман ва ахлоқан инкишоф диҳад. Мазмуни тарбия фарҳанги шахс буда, ба ташаккули фарҳангии инсон, яъне маънавиёт ва фарҳанги зоҳирӣ (муоширát, рафтор, намуди зоҳирӣ) равона аст. Мақсад ва мазмуни асосии тарбия дар педагогикаи башардӯстӣ аз вазъи асосии он, яъне аз қодир будани инсон ба худташаккулдиҳӣ бармеояд [2.122, с.87].

Воситаҳои тарбия зуҳурот ва объектҳо, предметҳои воқеии дар гирду атроф ҷойдошта, хислатҳои маданияти моддӣ ва маънавии худу аҳли башар мебошад. Ҳамаи дастовардҳои моддӣ ва маънавии аҳли башар ҳамчун воситаҳои тарбия дар тарбияи наврасон хизмат мекунад. Чунин воситаҳо ба амсоли бозӣ, меҳнат, варзиш, эҷодиёт, муошират дар марҳилаҳои гуногуни синну соли кӯдакона асосӣ буда, дар раванди тарбия нақши муҳим мебозанд.

Асоси муайянкунии намудҳои тарбияи хонаводагӣ дар таҳқиқоти Д. Баумринд нақши худро ёфтааст. Меъёри муайянкунии чунин хусусияти муносибати эмотсионалӣ нисбат ба кӯдак ва намудҳои назорати волидайн интихоб гардидаанд. Таснифоти усулҳои тарбияи

волидайн чор намудро дар тарбияи хонаводагӣ баррасӣ намудааст: бонуфузона, авторитарӣ, либералӣ, индиферентӣ [2.16., с.31].

Усули бонуфузона ба қабули гарму ҷӯшони кӯдак дар хонавода ва назорати хуби волидайн, бо эътирофу ҳавасмандгардонии мустақилияти кӯдак фарқ мекунад. Волидайни бонуфуз намуди демократии муошират бо кӯдакро истифода мебаранд, ба ивазшавии мазмуни талаботи кӯдак вобаста ба синнусол тайёранд.

Усули авторитарӣ, пеш аз ҳама, истиқболи пасти эмотсионалии кӯдак дар хонавода ва назорати сангин аз болои рафтори кӯдак мебошад. Усули муошırати волидайни авторитар фармондиҳӣ ва дастурдиҳӣ буда, талаботи кӯдак пурра инкор карда мешаванд.

Хусусияти усули либералии тарбия ин истиқболи гарму ҷӯшони кӯдак дар хонавода ва назорати паст мебошад. Дар ин намуди тарбия ҳама чиз иҷозат дода ва бахшида мешавад. Талабот ва қоида дар чунин усули тарбия мавҷуд нестанд, дараҷаи таъсири волидайн кофӣ нест [3. 4. с.8].

Усули индифферентӣ дар таваҷҷуҳ ва иштироки нокифояи волидайн дар раванди тарбия, сардии эмотсионалӣ ва инкори талаботи воқеии наврас, назорати паст, ҳимояи нокифояи наврас зуҳур меёбад.

Нақши усулҳои тарбияи волидайн мавриди васеи омӯзиш қарор гирифтааст ва ҳар яке аз ин роҳҳо ба натиҷаи матлуб ва номатлуби тарбия меоранд.

Волидайни бонуфуз таҷрибаи ҳаётии ғани дошта, нисбат ба тарбияи кӯдак масъулият дорад, барои фаҳмидани назар ва талаботи кӯдак тайёранд. Муошират бо кӯдак дар пояи принсипҳои демократӣ барпо карда шуда, мустақилияти кӯдакон эътироф карда мешавад. Ҷазои ҷисмонӣ қатъиян мавриди истифода қарор намегирад. Натиҷаи ин усули тарбия ба ташаккулёбии худбаҳодиҳии баланди кӯдак, мустақил шудани ӯ, қавӣ гаштани ирода, омода будан ба қабули қоидаҳои иҷтимоӣ меорад [2.84, с.55].

Волидайни авторитар ба қоидаҳои анъанавӣ: яъне ба нуфуз ва ҳукми қатъӣ, пурра мутеи онҳо будани наврас такя мекунанд. Муошират дар чунин хонавода хеле сатҳи пастро доро буда, ҷазо бештар истифода мешавад. Мамнуъият нисбат ба талабот ва хоҳиши кӯдак асоси усули чунин тарбия мебошад. Дар хонаводаи авторитарӣ сифатҳои мутеият, қодир набудан ба роҳбарӣ, беташаббусӣ, салоҳияти инкишофнаёфтаи иҷтимоӣ ва муоширатӣ, масъулияти инкишофнаёфтаи иҷтимоӣ, ахлоқи паст асоси натиҷаанд. Наврасон бештар хашмгин буда, иродаи заифро дар чунин хонавода дороанд.

Волидайни либерал қасдан худро бо наврасон дар як дараҷа мегузоранд. Ба наврас озодии мутлақ дода мешавад ва ӯ ба ҳама чиз мустақилона бо такя ба таҷрибаи худаш муносибат менамояд. Дар рафтори кӯдак на ҳамаи масъулият, қоидаҳо мавҷуданд ва риоя мешаванд. Аз тарафи волидайн кӯмак ва дастгирии наврасон зоҳир намегардад. Ин намуди тарбия ба изтироби зиёд, мавҷуд набудани мустақилият, тарсу ҳарос нисбат дар фаъолият барои ноил гардидан ба комёбӣ боис мегардад. Дар наврасони чунин хонаводаҳо масъулиятнокӣ ҳамчун сифати асосӣ ташаккул намеёбад.

Усули индифферентӣ, ки, асосан, инкори ҳама гуна талабот, ҳимояву дастгирии наврасро аз тарафи волидайн ифода мекунад, боиси дар наврас ба вуҷуд омадани хашмгинӣ, номустақилӣ нобоварӣ ба худ, тарсу ҳарос дар зиндагонӣ дар ҷомеа мегардад [2.84, с.38].

Барои он ки тарбия дар хонавода мақсаднок ва матлуб бошад, бояд усулҳои мусбат мавриди истифода қарор гирад.

Имрӯз тарбияи иқтисодии наврасон ба яке аз масъалаҳои мубрам мубаддал гаштааст. Нақши калидиро дар тарбияи иқтисодии наврасон хонавода ба зима дорад. Дар навбати аввал ба хонавода ташаккули характер, дараҷаи худбаҳодиҳии наврас, одатҳои рафтор дар ҳама соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла, дар соҳаи иқтисод ва молия вобаста аст [2.39., с.13].

Муносибати ресурсӣ, ки дар солҳои охир қариб дар ҳамаи илмҳо васеъ ворид гаштааст, аввалин маротиба дар соли 1991 ёдовар гашта буд.

Моҳияти муносибати ресурсӣ дар илмҳои фалсафа, психология, психотерапия, раванди таълим ба таври васеъ истифода мешавад. Вобаста аз соҳаи истифода ресурсҳо ба шахсӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, иқтисодӣ, меҳнатӣ, техникӣ, истеҳсолӣ, ҳаётӣ, зеҳнӣ ҷудо мешаванд.

Ба ақидаи А. Нестерова ресурси хонаводагӣ сифатҳои боарзиши иҷтимоӣ, иқтисодӣ, психологӣ ва ҷисмонӣ буда, аҳли хонавода барои бартараф кардани душвориҳои ҳаётӣ истифода мебаранд [2,86, с.61].

Ба ақидаи З.Х. Сарапиева ресурснокии хонавода ин ҷузъи қобили ҳаётии он буда, маҷмӯи неруӣ барои ташаккул ва қонеъ гардонидани талаботи хонавода маҳсуб меёбад [2.86, с.63].

Ҳамаи ресурсҳои хонаводаро ба дохилӣ ва берунӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Ба ресурсҳои берунӣ ресурсҳои иҷтимоӣ, молиявӣ, моддӣ, иттилоотӣ дохил мешаванд. Зери мафҳуми ресурси иҷтимоӣ имконияти воқеие фаҳмида мешаванд, ки тавассути онҳо хонавода метавонад мавқеи иҷтимоии худро дигар кунад.

Ресурси молиявӣ ин маблағи пулӣ, даромади хонавода мебошад. Ресурси моддӣ ин моликият, арзишҳои моддиест, ки хонавода дар моликияти шахсии худ дорост.

Ресурсҳои дохилӣ ин ресурсҳои меҳнатӣ ва психологӣ мебошанд. Ресурси меҳнатӣ имкониятро барои меҳнати муфиди аҳли хонавода муҳайё сохта, барои хоҷагидорӣ кумак мекунад.

Ресурси психологӣ ин дониш, қобилият, маҳорат, салоҳиятмандии ҳар як аъзои хонавода, усули муносибати мутақобила байни аъзоёни хонавода, нақш ва қоидаҳои хонаводагӣ, ҳиссиёт нисбат ба якдигар, муносибати эмотсионалии аҳли хонавода, дараҷаи ҳамоҳангии хонавода, арзишҳои хонаводагӣ мебошанд.

Ресурҳои дохилӣ ва берунӣ бо ҳам алоқаманданд. Ресурсҳои берунӣ ба инкишофи ресурсҳои дохилӣ мусоидат менамоянд. Ресурсҳои берунӣ

метавонанд ба ресурсҳои дохилӣ табдил ёбанд ё баръакс ресурсҳои дохилӣ ба ресурсҳои берунӣ мубаддал гарданд.

Ресурсҳои хонавода хусусияти динамикӣ дошта, аз фаъолияти ҳаётӣ ва синнусолии хонавода вобастаанд. Онҳо метавонанд арзи вуҷуд дошта бошанд, ёбанд ва ё аз байн раванд.

Пас аз таҳлили зиёд асоси тарбияи иқтисодиро дар се ҷузъиёт муайян намудем:

1. **Когнитивӣ.** Ин гирифтани дониши иқтисодӣ, ташаккули тафаккури иқтисодӣ мебошад.
2. **Тарбияи иқтисодии «бихевиоралӣ».** Ин рафтор буда, ташаккули рафтори иқтисодӣ, молиявӣ усули инфиродии фаъолияти меҳнатиро ташкил медиҳад.
3. **Тарбияи иқтисодии шахсӣ.** Тарбияи иқтисодии ташаккули мотиватсия (майлу рағбат) нисбат ба фаъолияти иқтисодӣ, арзиш ва танзими намунаҳои рафтор дар соҳаи иқтисод ва молия, инчунин, сифатҳои муҳими шахсии иқтисодиро дарбар мегирад.

Аз нуқтаи муносибатҳои ресурс дар тарбияи иқтисодӣ мазмуни ресурҳои хонаводагӣ ширкат меварзанд. Ин, пеш аз ҳама, ресурҳои молиявӣ ва моддии хонавода мебошанд.

Аз рӯйи ақидаи аксар муҳаққиқон ресурси асосии тарбияи иқтисодии хонаводагӣ истифодаи кисахарҷӣ ба шумор меравад. Барои он ки кӯдак муомила бо маблағи пулиро омӯзад, бояд маблағи муайянеро дошта бошад.

Кисахарҷӣ ҳамчун «асбобе» мебошад, ки кӯдакон дониши молиявӣ мегиранд, сарф кардан, нақшаи масрафро меомӯзанд. Бо пул доштан кӯдак худро шахсият ҳис мекунад, зеро аҳли болиғи хонавода ин маблағи пулиро доранд. Кисахарҷӣ дар кӯдакон мустақилият, масъулият, фарқи сарфакорӣ ва саховатро инкишоф медиҳад. Кисахарҷӣ дар тарбияи иқтисодии наврасон «асбоби молиявӣ» ба шумор меравад [2.45., с.111].

Ҳоло, дар шароити имрӯза таъсири тарбияи хонаводагии иқтисодӣ барои ташаккули махсусияти шахсии кӯдакон ва наврасон дар кишвари мо ба таври кифоя мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор нагирифтааст. Сабабҳои ин камтаваҷҷуҳӣ дар он аст, ки дар давраи хоҷагидории сотсиалистӣ тарбияи иқтисодии хонаводагӣ вуҷуд надошт ва акнун дар давраи муносибатҳои бозорӣ он ҳамчун масъалаи мубрам дар назди муҳаққиқон қарор дорад.

### 1.3. Принсип, метод, технология ва усулҳои тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода

Принсипи тарбия дастурамалест, ки такя ба он усули фаъолияти тарбиявиро матлуб менамояд. Тибқи хусусиятҳои хоси хонавода ҳамчун муҳити инкишофи шахсияти наврас бояд маҷмӯи принсипҳои тарбияи хонаводагӣ ба таври зайл бунёд гарданд, маҷмӯи принсипҳои зерини тарбияи хонаводагӣ дар амал ҷорӣ бошанд:

- наврасон бояд дар муҳити некукорӣ ва муҳаббат тарбия гиранд.
- волидайн бояд кӯдакони худро чи хеле онҳо ҳастанд, бифаҳманд ва қабул кунанд;
- ягонагии самимӣ, эҳтироми тарафайн, серталабӣ бояд асоси тарбияи хонаводагӣ бошад;
- шахсияти волидайн-намунаи олӣ барои тақлиди наврасон бошад;

ҳама намуди фаъолияте, ки дар хонавода гузаронида мешавад, асосан дар шакли бозиҳои гуногун ва мантиқӣ бошанд [2.1. с.91].

Ба принсипҳои асосии тарбияи хонаводагӣ инҳо дохил мешаванд: мақсаднокӣ, илмӣ, башардӯстӣ, эҳтиром ба шахсияти кӯдак, нақшавӣ, бонизомӣ, давомнокӣ.

а) Принсипи мақсаднок. Тарбия ҳамчун зуҳуроти педагогиест, ки самти иҷтимоӣ-маданиро дорост. Дар худ мақсади олии фаъолияти тарбиявӣ ва натиҷаҳои дар назар доштаро таҷассум менамояд. Дар бештари маврид хонаводаҳои муосир майл ба мақсадҳои амиқи

объективие доранд, ки дар кишвари худ асоси сиёсати педагогиро ташкил медиҳанд. Дар солҳои охир ба сифати мақсадҳои объективии тарбия арзишҳои умумибашарӣ дохил мешаванд, ки дар Декларатсияи ҳуқуқи башар, Декларатсияи ҳуқуқи кӯдак ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидаанд. Оҳанги субъективии мақсади тарбияи хонаводагӣ дар он зуҳур меёбад, ки ҳар як хонавода чи гуна фарзандашро тарбия мекунад. Ба сифати мақсади тарбияи хонаводагӣ анъанаҳои этникӣ, фарҳангӣ ва динӣ низ дохил мешавад.

б) Принсипи илмӣ. Дар асарҳои пешин тарбияи хонаводагӣ дар пояи тасаввуроти маишӣ, ақли солим, анъана ва урфу одат асос ёфта, аз насл ба насл интиқол дода мешуд. Аммо дар садсолаи охир педагогика чун дигар илмҳои гуманитарӣ хеле рушд намуд. Хеле маводҳои илмӣ оид ба мунтазамии ташаккули кӯдак, бунёди раванди тарбия дастрас гардид. Истифодаи дурусти илмии тарбия дар хонавода аз тарафи волидайн ба он меорад, ки натиҷаи назаррас дар тарбияи насли наврас ба даст меояд. Роҳ додан ба хатоӣ ва саҳв аз тарафи волидайн ин аз нафаҳмидан ва надонистани асосҳои илмии педагогӣ ва равоншиносӣ содир мегардад. Надонистани махсусияти синну соли кӯдакон ба истифодаи методҳои тасодуфӣ ва воситаҳои нодурусти тарбия мебарад.

в) Принсипи эҳтиром ба шахсияти кӯдак. Аз тарафи волидайн кӯдак, чи хеле ки ҳаст, бояд ҳамон тавр қабул гардад. Ҳамаи махсусияти кӯдак, хислатҳои хоси ӯ, одат, бояд ҳамчун меъёр эътироф гардад. Кӯдак бо хоҳиши худ ба дунё наомадааст, ба ин то андозае волидайн «гунаҳкор» мебошанд. Аз ин ҷост, агар кӯдак онҳоро бо ягон рафтори «ноҷо» нороҳат кунад ё аз он ки парасторӣ ва нигоҳубини кӯдак вақти зиёдро гирад, шикоят набояд кард. Балки волидайн бояд худмаҳдудкунӣ, сабр ва таҳаммулро дар тарбияи кӯдак пеша кунанд. Волидайн ба кӯдак зоҳири муайян (имидж), миҷози махсус ато намудаанд. Муҳити тарбияеро, ки онҳо интихоб менамоянд, дар кӯдак ташаккули характер, одат, ҳиссиёт, муносибат ба ҳаётро муайян менамояд.

г) Принсипи башардӯстӣ.

Танзими муносибати болиғон бо кӯдак бо назардошти он, ки ин муносибат бояд дар пояи эътимод, эҳтироми тарафайн, ҳамкорӣ, муҳаббат, накукорӣ бунёд гардад, ба роҳ монда шавад. Волидайн бояд ҳуқуқи кӯдакро эҳтиром намоянд, ҳамагуна ҳуқуқи кӯдакро ба комёбӣ ва нокомӣ дар омӯхтани дониш, ҳуқуқ ба нокомӣ ва малака, ҳуқуқ ба моликиятро эътироф намоянд. Бештари волидайн мавқеи зерро дар муносибати кӯдак доранд: «Касе шав, ки ман мехоҳам». Албатта, ин аз дархости хуб иҷро мегардад, вале ин эътироф накардани шахсияти кӯдак аст, барои хотири оянда ирода, ташаббуси кӯдак дар бештари маврид ташаккул намеёбад.

ғ) Принсипи нақшавӣ, бонизом, давомнок.

Ин ҷо, асосан, тарбияи кӯдак дар хонавода бо мақсади дар пеш гузошта бунёд карда мешавад. Нақшагузорӣ ва бонизомӣ на танҳо дар мазмуни тарбия, балки оид ба воситаҳо, методҳо, усулҳои синну солро ба назаргиранда ва имконияти инфиродии кӯдак зуҳур меёбад. Он чиз аниқ аст, ки ҳар чӣ қадар тарбия воқеӣ, нақшавӣ ва бонизом бошад, натиҷа матлуб хоҳад шуд. Аммо бархе волидайн, аксаран ҷавонон, бетоқатӣ зоҳир намуда, ташаккули ин ё он сифати мусбати кӯдаконро тибқи фосила ба назар нагирифта, ба кӯдак фишор меоранд. Онҳо мехоҳанд маҳсули фаъолияти худро зуд ба даст оранд. На ҳама вақт дар хонавода мефаҳманд, ки дар тарбияи кӯдак танҳо сухан ширкат намеварзад, балки ба пуррагӣ муҳити хонавода низ таъсир мегузорад. Масалан, ба кӯдак таъкид мекунанд, ки тартибро дар нисбати либос, ҷойи хоб, бозичаҳо риоя кунад, вале кӯдак шоҳид аст, ки падар риштарошаки худро бетартиб мегузорад, модар либосҳоро дар ҷевон намеовезад. Ё худ ҳамеша аз фарзандон эрод мегиранд, ки онҳо китоб намехонанд ва худ низ ҳамчун намунаи ибрат барои фарзандон боре китоб ва маҷала истифода намебаранд. Ин ҷо иштибоҳи калон аст ва кӯдак дарк мекунад, ки аз ӯ чизеро талаб мекунанд, ки худи болиғон риоя намекунанд. Чунин

тарзи тарбия натиҷаи матлуб нахоҳад дод.

д) Принсипи комплексӣ ва системавӣ.

Таъсири ҳаматарафа ба шахсият тавассути мақсад, мазмун, восита ва методҳои тарбия асоси ин принсипро ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, ҳамаи омилҳо ва тарафҳои раванди педагогӣ ба назар гирифта мешавад. Навраси имрӯза дар муҳити махсуси иҷтимоӣ, табиӣ, маданӣ зиндагӣ мекунад ва дар доираи хонавода маҳдуд аст. Аз синну соли хурдӣ наврас радио гӯш мекунад, телевизор тамошо мекунад, ба сайругашт баромада, бо одамони ҷинсҳои гуногун, синну соли гуногун муошират менамояд. Ҳамаи ин муҳит дар дараҷае ба инкишофи наврас таъсири муайян мегузоранд. Тарбияи серомилӣ (бисёромилӣ) тарафҳои мусбат ва манфиро доро мебошад.

е) Принсипи ризоятмандӣ дар тарбия.

Яке аз махсусияти тарбияи навраси имрӯза дар он зуҳур меёбад, ки онҳоро ашхоси гуногун, аҳли хонавода, педагогҳои касбии муассисаи таълимӣ, боғчаи бачагон, мактаб, сексияҳои варзишӣ ва ғайра иҳота намудаанд. Ягон мураббӣ, хоҳ волидайн, хоҳ педагогҳо наврасро дар хилват тарбия карда наметавонанд, бинобар ин, дар ин ҳолат дар интихоби мақсад мазмуни фаъолияти тарбиявӣ, воситаҳо ва методҳо ризоиятмандии ҳамаи ашхоси дар тарбия саҳм гузоранда бояд арзи вуҷуд дошта бошад. Норизоиятии талабот ва муносибат дар тарбия ба он меорад, ки наврасон ошуфта гашта, боварӣ ва эътимод ба худро аз даст медиҳанд [2.6. с. 58].

Методи тарбия ин тарзи педагогии мақсаднокии фаъолияти мутақобила байни волидайн ва кӯдакон мебошад. Метод барои ташкили ҳаёти кӯдак, фаъолияти ӯ, муносибату муоширати кӯдак равона гардида, фаъолият ва рафтори ӯро идора намуда, ӯро ҳавасманд мегардонад [2.7., с.49].

Интихоби методҳои тарбия чунин муайян мегарданд:

– мақсади тарбия;

– намуди фаъолияти бартаридошта (меҳнат, бозӣ, таълими бадеӣ ва ғайра);
– мазмуни тарбия (ахлоқӣ, зеҳнӣ, экологӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ ва ғайра);
– махсусияти синнусолӣ, инфиродӣ, ҷинсии кӯдак [2.7., с.61].

Таснифи методҳои тарбияи хонаводагиро метавон чунин тасвир намуд:

**1. Методи ташаккули шуур**. Методи тарбиявие, ки ба ташаккули мафҳумҳо, баҳодиҳӣ, фикррониӣ, ҷаҳонбинии дурусти наврас равона гардидааст методи ташаккули шуур мебошад. Ба ин суҳбатҳо, нақши ҳикояву афсонаҳо, китобхона ва ғайра дохил мешаванд. Ин метод хеле васеъ дар раванди нақлкунии ҳикояҳои маишӣ, афсона, масал, ривоят истифода мешавад.

**2. Методи ҳавасмандгардонии фаъолият ва рафтори наврас**. Роҳҳои ҳавасмандгардонии наврас барои беҳтар кардани рафтор, инкишоф додани ҳавасмандгардонии мусбат нисбат ба фаъолияти онҳо асоси ин методро ташкил медиҳад. Ба ин метод дохил мешаванд:

- талабот–таъсири педагогии бо мақсади ҳавсмандгардонӣ ё манъ кардани баъзе фаъолияти наврас равона мегардад. Талабот метавонад бевосита (фармон, манъ) ё нисбӣ (маслиҳат, хоҳиш, ишора) шавад.

- ҳавасмандгардонӣ-усули ҳавасмандгардонии амалҳои мусбати кӯдак аз тарафи волидайн мебошад. Механизми ин метод дар ҳавасмандгардӣ, хурсандӣ, хушҳолӣ, ҳаловат бурдани наврас дар иҷрои ягон амали мусбат ҷамъбаст мегардад.

Ҷазо-манъи амалҳои манфии наврас бо кумаки баҳо додан ба рафтори нохуб, бедор кардани ҳиссиёти гуноҳ ва тавба кардан асоси ин методро ташкил мекунанд [2.71., с.76].

Барои ҳалли вазифаҳои тарбияи иқтисодӣ ҳам дар таълимгоҳ ва ҳам дар хонавода методҳои гуногун мавҷуд аст.

Чунончӣ:

**Нақл кардани ҳикоя**. Ин дар ҳаҷми хурд дар муддати 20-30 дақиқа

ягон намуди маводи таълимиро шифоҳӣ ба наврасон нақл кардан аст. Дар мавод бояд далелҳо, намунаҳои ба кори ягон муассиса ё коргоҳ ворид бошад, аз фаъолияти хусусияти иқтисодӣ доштаи қаҳрамонҳо, шахсиятҳои таърихӣ, олимон ва ғайра мисолҳо овардан хеле муфид аст. Истифодаи таҷрибаҳо аз қабили нишон додани навор, аксҳо хеле фоиданок мебошад. Хуб мешавад, дар ин самт аз аксҳои шахсони сармоягузор, коргузорон, одамони пешсафи кишвар, сарварони давлатҳо, қаҳрамонҳо, варзишгарон ва ғайра истифода намуда оид ба ин шахсон каме маълумот додан ба мақсад мувофиқ аст.

**Суҳбат**. Методи гуфтугуии таълимӣ буда, таълимдиҳанда бо таълимгиранда дар суҳбати озод дар атрофии ягон масоили тарбиявии иқтисодӣ ширкат меварзад. Таълимдиҳанда бо таълимгирандагон суҳбат ороста, дониши онҳоро муайян намуда, ҳамзамон ба онҳо маводи наву донишҳо (маълумот)-и иловагиро медиҳад. Ин ҷо оид ба ягон ашхоси муайян каме ахборот дод. Ҳатто мешавад, ки ӯро барои суҳбат ба мактаб даъват намуд, то шогирдон худ шоҳид гарданд, ки ин шахс дар зиндагӣ чи гуна ба мақсад расидааст.

**Кори мустақилона**. Давраи муҳим ва зарурии таълими маводи иқтисодӣ мебошад. Мавод барои мустақилона аз худ кардан пешниҳод мегардад ва натиҷаи он ба азхуд кардани донишҳои нав меорад, барои инкишофи эҷодии таълимгирандагон мусоидат карда, қобилияти онҳоро такмил медиҳад. Ба ҳайси вазифаи хонагӣ метавон ба хонандагон супориш дод, то оид ба ягон шахси номдор маълумот омода созанд.

**Саёҳат.** Мазмуни саёҳати таълимӣ-маърифатӣ бояд мақсади муайян дошта бошад. Саёҳат аз тарафи мутахассис ё роҳбалад ташкил карда мешавад ва ин яке аз методҳои муҳими таълим ба шумор меравад. Ин дақиқбинӣ, ташаккули тасаввуроти аёнии таълимгирандагонро инкишоф медиҳад.Саёҳат метавонад дилхоҳ мавзеъ ё худ табиатро дар бар гирад. Масалан, осорхонаи миллӣ. Дар он ҷо хонандагон метавонанд оид ба рассомон, шахсони таърихӣ, ҳодисаҳои таърихӣ ва

имсол ба инҳо маълумот гиранд. Боғи истироҳатӣ, Саразми бостонӣ, Қалъаи Ҳисор, хулоса ҷойҳои таърихӣ, маданӣ ва монандӣ инҳо интихоб гардида, оид ба он аз ҷониби хонандагон суҳбатҳо гузаронидан аз манфиат холӣ нест.

**Методи тасвир.** Ба таълимгирандагон пешниҳод кардани тасвирҳои таълимӣ ба монанди расмҳо, ҷадвалҳои гуногун, харитаҳо ва ғайра низ аҳамияти калон дорад.

**Машқҳо.** Ин чанд маротиба такрор кардани амали зеҳнӣ ва таҷрибавӣ буда, дар тамоми намуди таълим мавриди истифода қарор дорад. Хусусият ва усули машқҳо аз махсусияти маводи таълимӣ, маводи аниқ ва дараҷаи синну соли таълимгирандагон вобаста аст. Машқҳо аз рӯйи хусусияти худ шифоҳӣ, хаттӣ, таълимӣ-меҳнатӣ мешаванд. Дар иҷрои ҳамаи ин машқҳо таълимгирандагон кору амали зеҳнӣ ва амалиро иҷро мекунанд.

**Корҳои эҷодии таълимгиранда**. Иҷрои кори эҷодӣ воситаи муҳими инкишофи қобилияти эҷодии таълимгирандагон мебошад, ҳамчунин барои ташаккули малакаҳои мақсадноки кори мустақилона равона гардида, ба васеъ ва мустаҳкамшавии дониш, маҳорат ва малакаи наврасон мусоидат менамояд. Кори эҷодӣ дар шакли навиштани иншо, расмҳо, лоиҳаҳо, ангораҳо (эскизҳо) ва дигар намунаҳои кори эҷодӣ гузаронида мешавад. Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки дар хона лоиҳае тартиб диҳанд, ки ба назари онҳо дар оянда тавонад ҳамчун маблағи даромад хизмат кунад.

**Корҳои лабораторӣ**. Гузаронидани таҷрибаҳо бо истифода аз асбобҳои гуногуни техникӣ низ натиҷаи матлуб медиҳад ва аз методҳои маълум ба шумор меравад.

**Дарсҳои амалӣ.** Дарсҳои амалӣ таълими асосие мебошад, ки барои ташаккул додани маҳорат ва малакаи амалии иқтисодӣ равона мебошад.

Дар раванди болиғшавӣ кӯдакон, албатта, ба иштибоҳҳои зиёде роҳ медиҳанд. Дар ин ҳолат баъзе наврасон худро беақл ва ноком

мешуморанд, дигарон роҳҳои пинҳон кардани саҳви худро меҷӯянд. Бинобар ин, дар ин маврид маҳз истифодаи методҳои педагогии махсус натиҷаи матлуб хоҳад дод.

Технологияи педагогӣ ин маҷмӯи дастурҳои писхологӣ-педагогӣ буда, барои интихоби шакл, метод, усул роҳҳои таълим, воситаҳои таълим хизмат мекунад. Он дастури методӣ-ташкилии раванди педагогӣ мебошад [3.11., с. 36].

Технологияи педагогӣ технологияи таълимӣ (технологияи дидактикӣ) ва ҳам технологияи тарбиявиро дар бар мегирад. Муҳаққиқ В.В. Пикон аломатҳои асосии технологияи педагогиро баррасӣ намудааст.

- технология дар асоси тарҳрезии педагогӣ ташкил мешавад ва мавқеи методологӣ, фалсафии муаллиф асоси онро таркиб медиҳад.

- занҷири технологии фаъолият, амалиёт ва муошироти педагогӣ тибқи мақсадҳои ба натиҷаҳои матлуб равона бунёд мегардад.

- технологияи фаъолияти мутақобилаи хонанда ва омӯзгорро бо назардошти хусусиятҳои инфиродӣ дар мадди назар мегиранд.

- унсурҳои технологияи педагогӣ аз тарафи ягон омӯзгор истифода мешаванд ва албатта, бе кафолати натиҷаи ба нақша гирифта мусоидат менамояд.

Қисмати таркибии технологияи педагогӣ тартиботеанд, ки меъёрҳо нишондиҳандаи ченаки натиҷаҳои фаъолиятро дар худ таҷассум менамоянд.

Дар вақти тарбияи наврасон бояд принсипҳо, методҳо ва технологияи педагогӣ дар якҷоягӣ мавриди истифода қарор гирад [2.11. ,с.25].

Ба технологияи асосии таълими муосир инҳо дохил мешаванд:

- таълими инкишофёбанда;

- таълими проблемавӣ;

- таълими гуногундараҷа;

- системаи таълими коллективӣ;

- технологияи омӯзиши вазифаҳои эҷодӣ;

- методҳои тахқиқотӣ дар таълим;

- технологияи истифода дар таълими методҳои бозӣ, нақшгузорӣ ва дигар бозиҳои таълимӣ;

- таълим дар ҳамкорӣ (корҳои гурӯҳӣ);

- технологияи иттилоотӣ-муоширатӣ;

- технологияи ҳифзи саломатӣ [2.13.с. 122]

Таҳкиқот нишон медиҳад, ки волидайн барои инкишофи шахсияти наврас асос ба шумор меравад. Маълум аст, ки хонавода ҳамчун интитути бунёдии иҷтимоӣ ба шумор меравад, зеро аъзои он бо занҷири никоҳ, муносибатҳои хешу таборӣ ва умумияти ягонаи маиширо ба ҳам мепайванданд. Барои наврас аъзои хонавода одамони аз ҳама наздик мебошанд, ки ба онҳо бовар кардан мумкин аст ва онҳо дар инкишофи кӯдак нақши муҳим мебозанд, ба ӯ зиндагиро меомӯзонанд, албатта, дар зери тарбия қарор медиҳанд.

Бе тарбияи кофӣ наврас наметавонад ба зиндагӣ омода шавад ва ба раванди иҷтимоӣ дар ҷомеа мутобиқ гардад.

Дар ҳар хонавода усулҳои махсуси тарбия мавҷуданд, ки ба ташаккули шахсияти наврас нигаронида шуда, дар наврас сифатҳои инфиродӣ ва инсониро ташаккул медиҳанд. Агар наврасро нодуруст тарбия намоӣ ё ӯ умуман аз тарбия ғофил монад, шахсияти бадеро дар ҷомеа ворид менамоем.

Баъзан чунин руйи медиҳад, ки волидайн намедонанд чӣ тавр фарзанди худро тарбия намоянд ва ё ба усули тарбияи худ бовар надоранд.

Дар адабиёти гуногун педагогхо ва таҳқиқотчиёну муҳаққиқон дар тарбияи хонаводагӣ чор усули тарбияро пешниҳод намудаанд, ки ҳар кадоми ин усулҳо камбудӣ ва бартариҳои худро доранд.

Яке аз усулҳои хеле маълуми тарбия дар хонавода ин усули нуфузӣ мебошад. Моҳияти асосии ин усул дар он зуҳур меёбад, ки волидайн ва фарзандон бо қонуни ягонаи хонаводагӣ зиндагӣ мекунанд. Дар чунин

хонаводаҳо чунин қонуни ягонаи фавқузикр мавҷуд аст. Волидайн ба нуқтаи назари фарзандон роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни маишӣ ва ҳаётӣ гӯш дода, ҳама аҳли хонавода ҳуқуқи интихоб ва овози худро дар ҳалли масоили хонаводагӣ доранд. Ҳама ҳамеша ба кӯмаки якдигар омодаанд, нофаҳмӣ дар муносибат мавҷуд нест, волидайн ҳамеша ба муошират бо фарзандон омодаанд. Махсусияти усули нуфузии тарбия дар он зуҳур меёбад, ки баробарӣ ва тифоқӣ дар байни аъзои чунин хонавода асоси муносибат ба шумор меравад.

Усули нуфузии тарбия ба он мусоидат мекунад, ки наврас мустақил, аниққор, масъулиятнок ба воя мерасад. Чунин наврасон моҳияти «ҷазо» ва «ҳавасмандӣ»-ро мефаҳманд, ба онҳо ҷазои ҷисмонӣ комилан бегона аст, зеро дар чунин хонаводаҳо ҷазои ҷисмонӣ, умуман, истифода бурда намешавад.

Моҳияти асосии тарбияи нуфузӣ дар чунин махсусият зуҳур меёбад. Волидайн ҳамеша ба рафтори фарзанд ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Ба рафтори кӯдакон баҳо дода, хатоиҳоро ислоҳ намуда, рафтори матлубро мавриди ҳавасмандӣ қарор медиҳанд. Қоидаҳо ва мақсади тарбия дар чунин хонаводаҳо маълуманд. Волидайн ба худ эътимод доранд, аз муошират бо фарзандони худ ҳарос надоранд. Чунин волидайн дар кори тарбия пайваста тадбир меҷӯянд, тарбияи асосӣ ва интихоб ба уҳдаи онҳо мебошад. Натиҷаи тарбияи нуфузии хонаводагӣ матлуб мебошад, фарзандони чунин хонавода худбаҳодиҳии баланд ва мустақилияти комилро доро мебошанд. Онҳо қарори ҳалли ҳамагуна масъаларо оромона аз рӯи меъёрҳои иҷтимоии мавҷуда қабул менамоянд. Ҳамеша ташаббускор буда, дар ҳалли вазифаҳои гуногун ба худ эътимод доранд. Онҳо бештар эҷодкор буда, ҳамеша ба пешравӣ майл мекунанд.

Психологҳо чунин усули тарбияи хонаводагиро хеле мувофиқ ва беҳтарин мешуморанд.

Усули авторитарӣ нисбат ба усули тарбияи нуфузӣ комилан зид мебошад. Асоси вазифаи чунин усул ба он равона гардидааст, ки мутеияти том аз фарзанд талаб карда мешавад. Ба фарзанд комилан мустақилона амал кардан манъ карда мешавад. Волидайни чунин хонаводаҳо дар тарбияи фарзандон ташаббусро пурра ба уҳдаи худ гирифта, мустақилият доштани фарзанди худро инкор менамоянд. Чунин волидайн фардияти наврасро нобуд месозанд, ҳолати психологии ӯро ба эътибор намегиранд. Ин ба он меорад, ки дар муносибати волидайн ва фарзандон сардӣ ҳукмронӣ менамояд. Ҳама чизро ба фарзандон манъ кардани волидайн якдигарфаҳмиро дар байни онҳо нобуд месозад ва муҳаббатро дар байни наслҳо дур мекунад.

Агар фарзанд бо усули авторитарӣ тарбия ёбад, ҳеҷ гоҳ мустақил шуда наметавонад ва дар ҳалли вазифаҳои ҳаётӣ ва маишӣ камфаъол ва ҳатто беҳаракат мешавад. Ҳамчунин, ба худбаҳодиҳии наврас таъсири манфӣ гузошта мешавад. Ҳатто, агар фарзанд боистеъдод бошад, чунин усули тарбия ба он меоварад, ки фарзанд мустақилиятро аз даст дода, худро ҳамеша гунаҳкор ва ноком мешуморад. Сабабгори чунин ҳолат ин усули тарбияи хонаводагӣ мебошад. Дар оянда чунин наврасон дар ҷомеа шахсияти солим шуда наметавонанд.

Махсусияти усули тарбияи авторитарӣ дар чунин қоидаҳо зуҳур меёбад. Дар чунин усул қоидаҳои зиёде мавҷуданд ва дар сурати иҷро нагардидани чунин қоидахо ҷазоҳо пешбинӣ мешаванд. Дар чунин хонаводаҳо ба фарзандон таваҷҷуҳи камтар зоҳир менамоянд, агарчи таваҷҷуҳи волидайн асоси ташаккулёбии рафтор дурусти фарзандон ба шумор меравад. Фарзандонро волидайн ҳеҷ гоҳ гӯш намекунанд, хатоҳои фарзанди худро намебахшанд ва ба ҷазо сазовор медонанд. Фарзандони чунин хонавода ҳеҷ гоҳ мустақил намешаванд. Аз ҷазо эмин мондан мақсади асосии фарзандони чунин хонавода мешавад. Дар чунин хонавода навраси пассив (қафомонда) ба воя расида, ҳамеша аз дигарон

вобаста мегардад. Дараҷаи худбаҳодиҳӣ дар чунин наврасон хеле паст буда, изтироб ҳамеша думболгири онҳост.

Мутахассисион комилан зидди чунин усули тарбияи хонаводагӣ буда, оқибатҳои номатлуби онро барои ояндаи кӯдкон ва наврасон пешгӯйӣ менамоянд. Агар барои волидайн ҳолати равонии фарзандон муҳим бошад, мутахассисон маслиҳат медиҳанд, ки аз истифодаи усули авторитарӣ пурра худдорӣ намоянд.

**Усули индифферентӣ** бо хунукназарӣ, бетаваҷҷуҳӣ аз дигар усулҳои тарбияи хонаводагӣ фарқ мекунад. Асоси моҳияти чунин усули тарбия ба фарзандон озодии мутлақ додан аст. Волидайн дар тарбияи фарзанд ягон нақше намегузоранд. Чунин волидайн ба такдири ояндаи фарзандон масъул нестанд. Фарзандоне, ки дар чунин хонавода ба воя мерасанд, аз муҳаббат ва ғамхорӣ бенасибанд. Ба онҳо комилан таваҷҷуҳ зоҳир карда намешавад. Чунин фарзандон оқибат ҳамчун шахсияти номатлуб ба воя мерасанд. Бо кӯдакон муошират бо атрофиён, умуман, омӯхта намешавад ва наврасоне, ки дар чунин хонавода ба воя мерасанд, худро ба ҷомеа мутобиқ карда наметавонанд. Ин зайл наврасони ба воя расида майл ба машрубот ва маводи мухаддир менамоянд, баъзан ба ҳодисаҳои худкушӣ низ даст мезананд, зеро наврасони ба балоғатрасида хонаводаҳои худро ташкил карда наметавонанд. Муносибати самимона ва гарму ҷӯшони хонаводагӣ барои онҳо бегона аст.

Волидайн дар чунин хонавода комилан ба хостагиҳо ва рафтори дурусти фарзандон таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд. Талабот аз фарзандон барои иҷрои ягон амал комилан вуҷуд надорад. Фарзандони ин гурӯҳи хонаводаҳо одатҳои солимро бархӯрдор нестанд, ҳамчунин барои муайян кардани талаботи солим низ қодир нестанд. Онҳо ҳамеша аз атрофиён умеди дастгирӣ доранд, зеро дар хонавода ягон хел дастгирӣ вуҷуд надорад. Дар онҳо дараҷаи баланди изтироб дида шуда, онҳо ба худ боварӣ надоранд. Дараҷаи пасти худбаҳодиҳиро соҳибанд.

Мутахассисон ба пуррагӣ зидди чунин усули тарбияи хонаводагӣ мебошанд, зеро он ба насли оянда барои шахсияти солим шудан мамониат эҷод мекунад.

**Усули либералӣ** ба усули индифферентӣ монанд буда, ба усули нуфузӣ комилан зид мебошад. Чунин хонаводаҳо муносибатро дӯстона барқарор намуда, ба фарзандон озодии мутлақ медиҳанд. Чунин волидайн омодаанд, ки мавзуъҳои гуногунро бо фарзандон муҳокима намоянд, муҳаббати беандозаро ба онҳо дода, дар як вақт ба муваффақияти фарзандон бетарафӣ зоҳир менамоянд.

Дар назари аввал чунин ба назар мерасад, ки тарбия бо усули либералӣ идеалӣ аст, вале дар асл чунин нест. Наврасоне, ки дар чунин хонаводаҳо тарбия гирифтаанд, ба ҷомеа мутобиқ шуда наметавонанд, ба қоидаву меъёрҳои иҷтимоии ҷомеа итоат намекунанд. Онҳо бемасъулият буда, дараҷаи баланди худбаҳодиҳиро доро буда, худбовар мебошанд. Худхоҳе, ки ба дигарон кумак кардан намехоҳад маҳз маҳсули чунин тарбияи хонаводагӣ ба шумор меравад. Чунин одамон бештар танҳоиро интихоб намуда, аз ҷомеа дурӣ меҷӯянд.

Асоси тарбияи либералӣ дар чунин меъёрҳо зуҳур меёбанд. Волидайн пурэҳсос буда, нисбат ба фарзанд таваҷҷуҳи аз андоза зиёд зоҳир менамоянд. Волидайн ба фарзандон имкон намедиҳанд, ки мустақилона ягон амалро иҷро намоянд. Ҳама чизро худашон муҳайё менамоянд, масъулияти фарзандон маҳдуд аст, ба фарзандон мустақилияти комил дода намешавад. Волидайн ҳеҷ гоҳ ягон хоҳиши фарзандро рад намекунанд. Чунин усули тарбия ба он меорад, ки фарзандон одатҳои дурустро бархӯрдор намешаванд, зеро ҳама корро ба ҷойи онҳо волидайн иҷро мекунанд. Назорат нест, худназоратӣ асоси хислати чунин наврасонро ташкил мекунад. Фарзандон барои иҷрои амалҳои мушкил омода нестанд, зеро мустақилият надоранд. Азбаски интизом надоранд, дар корҳои эҷодӣ низ муваффақ намешаванд. Хамдилию ҳамдардӣ барои онҳо бегона аст ва бештар худхоҳанд.

Мутахассисон маслиҳат медиҳанд, ки истифодаи чунин усули тарбия дар якҷоягӣ бо усули нуфузӣ натиҷаи матлуб хоҳад дод. Волидайн дар чунин усули тарбия бештар ба таълимгирии фарзандон таваҷҷуҳ зоҳир намоянд, онҳоро оҳиста-оҳиста ба зиндагӣ мутобиқ намоянд. Волидайн бояд кӯшиш кунанд, ки муносибатро бо фарзандон дуруст ба роҳ монанд, дар назди фарзандон нуфузи худро аз даст надиҳанд.

Волидайнро лозим аст, ки аз усулҳои номбаршудаи тарбияи хонаводагӣ беҳтарашро интихоб намоянд. Бартарӣ ё номатлубии ин ё он усулро таҳлил намуда, дар тарбияи фарзандони худ барои шахси солим шудан кумак намоянд.

## Хулосаи боби якум

Дар сохтори иҷтимоию иқтисодии ҷомеа хонавода нақши асосиро дорост. Хонавода яке аз институтҳое мебошад, ки пеш аз дин, давлат, қонун, маориф ва бозор арзи вуҷуд кардааст. Хонавода институти универсиалии иҷтимоии бунёдист. Институти хонавода маҷмуи меъёрҳои иҷтимоӣ, намунаҳои рафтор мебошад, ки муносибатро байни ҳамсарон, волидайн, фарзандон ва дигар аҳли хонавода ба танзим медарорад.

Хонавода ин муҳитест, ки барои инкишофи шахсият нақши муҳим мебозад. Нақши он дар ҳаёти ҷомеа ва давлат назаррас буда, барои тарбияи насли наврас, инчунин, барои таъмини оромии ҷамъиятӣ ва рушди ҷомеа низ мусоидат менамояд.

Хонавода гурӯҳи иҷтимоии паҳншуда, ҷузъи ҷомеа буда, инсон дар он таваллуд мешавад, инкишоф меёбад ва вақти зиёди зиндагонии худро дар хонавода паси сар мекунад. Хонавода дар ҳамҷоягӣ бо талаботи инфиродии ҳар як аъзои худ, ҳамзамон талаботи умумихонаводагиро қонеъ мегардонад.

Тибқи таҳқиқот хонавода дар тарбияи насли наврас нисбат ба мактаб, воситаҳои ахбори омма, ташкилоти ҷамъиятӣ, коллективҳои

меҳнатӣ, дӯстон, адабиёт, санъат бештар саҳмгузор аст. Бинобар ин, ба педагогҳо лозим аст, ки бештар бо хонавода ҳамкорӣ ва робитаи наздик дошта бошанд.

Мазмуни тарбияи хонаводагиро мақсади асосии ҳар як ҷомеаи демократӣ муайян менамояд. Хонавода бояд шахсияти аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва рӯҳӣ солим, аз ҷиҳати ахлоқ инкишофёфтаро, ки ба ҳаёти дар пеш истодаи хонаводагӣ ва ҷамъиятӣ омода аст, ташаккул диҳад.

Дар замони кунунии кишвар шароит ва арзишҳои нав ба миён омадаанд, ки комилан аз хонавода, мактаб ва ҷомеа муносибати зарурӣро дар тарбияи насли наврас тақозо менамояд.

Захираҳои педагогии хонавода дар худ маҷмуи шартҳо ва воситаҳоро дар бар мегирад, ки имконияти педагогии хонаводаро муайян менамояд.

Имконияти асосии хонавода, ба андешаи мо, чунинанд:

1. Хонавода фазои мувофиқро барои худшиносӣ муайян менамояд ва дар ин раванд шахсият ташаккул меёбад. Аз ин хотир, хонавода ҳамчун шароити муҳим барои худшиносӣ маҳсуб меёбад. Хонавода барои ташаккули худшиносӣ, ҳамчун шароити мусоид дониста мешавад ва ё барои ин ташаккул монеа эҷод мекунад;

2. Имконияти ташаккулёфта дар раванди таълим инкишоф меёбад ва хонавода аввалин муҳити таълимӣ ба шумор меравад;

Дар муҳити гуногуни таълимӣ майдони донишгирӣ васеъ мегардад. Ҳама донишҳои азхудкарда минбаъд имкон фароҳам меоранд, ки шахс ба ҳаёти воқеӣ мутобиқ шавад.

Вазифаҳои хонавода дар тарбияи фарзандон гуногунанд. Чунончӣ:

- фароҳам овардани шароити мувофиқ барои инкишофи наврасон;
- ҳифзи иҷтимоиву иқтисодӣ ва психологии наврасон;
- омӯзонидани таҷрибаи хонаводагӣ барои ташкили хонавода дар оянда;

- омӯзонидани малака ва маҳорати муфид барои худхизматрасонӣ, ҳамчунин расонидани кумак ва дастгирӣ ба дигарон;

- тарбияи ҳиссиёти қадр кардани шахсияти худ.

Рушди тарбияи иқтисодии шахс таърихи дуру дарозро дар бар мегирад. Асоси он дар корҳои педагогии классикони аврупоӣ, аз қабили А. Коменский, Ҷ. Лок, Ж.Ж. Руссо, Г. Песталотси ва монанди инҳо ҷамъбаст гардидааст. Дар асарҳои педагогҳои тоинқилобии рус, аз ҷумла К.Д. Ушинский, С.Г. Шатский ва дигарон ақидаҳои педагогҳои Аврупо тавзеҳ дода шудаанд.

Бархе муҳаққиқон дар муайян кардани мафҳуми «тарбияи иқтисодии наврасон» ақида баён намудаанд, ки дар доираи ин тарбия, пеш аз ҳама, бояд ташаккули тафаккури иқтисодӣ, шуур, рафтор, хислатҳои мусбии шахсият ҳалли худро ёбанд ва маҷмӯи ин хислатҳо барои фаъолияти иқтисодӣ дар ҳаёти ҳаррӯза заруранд.

Дар зери мафҳуми «тарбияи иқтисодӣ» маҷмӯи меъёрҳое, ки ба самти инкишофи тафаккури иқтисодии инсони имрӯза дар муҳити хонавода, истеҳсолот ва, умуман, дар ҷомеа равона гаштааст, фаҳмида мешавад. Раванди мазкур на танҳо мақсади ташаккули хислати кордонӣ, ба монанди сарфакорӣ, фаъолнокӣ, эҳтиёткориро дар бар мегирад, балки омӯзиши маҷмуи донишҳоеро ба пеш мемонад, ки ба проблемаҳои молиявӣ, ҳоҷагидорӣ, маҳдудияти иқтисодӣ, андозу андозсупорӣ дахл мекунанд.

Тарбияи иқтисодӣ аз як тараф тарбияи мустақилест, ки барои зиндагӣ дар шароити муайян зарур аст, аз тарафи дигар, ҳамчун бахши тарбияи шахс дар маҷмӯъ мебошад. Шахси ботарбия бо рафтор, кирдор, муносибат бо атрофиён фарқ мекунад, ки ин дараҷаи фарҳангии ӯро нишон медиҳад. Чизи дигар он аст, ки рафтор, одатан, дар бештари ҳолатҳо аз қоидаҳои иқтисодӣ вобаста буда, дар як вақт ба ин қоидаҳо мутеъ аст. Рафтори одамон дар иқтисодиёт ва фаъолияти иқтисодии

онҳо, пеш аз ҳама, аз натиҷаи мавқеи шахс дар ҷомеа ва дараҷаи фаъолияти ӯ дар ҳалли ҳадафҳои дар ҳаёт ҷойдошта зуҳур меёбад.

Принсипи тарбия дастурамалест, ки шахс тибқи он фаъолияти тарбиявиро матлуб месозад. Тибқи хусусияти хоси хонавода ҳамчун муҳити инкишофи шахсияти наврас бояд маҷмӯи принсипҳои зерини тарбияи хонвода дар амал ҷорӣ бошанд:

- наврасон бояд дар муҳити накукорӣ ва фазои муҳаббат тарбия гиранд;

- волидайн бояд фарзандони худро чи хеле ки онҳо ҳастанд, бифаҳманд ва қабул намоянд;

- ягонагии самимӣ, эҳтироми тарафайн, серталабӣ бояд асоси тарбияи хонаводагӣ бошад;

- шахсияти волидайн намунаи олӣ барои тарбияи наврасон бошад;

- ҳама намуди фаъолияте, ки дар хонавода гузаронида мешавад, асосан, дар шакли бозиҳои мантиқӣ доир гарданд.

Принсипи мақсаднок, илмӣ, эҳтиром ба шахсияти кӯдак, башардӯстии нақшавӣ, бонизомӣ, давомнокӣ, маҷмуӣ ва мураттабӣ принсипҳоеанд, ки дар раванди тарбияи иқтисодӣ ҳамчун кумаки назариявӣ хизмат мекунанд.

Методи тарбиявӣ ин тарзи педагогии мақсадноки фаъолияти мутақобила байни волидайн ва кӯдак мебошад. Метод барои ташкили ҳаёти наврас, фаъолияти ӯ, муносибату муоширати наврас равона гардида, рафтор ва фаъолияти ӯро идора намуда, наврасро дар як вақт ҳавасманд мегардонад.

Интихоби методҳои тарбия чунин муайян мегарданд:

- мақсади тарбия;

- намуди фаъолияти бартаридошта (меҳнат, бозӣ, таълимӣ, бадеӣ ва ғайра);

- мазмуни тарбия (ахлоқӣ, зеҳнӣ, экологӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ ва ғайра);

Махсусияти синнусолӣ, инфиродӣ ва ҷинсии наврас

Дар раванди болиғшавӣ наврасон ба иштибоҳҳои зиёде роҳ медиҳанд. Дар ин ҳолат баъзе наврасон худро беақл ва ноком мепиндоранд, дигарон роҳҳои пинҳон кардани хатоҳои худро меҷӯянд. Бинобар ин, дар ин маврид маҳз истифода намудани методҳои педагогии мазкур натиҷаи дилхоҳ хоҳад дод.

Технологияи педагогӣ ин маҷмӯи дастурҳои психологӣ-педагогӣ буда, барои интихоби шакл намуд, усулу роҳҳои таълим, воситаҳои таълим хизмат мекунад. Он ҳамчун дастури методӣ ташкили раванди педагогӣ мебошад.

Қисмати таҷрибавии технологияи педагогӣ тартиботе мебошад, ки он нишондиҳандаҳои ченаки фаъолиятро дар худ таҷассум менамояд.

Дар вақти тарбияи иқтисодии наврас бояд принсипҳо, методҳо ва технологияи педагогӣ дар якҷоягӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки волидайн барои инкишофи шахсияти наврас ҳамчун асос ба шумор мераванд. Хонавода ҳамчун институти бунёдии иҷтимоӣ маҳсуб меёбад, зеро аъзоёни он бо ақди никоҳ, муносибатҳои хешутаборӣ ва умумияти ягонаи маишӣ ба ҳам пайвастаанд. Барои наврас аъзоёни хонавода одамони аз ҳама наздик мебошанд, ки ба онҳо бовар кардан мумкин аст ва онҳо дар инкишофи наврас нақши муҳимро мебозанд, ба ӯ зиндагиро меомӯзанд, албатта, дар зери тарбия қарор медиҳанд.

Дар ҳар як хонавода усулҳои махсуси тарбия мавҷуданд, ки ба ташаккули шахсияти наврас нигаронида шуда, дар наврас хислатҳои инфиродии инсониро ташаккул медиҳанд. Агар наврасро нодуруст тарбия намоем ва ё ӯ аз тарбия ғофил монад, шахсияти бадеро дар ҷомеа ба воя мерасонем.

Дар бештари ҳолатҳо чунин рӯй медиҳад, ки волидайн намедонанд, ки чи тавр фарзанди худро тарбия намояд ва ё ба усули тарбияи худ

бовар надорад. Чанд андеша, ки дар рисола ёдовар ва пахш ёфтааст, ҳамчун дастури амалӣ худ ва саривақтӣ барои волидайн ба шумор меравад. Бинобар ин, дар раванди тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода маърифат, сатҳи дониш, нуфуз, хислатҳои неки ахлоқии волидайн шарти муҳиманд. Танҳо бо такя ба методҳо, технологияи педагогӣ, усулҳои беҳтари тарбия волидайн метавонанд дар тарбияи иқтисодии насли навраси худ натиҷаи назаррасе ба даст оваранд ва дар ташаккули шахсияти нек ва комёб дар ҷомеа саҳм гузоранд.

# БОБИ II. КОРҲОИ ТОЗМОИШӢ ОИД БА ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ТАРБИЯИ ИҚТИСОДИИ НАВРАСОН ДАР ШАРОИТИ ХОНАВОДА

## 2.1. Махсусияти тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода ва маърифати молиявӣ

Аввалин донишро роҷеъ ба иқтисодиёт кӯдакон дар хонавода гирифта, ба таври анъанавӣ яке аз вазифахои хонавода фаъолияти хоҷагидорӣ-иқтисодӣ мебошад. Ин, албатта, мақсади ниҳоӣ нест, аммо ин шарти зарурии ҳаёт ва инкишофи муносибату муошırати хонаводагӣ ба шумор меравад.

Тарбияи иқтисодӣ баъзе махсусият ва бартариятҳо нисбат ба дигар намудҳои тарбия дорост. Пеш аз ҳама, он ба нуфузи волидайн, неруи анъанавии одатҳои хонавода вобаста мебошад.

Тарбияи ҳаматарафаи наврас, омода сохтани ӯ барои зиндагӣ дар ҷомеа вазифаи асосии иҷтимоии хонавода ва ҷомеа ба шумор меравад.

Тарбияи иқтисодӣ инфиродист ва бевосита ба наврасı хонавода нигаронида мешавад. Аз ин хотир, тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода ҳамчун таъсири мақсадноки аъзои болиғи хонавода, тарзи зисти воқеии хонавода барои дар наврасон ташаккул додани муносибат ба моликияти шахсӣ ва ҷамъиятӣ, эҳтироми меҳнати одамон, эҳтиром ба меҳнат дар ҳама шакл, сифатҳои ахлоқӣ-иқтисодӣ ба шумор меравад.

Дар муошırати ҳаррӯзаи худ бо волидайн наврас омӯхтани оламро оғоз менамояд, ба калонсолон тақлид мекунад, таҷрибаи ҳаётиро аз худ мекунад, меъёрҳои рафторро ҳазм мекунад. Дар хонавода наврас нахустин таҷрибаи иқтисодиро соҳиб мегардад, аввалин эҳсосоти шаҳрвандиро ноил мешавад, хислатҳои ахлоқӣ-иқтисодӣ, ба амсоли меҳнатдӯстӣ, эҳтиёткорӣ, сарфакорӣ ва ғайраро аз худ мекунад [2.5.с.54].

Амалҳои волидайн, муносибати онҳо ба маблағи пулӣ ва ашёҳоро наврасон хеле мустаҳкам эҳсос менамоянд. Бинобар ин, барои тарбияи

дурусти наврас дар муҳити хонавода як фазои ягонаи солим, рафтори иқтисодии дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ солимро муҳайё намудан лозим аст.

Проблемаи ахлоқ дар иқтисодиёт мавқеи махсусро ишғол менамояд. Таҳлили моддиёт ва маънавиёт арзишҳои системаи иқтисодиро таъсис медиҳад ва дар ҳаёти имрӯза ахлоқ аз иқтисодиёт ҷудо нест, зеро иқтисодиёт ҳеҷ гоҳ зидди мафҳуми некӣ ва фоида нест. Масъалаи тарбияи ахлоқӣ, хислатҳои ахлоқӣ-иқтисодӣ дар хонавода таваҷҷуҳи зиёди муҳаққиқони соҳаи фалсафа, равоншиносӣ ва педагогикаро фаро гирифтааст. Педагогҳои асри гузашта Я.А. Коменский, И.Г. Пестолотси ба ташаккули хислатҳои меҳнатдӯстӣ, эҳтиёткорӣ, мустақилият, мустақилияти иқтисодӣ, сабурӣ дар ҳаёт, ботартиб бурдани хоҷагидорӣ аҳамияти хоса додаанд. Онҳо тарбияи иқтисодиро танҳо дар ҷанбаи ахлоқӣ ва шароити хонаводагӣ тасаввур мекарданд. Дар асарҳои А.С. Макаренко, В.А. Сухомлинский ба он таваҷҷуҳ зоҳир шудааст, ки наврас дар раванди худшиносӣ, шинохти олам эҳсоси масъулиятро нисбати арзишҳои моддӣ ва маънавӣ бархӯрдор мегардад [2.43, с.13].

Барои он ки хислатҳои ахлоқӣ-иқтисодиро ташаккул диҳем, бояд дарк намоем, ки мустаҳкамкунии хислатҳои ахлоқӣ-иқтисодӣ аз механизми ташаккули он вобаста аст. Пеш аз ҳама, раванд дар асоси тасаввуроти даркшуда оид ба моҳияти ин хислат, зарурияти он, бартарият доштани он бунёд мегардад. Наврас бояд хоҳиши хислатҳои ахлоқӣ-иқтисодӣ доштанро дар худ пайдо кунад, ба дигар маъно наврас бояд барои доро будан ба чунин хислатҳо ҳавасманд бошад. Дониши азхудкарда талаботи истифодаи амалии онро дар рафтору фаъолият ҳавасманд менамояд [2.18., с.36].

Методҳои пешниҳодшудаи аксар муҳаққиқон мавриди истифода дар тарбияи иқтисодии наврас дар хонавода натиҷаҳои дилхоҳ медиҳад,

чунончӣ:

- хондани адабиёти бадеӣ, дар мисоли афсонаҳои халқи тоҷик ва асару нақлҳое, ки муаллифон имкон медиҳад муносибати мусбатро нисбат ба ҷасурӣ, эҷодкорӣ, саховатмандӣ пайдо намоянд. Ин ба эҳтироми меҳнат, эҳтиёткорӣ, сарфакорӣ, аниқкорӣ барин хислатҳо мусоидат менамояд;

- тамошои филмҳои тасвирӣ, диафилмҳо, видеофилмҳо;

- таҳлили мақол ва зарбулмасалҳои мардумие, ки дар худ хираду таҷрибаи мардумиро таҷассум менамоянд. Кам нестанд зарбулмасалу мақолҳои халқӣ, ки дарки шуурона аз бар намудану таввасути ақли солим корбаст намудани онҳо дар ташаккули ҷаҳони маънавӣ, алалхусус, хислатҳои ахлоқию иқтисодии наврасон аҳамияти калонро молик бошанд:

1. Ҳафт бор чен кун, як бор қайчӣ зан.

2. Беақлона тиҷорат кардан танҳо пулро аз даст додан аст.

3. Барои он ки хуб тиҷорат кунӣ, ҳисобро хуб бояд бидонӣ.

4. Тангаро эҳтиёт карда, пули калон ба даст меорӣ, пули калонро эҳтиёт кардӣ, сармоя ба даст меорӣ.

5. Пул боигарӣ нест, балки ақл ва сарфакорӣ боигариянд.

6. Сармояи бо роҳи фиреб бадастомада зуд аз даст меравад.

7. Агар мард бо хурҷин орад, зан бо ҷорӯб бод диҳад, хонаводa қашшоқ мешавад.

8. Сарфаи сари оташдон, беҳ аз савдогари Ҳиндустон.

9. Кулӯхи тобистона, меваи тари зимистона.

10. Бо зери санг об меравад.

Воқеан, зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун хиради мардумӣ таҷрибаи иқтисодӣ ва ахлоқиро таҷассум менамоянд.

Суҳбатҳои маънавӣ дар мавзуи муфидият, заруорият, бартарияти соҳиб будан ба ин ё он хислатҳои ахлоқӣ-иқтисодӣ низ яке аз роҳҳои қобили қабули тарбияи иқтисодӣ мебошад. Чунончи:

«Хубӣ ё бадии дақиққорӣ», «Барои чӣ бояд сарфакор бошӣ?», «Чиро ман дар боғча, дар мактаб ва дар хона сарфа карда метавонам?»;

- вазифаҳо барои муайян кардани хислатҳои ахлоқӣ-иқтисодӣ;

- бозиҳо-саёҳатҳо дар бораи таърихи пайдоиши ашё. Ин таърихи асбобҳои рӯзгор, ҳунари мардумӣ, фаъолияти эҷодии инсон, сарфакорона ва эҳтиёкорона истифода кардани маҳсулоти меҳнати инсонро дар бар мегирад ва, албатта, эҳтиром, эҳтиёткориро нисбати ашёҳои рӯзгор пайдо мекунад;

- бозиҳо дар мавзуи истеҳсолот, ки дар раванди он кӯдакону наврасон маҳсулотеро ба тариқи бозӣ истеҳсол мекунанд, истифодаи сарфакоронаи мавод, ба меҳнати эҷодӣ машғул шудан, сарфаи оқилонаи вақтро аз худ мекунанд;

- фаъолияти кӯдакону наврасон, яъне бозӣ, меҳнат, фаъолияти эҷодӣ аз ташаккули хислатҳои ахлоқиву иқтисодӣ дарак медиҳад [2.15, с.64].

Яке аз масъалаҳои муҳим дар тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода ташкил кардани фаъолияти меҳнатӣ мебошад. Вазифаҳои ба фаъолияти хоҷагидории гуногун мансуббударо волидайн ҳар соат, ҳар рӯз иҷро мекунанд. Хеле хуб мешавад, агар дар омодагирӣ ва иҷрои ин корҳо наврасонро низ ҷалб намуд. Ин ба он меорад, ки волидайн фарзандони худро ба ҳаёти оянда мустакилона омода менамоянд. Барои ин волидайн бояд доимо вазифаҳои меҳнатии наврасонро муайян кунанд, якҷоя бо наврасон реҷаи рӯз ва тарзи иҷрои корро тарҳрезӣ намоянд, ба наврасон роҳҳо ва усулҳои беҳтарини иҷрои амалро омӯзанд. Албатта, назорати меҳнати наврас ва баҳодиҳӣ ба натиҷаи кори анҷомдодаи ӯ аз тарафи волидайн иқдоми нек ва саривақтию зарурӣ мебошад. Оқилона бурдани буҷети хонаводагӣ шарти асосии некуаҳволӣ, муҳити хуби психологӣ ба шумор меравад. Дигар масъала муносибат ба маблағи пулӣ мебошад. Наврасон ва пул олоти нозуки тарбия маҳсуб меёбанд. Пулро дар муносибат ба наврас хеле эҳтиёткорона истифода бурдан лозим аст. Наврасон зери таъсири

меҳнати ҷамъиятӣ-истеҳсолӣ хеле зуд ба воя мерасанд. Бинобар ин, набояд фишорро дар ин масъала истифода бурд, балки маслиҳати оқилонаи волидайни таҷрибадор роҳи ҳалли масъала ба шумор меравад.

Тарбияи иқтисодии хонаводагӣ аз сини хурдсолӣ бояд оғоз гардад. Дар ин синну сол асоси фаъолияти кӯдак бозӣ мебошад. Се давраи хурдсолӣ-3-4 солагӣ, миёна-4-5 солагӣ ва 5-7 солагӣ дар назар аст. То фаъолияти бозӣ дар ин давра дар хурдсолӣ меъёрҳои асосии рафтори иҷтимоӣ ташаккул меёбад [2.23,. с.83].

Иқтисодиёт ва хурдсолӣ дар навбати аввал мафҳумҳои бо ҳам номувофиқанд. Аммо, қобили зикр аст, ки наврасони имрӯза аз солҳои аввали ҳаёти худ дар муҳити иқтисодӣ меафтанд. Қасбу кори гуногун, харид ва дурустии маҳсулот, таблиғот тариқи телевизион, сӯхбати волидайн роҷеъ ба буҷаи хонаводагӣ, рӯйхати ибтидоиеанд, ки хурдсолон дар зиндагӣ бо он рӯ ба рӯ мешаванд. Ҳаёти имрӯза хеле пешгӯинашаванда ва дар як вақт шавқовар аст. Аз ин ҷост, ки равандҳои душвори иқтисодӣ наврасонро фаро мегиранд ва онҳо донишҳои ибтидоии иқтисодии худро мустақилона дар дараҷаи маишӣ: аз суҳбат бо атрофиён, тамошои оинаи нилгун, мушоҳидаҳои рафтори калонсолон мегиранд [2.3, .с.25].

Хурдсоли имрӯза оянда наврас, сипас донишҷӯ ва коргар мебошад. Бинобар ин, донишу малакаи дар хурдсолӣ аз худ кардашуда таҳкурсӣ барои фаъолияти иқтисодии оянда мебошанд.

Беҳтар мебуд тарбияи иқтисодиро дар хонавода дар синни 6-7 солагӣ оғоз кард, зеро дар ин синну сол кӯдак худро дар системаи муносибатҳои мутақобила мепиндорад.

Дар солҳои охир барои хурдсолон бо назардошти махсусиятҳои равонӣ-ҷисмонии онҳо бисёр асарҳои бадеии дорои мазмуни иқтисодӣ офарида шудаанд, ки тавассути онҳо хурдсолон бо мафҳумҳои иқтисодӣ, категорияҳо, қонунҳо ошно мегарданд [2.23, с.93].

Тазод байни кунҷковии наврас, ки омода аст дониши иқтисодиро аз худ кунад ва ҳамзамон мавҷуд набудани тарбияи мақсадноки

иқтисодии наврасон имрӯз таваҷҷуҳи аксари муҳаққиқон –педагогҳоро ба худ ҷалб намудааст.

Таҳқиқоти солҳои охир ба тарбияи иқтисодии шахсият дар давраи томактабӣ бахшида шудаанд. Таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба он равона гардидааст, ки хислатҳои ахлоқӣ-психологӣ, аз қабили эҳтиёткорӣ, сарфакорӣ, ғамхориро ба наврасон хеле барвақттар бо истифодаи намудҳои гуногуни фаъолият омӯзонанд. Аммо мазмун ва вазифаҳои тарбияи иқтисодиро дар ин синну сол муҳаққиқон дар он мебинанд, ки маҷмуи донишҳои иқтисодии барои наврас дастрасро бояд интихоб намуд [3., 12 с.64].

Мувофиқи мақсад мебуд, ки агар хурдсолонро аз синну соли хурдӣ ба ҳаёти воқеӣ ошно намоянд, зеро ин ташаккули ибтидоии таҷрибаи иқтисодиро таъмин менамояд. Ин раванд дар ҳолате имконпазир мегардад, ки агар хурдсол мустақилона баъзе фаъолиятҳоро иҷро карда, бо атрофиён муносибат барпо намояд, дар пояи ин донишу маҳорати амиқро бархӯрдор гардад.

Бо назардошти тарбияи дурусти иқтисодӣ хурдсолон ва наврасон ба осонӣ ба ҳаёти болиғ қадам хоҳанд зад. Дар ин маврид ҳам мактаб ва ҳам хонавода бояд таваҷҷуҳро ба фарҳанги иқтисодии наврас равона намоянд. Зеро танҳо дар чунин шароит хурдсолону наврасон иқтисодро дарк мекунанд.

Бо кумаки тарбияи иқтисодӣ наврасон тасаввурот ва мафҳуми иқтисодро, инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ ва дар маҷмуъ механизми мавҷуд будаи иқтисодиро аз худ мекунанд.

Мақсади асосии тарбияи иқтисодӣ ин арзишҳои моддиро барои худ кушода, рафтори муайяни ахлоқӣ-иқтисодиро омӯхта, дар худ муносибати мақсаднокро нисбат ба арзишҳои моддии ҳаёти воқеии инсонӣ пайдо намудан аст.

Имрӯзҳо чандин маротиба бештар зарурияти саводи иқтисодӣ барои ҳамаи синну сол, барои ҳамаи қишри ҷомеа ба миён омадааст. Барои он ки наврас дар оянда мафҳуми мураккаби иқтисодиро дар

зиндагии воқеӣ истифода бурда тавонад, корро дар ин ҷода хеле барвақттар оғоз намудан лозим аст.

Асоси иқтисодиёт ин бахши фарҳангист, ки бархӯрдор набудан аз он ғутта задан дар гирдоби зиндагонии имрӯза бо ҳама дигаргуниҳои азими ҷамъиятӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Тарбияи иқтисодии наврасон инкишофи дурусти тафаккури онҳоро таъмин мекунад, дар онҳо хислатҳои иқтисодӣ-ахлоқиро ташаккул медиҳад ва ҳамаи ин барои фаъолияти иқтисодии наврасон мусоидат менамояд. Алалхусус, иштироки фаъолонаи хонаводагӣ дар тарбияи иқтисодии наврасон ба он меорад, ки наврас аз овони хурдсолӣ моҳияти фарҳанги иқтисодиро дарк менамояд, ки ин ба ӯ имкон медиҳад дар ҳаёти воқеии оянда устувор қадам занад ва ҳар чи камтар ба иштибоҳу хатогиҳо дучор гардад.

Имрӯз дар аксари хонаводаҳо аз сабаби муташшаниҷии иқтисодӣ-иҷтимоии ҳаёт ба фарзандон вақти ба ҳисоби миёна ҷудо мекардаи волидайн хеле кам аст. Бинобар серкор будан, хасташавӣ аз кори ҳаррӯза волидайн наметавонанд талаботи асосии фарзандонро, аз ҷумла, талаботи барои ҳаёти ҳаррӯза заруриро ва, ҳамчунин талаботи дастгирии эмотсионалӣ, ҳамдардӣ, фаҳмиданро қонеъ гардонанд. Дар аксар вақт волидайн аз кор хаста баргашта, қаҳру ғазабро ба фарзандон равона мекунанд, онҳоро барои ҳар амали ночиз ҷазо медиҳанд. Наврасон ба ҷойи дастгирӣ аз тарафи волидайн гунаҳкор дониста шуда, суханҳои носазо мешунаванд, ҷазо мегиранд, ки ин, албатта, ба инкишофи шахсият таъсири манфӣ мерасонад.

Ҷазои доимӣ барои ҳар як амалу иштибоҳи ночиз ба он меорад, ки фарзандон ғайричашмдошт худ барои аз ҷазо эмин мондан дурӯғгӯӣ, пинҳон кардани амали ноҷои худ, гӯш накардан ва баъзан хашмгинию бадрафторӣ барин хислатҳоро бархӯрдор гарданд.

Дар бисёр ҳолатҳо рафтори бади наврасонро дар мактаб, дар кӯча ва ҳам дар хона мушоҳида менамоем. Норасоии дастгирии эмотсионалии волидайн, махсусан аз тарафи модар ба он боис мегардад, ки наврас ру

ба сӯйи амалҳои номатлуб орад. Агар вақт ва нерӯи худро дареғ надошта, волидайн наврасро бо ҳама паҳлуҳои мусбат ва манфӣ қабул карда, уро дастгирӣ намоянд, албатта, ин хонавода ба ташаккул ва тарбияи солими фарзанд муваффақ мегардад. Истифодаи методҳо, роҳҳо, усулҳо ва технологияҳои пешрафтаи муосир дар тарбияи ахлоқӣ-иқтисодии наврас дар хонавода роҳи беҳтарин ва вазифаи муҳиму масъули хонавода ва давлат мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқот ва озмоиши худ бар истифодаи метод, усул роҳҳо, принсипҳо, технологияи тарбияи иқтисодӣ дар хонавода мо тавсияҳои зерро барои волидайн пешниҳод менамоем:

- ба беҳамтоии фарзандатон эътимод кунед, зеро ӯ ягона аст, ба ягон навраси ҳамсол шабоҳат надорад ва нусхаи аслии шумо низ нест. Бинобар ин, аз наврас иҷрои вазифаҳои барнаомадаи ҳаёти худ, мақсадҳои худро талаб накунед. Ба ӯ имконият диҳед, то ки зиндагии худро мустақилона барпо намояд;

- муҳаббати худро пинҳон накунед, ба ӯ фаҳмонед, ки дар ҳама ҳолат ӯ маҳбуб аст ва дӯсташ медоред;

- кӯшиш намоед, ки муҳаббати шумо беандоза шуда, ба беназоратӣ ва иҷозатдиҳӣ мубаддал нагардад. Манъ карданро аниқ муайян намоед, аммо кӯшиш намоед, ки онҳо бисёр набошанд. Иҷозат нанодан ва манъ кардан сабаби хеле ҷиддӣ дошта бошад;

- ба ҷазодиҳӣ шитоб накунед. Кӯшиш кунед ба наврас бо хоҳиш таъсир гузоред. Дар ҳолати гӯш накардани наврас эътимод намоед, ки маслиҳати шумо мувофиқи синну сол ва имконияти наврас ҳаст ё не;

- агар фарзанд рӯирост эътирози иҷро накарданро мекунад, он вақт ҷазоро нисбати ӯ истифода намудан мумкин аст. Ҷазо бояд сазовори амали нохуби наврас бошад ва ӯ бояд дарк кунад, ки сазовори ҷазо шудааст;

- фаромӯш накунед, роҳ ба қалби наврас тавассути бозӣ аст, зеро маҳз дар бозӣ шумо метавонед малака, дониш, мафҳумҳои ба арзишҳои ҳаётӣ дахлдоштаро ба наврас тақдим намуда, ҳамдигарро хуб фаҳмед;

- бештар бо наврас суҳбат намоед. Моҳияти мамнуъ ва маҳдудиятҳоро фаҳмонед. Ба наврас кумак кунед, то ӯ шифоҳан эҳсосоти худро баён карда тавонад, ба рафтори худ ва атрофиён баҳо доданро омӯзад;

- ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонии фарзандатон дар дасти шумост. Ба муҳаббат ва ҳисси дарунии худ бештар такя намоед;

- муошират бо ҷамъиятро наврас аз волидайн меомӯзад. Волидайн барои фарзанд меъёр ва намуна дар муносибат бо атрофиён ба ҳисоб мераванд. Нахустин қадамҳоро наврас ба дунёи болиғ ба волидайн нигоҳ карда, ба дониш ва малакаҳои додаи онҳо такя намуда хоҳад гузошт;

- хеле муҳим аст дарк намоем, ки усули муносибати калонсолон нисбат ба хурдсолон на танҳо ба рафтори наврас, балки ба солимии равонии онҳо низ таъсир хоҳад расонд. Нобоварии наврас ба муносибати мусбати волидайн нисбати худаш ба ташаккули шахсият таъсир гузошта, бештар кӯдакро хашмгин менамояд;

- ҳавасмандкунӣ бояд нисбат ба ҷазо зиёдтар бошад.

- агар волидайн дар рафтори наврас ягон амали нохубро мушоҳида намояд, ба ҷазодиҳӣ шитоб накарда, рафтори худро таҳлил намоянд;

- агар шумо ҳис кардед, ки ҳамеша наврасро бо ҷурми танбалӣ айбдор мекунед, пеш аз ҳама, ба рафтори худ, аҳли дигари болиғи хонавода таваҷҷуҳ намоед;

- наврас чун исфанҷ (яъне «девори намкаш») аст, ҳамаи ҳодисаҳои гирду атрофро дар худ ҷабида мегирад. Чунончи, ҷанҷолу низоъҳои хонаводагӣ ба наврас таъсири нохуб ва номатлуби равонӣ мерасонанд, бинобар ин, низоъҳои волидайн набояд дар ҳузури наврас рух диҳад.

Ҳамин тариқ, тарбияи фарзанди имрӯза масъулияти бештарро талаб мекунад ва он танҳо бо додани дониш, маҳорату малака ва усули рафтор маҳдуд нест. Масъалаи асосӣ ин тарбияи мутаносиб,

бомуваффақияти наврас, ҳамчун шахсияти оянда мебошад. Тарбияи ҳақиқии имрӯза ин муколамаи дониши мураббӣ бо наврас мебошад, ки дар ин раванд ӯ қобилияти мустақилона қарор баровcovered барорданро аз худ мекунад. Ин ба ӯ имкон медиҳад, ки шаҳрванди комилҳуқуқи ҷомеа шавад, ба зиндагии худ мантиқ, мақсад ва ҷаҳони маънавӣ бахшад. Ҳамчунин, технологияи педагогии муосир дар омӯзиши дастовардҳои илм ва таҷрибаи педагогӣ бунёд гаштани ҷанбаҳои таҷрибаи иҷтимоӣ, башардӯстӣ ва демократии кунунии ҷомеа дар худ таҷассум менамояд.

Мафҳуми «технологияи педагогӣ» нисбат ба мафҳуми «методикаи таълим» васеътар мебошад. Таълим ба як савол, яъне чӣ кор бояд кард, ки мақсади таълимро беҳтар ба даст овард, ҷавоб гуфта, таври идора кардани ин равандро меомӯзонад. Технология ба самти амаликунӣ дар таҷриба раванди ба нақша гирифташудаи таълим мебошад.

Имрӯз ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ вобаста ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ дар ҷумҳурӣ тезутунд гаштааст. Дар замони Шӯравӣ вобаста ба иқтисоди нақшавӣ муносибатҳо комилан дигар буданд. Имрӯз ба насли наврас зарур аст, ки ҳар чӣ бештар бо мафҳумҳои иқтисодӣ шинос шавад, бо донишҳо ва малакаҳои иқтисодӣ мусаллаҳ бошад, то тавонад дар ҳаёти мушкили муносибатҳои тезутунди иҷтимоиву иқтисодӣ мавқеи худро биёбад ва дар зиндагӣ устувор қадам занад, шахсияти ташаккулёфтаи ҷомеа гардад.

Дар замони иқтисоди бозорӣ насли наврас дар худ бештар таъсири назарраси сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро ҳис мекунад. Аз як тараф шахси имрӯза бояд нисбат ба системаи иқтисодӣ муқобилият нишон диҳад, аз тарафи дигар, вай бояд иштирокчии фаъоли ин система гардад. Нокифоягии дониш ва маҳорати иқтисодии насли наврас дар замони муносибатҳои иқтисоди бозорӣ зарурияти тарбияи иқтисодии наврасонро ба миён меорад. Дар сурати ҳис накардани вазифаҳои тарбияи иқтисодӣ дар хонавода наврас минбаъд дар ҳаёти воқеӣ аз уҳдаи мақсади фаъолияти худро муайян сохтан намебарояд, талаботи зарурии инсонро барои комёб шудан дар ҳаёти воқеӣ муайян карда наметавонад.

Тарбияи иқтисодӣ натиҷаи маҷмуи эътиқод, принсипҳо, маҳорат, малака, анъана, урфу одати шахс буда, ба самти дониш ва фарҳанги иқтисодӣ равона гардидааст.

Дар фаҳмиши тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода, пеш аз ҳама, чунин хислатҳо муҳим мебошанд: сарфакории амалӣ, аниқбинӣ, маҳорати зуд ва фавран ҳал намудани вазифаҳо, ташаккули зеҳн, диққат, дарки масъулият, рушди завқу рағбат, сарфакорӣ, эҳтиёткорӣ, ташаббускорӣ ва амсол ба инҳо.

**Ташабускорӣ** дар он зуҳур меёбад, ки шахс дар ҳама ҳолат роҳи ҳалли душвориҳои ҷойдоштаро меёбад. Ба ибораи дигар, шахси ташаббускор новобаста аз душвориҳои дар пеш истода омода аст, ки роҳҳо ва усулҳои ҳалли ин мушкилиҳоро ҷустуҷӯ намуда, мувофиқи мақсад ба як қарор ояд. Шахси ташаббускор дар ҳама ҳолатҳои ҳаёт роҳи ҳалро пайдо мекунад.

**Сарфакорӣ.** Доир ба ин сифати инфиродӣ чӣ дар ҳикматҳои мардумӣ ва чи дар адабиёти бадеию илмӣ суханҳои зиёде гуфта шудаанд. Ин хислат яке аз асосҳои рукни иқтисоди хонаводагӣ ва ҷомеаи инсонӣ ба шумор меравад. Ҳакими маъруфи чинӣ Хун Сзи Чин мефармояд: «Вақти дар хизмат будан ду ҳақиқатро фаромӯш накун:-«Танҳо беғаразӣ нури хирадро меафканад. Фақат бетамайӣ нуфузро тавлид мекунад». Ба хона баргашта, ду ҳақиқатро дар хотир гир: «танҳо илтифот оромӣ меорад. Танҳо сарфакорӣ боиси фаровонӣ мегардад» [2., 128. с.220].

Сарфакорӣ барои инсон беҳтарин омол буда, зиндагии инсонро ба низом медарорад. Исрофкорӣ инсонро гарчанде сарвати зиёде дошта бошад ҳам, ба касодӣ меорад ва баръакси он, сарфакорӣ сарвати инсонро дучанд мегардонад. Дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсон сарфакорӣ натиҷаи хуб меорад. Мақоли хуби мардуми тоҷик мефармояд: «Сарфаи сари оташдон беҳ аз савдогари Ҳиндустон». Дар соҳаи иқтисод, рӯзгори маишӣ, молиявӣ ва дигар ҷабҳаҳои ҳаёти инсонӣ сарфакорӣ низоми

воқеист ва исроф ба фақирию касодӣ меорад. Воқеан, ҳақ ба ҷониби ҳаким аст ва сарфакорӣ асоси фаровонист.

**Эҳтиёткорӣ**. Ин сифат водор месозад, ки ба дур назар андухта натиҷаҳои мақбул ё номақбулро пешакӣ дарк намоӣ. Вобаста ба матлубияти дар пеш истода қарор қабул намоӣ.

Барои ташаккули рафтори иқтисодӣ ва зеҳни амалӣ чунин амалҳо боис мегарданд:

- арзишҳои хонаводагӣ, ки ба фарзанд ҳамчун «мероси роҳбаладӣ» дода мешаванд;

- муҳити умумии иҷтимоиву иқтисодие, ки дар он наврас зиндагӣ мекунад;

-тақсимоти мавҷудаи неъматҳои моддӣ дар ҷомеа;

-таҷриба дар иштироки бевосита дар фаъолияти иқтисодӣ (хариду фурӯш, музди кори худ, киссахарҷӣ).

Решаи бештари хислатҳои шахсӣ аз муносибатҳои тарбияи иқтисодии хонаводагӣ манша мегиранд. Чунончи, хасисӣ, исрофкорӣ, қиморбозӣ ба кӯдакону наврасон аз хонавода ба мерос меоянд. Аксари волидайн тавассути пул эҳсосот, муҳаббати худро нисбат ба фарзандон нишон медиҳанд, яъне комёбиҳои онҳоро дар зиндагонӣ ба воситаи маблағи пулӣ ҳавасманд мегардонанд. Он бештар ба он меорад, ки наврас исрофкор, бепарво мешавад. Инчунин, дигар наврасон низ кӯшиш мекунанд дар муносибати молиявӣ аз волидайн бештар комёб гарданд.

Мутахассисон дар ташаккули ҷаҳонбинии иқтисодии наврасон, пеш аз ҳама, тачрибаи шахсии онҳоро аввалиндараҷа мешуморанд. Аз сини хурдсолӣ бояд наврас ба мушкилиҳои иқтисодии хонавода ошно бошад. Бо роҳҳои гуногун наврасро бо ин муносибатҳову мушкилиҳои иқтисодии хонавода шинос намудан зарур аст. Аз синни хурдсолӣ ба наврас бояд фаҳмонанд, ки имконияти волидайн беҳудуд нест. Наврас бояд дарк кунад, ки волидайн барои он ки чизеро барои ӯ харидорӣ кунанд, барои худ хариди чизеро мавқуф мегузоранд. Бо болиғшавӣ

хоҳиш ва талаботи онҳо афзун мегардад, бинобар ин, ба онҳо фаҳмонида шавад, ки талаботи онҳо тибқи имконияти моддию молиявии хонавода бошад. Аксаран, дар муҳокима ва қарор қабул кардан оид ба масоили иқтисодии хонавода сухани ниҳоиро волидайн мегӯянд. Вале, набояд наврасро аз муҳокима дур кард. Акси ҳол, ба муҳокима ҷалб кардани кӯдакону наврасон ба волидайн имкон медиҳад, ки хоҳиш ва талаботи фарзандони худро фаҳманду дарк кунанд.Чунин муҳокимаҳо ҳамчун мактаби махсуси иқтисодӣ мегардад. Назари наврасонро дар ҳалли масъалаҳои иқтисодии хонаводагӣ ба эътибор гирифтан, аҳамияти тарбиявиро дорост. Ин ба ҷалб кардани наврас ба проблемаҳои иқтисодии хонавода сабабгор мешаванд.

Аз рӯи омӯзиши асарҳои муҳаққиқон танҳо 23%-и хонаводаҳо наврасону кӯдаконро ба муҳокимаи масъалаҳои иқтисодии хонавода ҷалб мекунанд. Дар 28%-и хонаводаҳо гоҳ-гоҳ ин таҷриба истифода мешавад. Дар 32%-и хонаводаҳо муҳокима ва ҷалби фарзандон ба масоили иқтисодии хонаводагӣ комилан ҷой надорад. Мустақилона ва доимӣ дар хариди масолеҳ барои хонавода танҳо аз 10 як наврас ширкат меварзад.

Бештари муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки қобилияти идора кардани молия аз тарафи ҷавонон дар хонавода ташаккул меёбад. Он наврасоне, ки дар хонавода истифодаи дурусти маблағи пулиро омӯхтаанд, хеле барвақт ба вазъи молиявии хонавода ошно гардидаанд, ба меҳнати муфид барвақт ҷалб карда шудаанд, дар зиндагии болиғ ба комёбиҳои назаррас ноил гаштаанд.

Меҳнат яке аз рукнҳои асосии тарбия ба шумор меравад. Волидайне, ки фарзандони худро аз вазифаҳои меҳнатӣ дур мекунанд, он корҳоеро, ки метавонад худи фарзанд ба ҷо орад, иҷро мекунанд, дар зиндагии хонаводагӣ ба иштибоҳи калон роҳ медиҳанд. Кӯдакон ва наврасоне, ки ба меҳнат барвақт ҷалб карда намешаванд, дар ҳаёт бекорхӯҷа, танбал, худхоҳ, шахси танҳо дар бораи худ фикр мекардагӣ мешаванд.

Аз овони хурдсолӣ наврасро мебояд ба меҳнат ҷалб намуд. Новобаста аз ҳолати моддии хонавода кӯдакону наврасон бояд ба ягон намуди меҳнат ҷалб ва масъул карда шаванд. Гарчанде ки вазифаҳо мушкил набошанд ҳам, наврасонро барои иҷрои онҳо машғул карда, хислати худкориро омӯзонидан лозим аст.

“Дар илми педагогикаи аҳди Шӯравӣ ибораи «тарбияи меҳнатӣ» буд, ки қисми муҳими тарбия ба ҳисоб мерафт ва ҳамчун «фаъолияти мақсаднок ва ба ҷамъият нафъовари инсон» шарҳ дода мешуд. Ин шарҳу эзоҳ имрӯз ҳам қиматашро гум накардааст. Барои он ки инсон ҳамчун шахси фаъоли ҷамъият аз ҷамъият канда нашавад, онро дар таърифи меҳнат ҳамроҳ менамоем «фаъолияти мақсаднок ва ба ҷамъияту худ нафърасон», меҳнат ё кору заҳмате, ки шуурона ва мақсаднок анҷом дода мешавад, шарафманд, арзишманд аст” –зикр намудааст академик Лутфуллозода М.

Наврасон аз рӯйи табиати худ ба меҳнат шавқ доранд. Аммо, мутаассифона, аксари волидайн дар хонавода наврасони худро ба меҳнат ҳавасманд намекунанд. Он хонаводаҳое, ки асоси меҳнати наврасонро инкор менамоянд, ба воярасии наврас ва ҷавони бекорхуҷаю танбал, ҷинояткор мусоидат менамоянд. Ин хел кӯдакону наврасон меҳнати дигаронро қадр намекунанд ва худ низ аз уҳдаи ягон кор намебароянд. Пинҳон нест, ки чунин наврасон дар таҳсил комёб нестанд, дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона ширкат намеварзанд. Бояд дар хонавода чунин усули тарбияи меҳнатиро ба роҳ монд, ки кӯдак ё наврас аз иҷрои ин ё он кори анҷомдода хурсанду хушҳол гардад. Бо меҳнати худ саҳми худро дар меҳнати хонаводагӣ гузорад. Меҳнати бевоситаи наврас ин тарбияи ахлоқии онҳо низ мебошад. Зеро меҳнат воситаи муҳимтарини тарбия аз синни наврасӣ то ба балоғат расидан мебошад.

Бо муҳаббат ба меҳнат муносибат кардан, дар он хурсандиро дидан ин шарти зарурӣ барои рушди эҷодии шахсият, истеъдоди ӯ ба шумор меравад [2.8. с.97].

Агар аз хурдсолӣ кӯдакон ба меҳнати ҳоҷагиву маишӣ ҷалб карда шаванд, дар айёми наврасӣ ва минбаъд онҳо хоҳиши озода нигоҳ доштани манзили зист, шавқи кумаки зарурӣ расонидан ба волидайнро дар корҳои хонаводаро пайдо мекунанд.

Дар раванди тарбияи иқтисодӣ бояд ҳамеша тасаввуроти наврасро дар бораи алоқа байни касбҳо, бартарии бештар доштани кадом касб, роҳҳои қонеъ гардонидани талаботро васеъ намуд. Бо онҳо масоили аз куҷо ба даст оварда шудани маҳсулот, аз тарафи ки истеҳсол шудани маҳсулот, аз тарафи одамони кадом касб чи гуна маҳсулот истеҳсол карда шудан, аз куҷо гирифта шудани захираҳои сармоя бояд муҳокима карда шавад. Зеро маҳз дониши ибтидоӣ ва минбаъд дониши возеҳи иқтисодӣ ба ташаккули барвақти хислатҳои ахлоқиву иқтисодии наврас сабаб мешаванд.

Маърифати иқтисодӣ ва молиявӣ дар давраи муносибатҳои бозорӣ яке аз маъслаҳои мубрам гаштааст ва ҳам хурдсолон ва ҳам калонсолон бояд аз он чун маърифати тиббӣ баҳраманд бошанд.

Воқеан пул кор кардан кори ниҳоят мушкил аст, вале мушкилтар аз ин боақлона сарф кардани пул мебошад. Дар даврони Шӯравӣ на дар мактаб ва на дар хонавода чунин масоил матраҳ намегашт. Имрӯз бо тезутунд гаштани вазъи иҷтимоии иқтисодӣ ва муносибатҳои бозорӣ маърифати иқтисодӣ ва молиявӣ барои ҳар як шахс чун обу ҳаво лозим аст.

Дар таҷрибаи кунунии ҷаҳонӣ маърифати иқтисодӣ қобилияти идора кардани молияи худ ва қабул кардани қарори молиявии кутоҳмуҳлат ва дарозмухлат фаҳмида мешавад [ 3.4, с. 4].

Таҳти мафҳуми маърифати иқтисодӣ ва молиявӣ мо чунин сифатҳоро муҳим мешуморем:

-ба нақша гирифта тавонистани буҷети худ ва хонавода;

-ҳисоби даромад ва хароҷоти хонаводаро пеш бурдан;

-бучеро чунон ба нақша гирифтан даркор, ки хароҷот ҳеҷ гоҳ аз даромад зиёд набошад;

-ҳатман пасандози пулӣ кардан, яъне як миқдор маблағи пулиро барои рӯзи мабодо пасандоз кардан;

-фикр кардан ва қарори молиявиро оид ба лаҳзаҳои ҳаррӯза ва дурудароз қабул кардан.

Маърифати иқтисодӣ ва молиявӣ ба наврасон, ки ба зиндагии оянда омода нестанд, барои роҳи комёб шудан ва мавқеи худро дар ҷомеа ёфтан кумак мерасонад.

Синну соли наврасӣ давраи ноороміи эмотсионалӣ ва зуд-зуд ивазшавии рафтор мебошад. Наврасон дар ин синну сол бештар вақт аввал амалро иҷро мекунанд, сипас, дар бораи манфиати амали худ андеша менамоянд, гарчанде онҳо дарк мекунанд, ки баръакс бояд амал мекарданд.

Нақши асосиро дар зиндагии наврасон муошират бо ҳамсолони худ мебозад ва ҳатто ин муошират аксар вақт аз таълим дар мактаб боло гузошта мешавад.

Дар бисёр маврид иҷро накардани супоришҳои волидайн, ба вазифаҳои худ хунукназарона муносибат кардани наврасон ҳамчун эътирози онҳо ба хотири бо онҳо муносибати махсус кардан сар мезананд. Хусусияти муошират бо калонсолон аксар вақт ба худбаҳодиҳии наврасон таъсири назаррас мегузорад. Волидайни оқил ҳамеша ба наврасон чунин муносибат мекунанд:

-ҳамеша таърифу дастгирӣ кардани наврасон дар таълим, таваҷҷуҳи хосаро нисбат ба эҳсосоти наврас кардан яке аз роҳҳои мусбати амали волидайн мебошад;

-наврасонро дар якҷоягӣ ва баробар ба маъракаҳои хонаводагӣ ва дӯстон ҷалб намудан;

-ба наврасон бовар кардан, мустақилияти оқилона ва бехатари ӯро ҳавасманд кардан;

-ба наврасон дар бораи рафтори хонаводагӣ ва иҷрои қоидаҳо аҳднома баста, иҷрои ин қоидаҳоро назорат ва таҳлил кардан;

-дар муошират бо наврасон мазмун ва ҳаловатро дарёфтан, ба корҳои хонавода ҷалб намудани наврас, дар хонавода ақидаи наврасро эътироф кардан;

- ҳар як ташаббус ва комёбии наврасро мавриди таҳсин ва таъриф қарор додан, дар ҳолати нокомӣ якҷоя сабаб ҷустан [2.51, с.6 ].

Яке аз муваффақиятҳои хонавода дар ҳаёт ва тарбияи дурусти фарзандон ин масъалаи буҷети хонаводагӣ мебошад. Буҷети хонаводагӣ, асосан, мавҷудияти истеъмолии аҳли хонавода мебошад ва яке аз рукнҳои тарбияи иқтисодӣ ва маърифати молиявӣ ба шумор меравад.

Буҷети ба саволи: "хароҷоти хонавода дар як моҳ ва ё зиёдтар аз он чӣ гуна аст?" ҷавоб медиҳад.

Мутахассисон чунин роҳи ба нақшагирии хароҷот ва буҷети хонаводагиро пешниҳод менамоянд. Аввал, якчанд моҳ тамоми хароҷоти худро ба ҳисоб гирифтан, ҳатто хурдтарин хароҷотро ҳисоб кардан лозим аст. Он тақрибан чунин мешавад:

1.Хӯрока;

2.Маводи шустушӯӣ гигиенӣ, доруворӣ;

3.Нақлиёт;

4.Алоқаи мобилӣ;

5.Интернет;

6.Хӯроки берун аз хона (дар кор, барои наврасон дар мактаб);

7.Вақтхушӣ (синамо, театр, клуб, консертҳо, намоишҳо, саёҳат, китоб ва ғайра);

8.Либос, пойафзол, маснуоти дуру дароз истифода мешудагӣ;

9.Хароҷоти мошин (суғурта, сӯзишворӣ);

10.Хароҷоти манзил (хизматгузории коммуналӣ, масрафи қувваи барқ ва ғайра);

11. Хароҷоти иҷораи манзил, агар иҷоранишин бошед;

12. Андоз;

13.Пардохти қарзи бонк;

13.Баргардонии қарзҳо аз дигарон;

Албатта, дар ҳар моҳ рақамҳо фарқ мекунанд, аммо дар чанд моҳ маълумоти кофӣ оид ба хароҷот ҷамъ намудан имкон дорад ва ҳисоби миёнаро гирифта, нақши буҷети хонаводагиро тартиб додан мумкин аст.

Буҷети хонаводагӣ он вақт қаноаткунанда мегардад, ки агар хароҷот бо даромад баробар бошад. Беҳтар мебуд, ки хароҷот аз даромад камтар бошад. Дар ин маврид пасандоз кардан имконпазир мегардад. Пасандозро дар оянда барои ягон хариди калон, саёҳат ва дигар сарф кардан мумкин аст.

Агар буҷаи хонавода норасоӣ дошта бошад, яъне то гирифтани даромад маблағи пулӣ тамом шавад, чунин амалро иҷро кардан ҷоиз аст. Қарз гирифтан ягона роҳ аст. Агар пасандоз бошад, он гоҳ аз пасандози худ «қарз» гирифта, бо гирифтани даромад ин “қарз”-ро пардохт кардан зарур аст. Аз дустон қарз гирифтан имкон дорад, аммо онро дар вақташ баргардонидан лозим аст.

Сарчашмаи дигар қарз гирифтан аз бонк мебошад, вале он хеле вазнин аст, зеро бо фоиз пардохт кардан лозим меояд. Таҳлил кардан зарур аст, ки барои чи хароҷот зиёд шуд. Агар ин кор такрор шудан гирад, сарфакориро истифода намудан лозим аст. Чиро бояд сарфа кард? Ба ин савол ҷавоб додан хеле мушкил аст. Аммо ҳеҷ гоҳ дар хароҷоти зер сарфа кардан лозим нест:

-дар ҳифзи саломатии худ ва аҳли хонавода;

- дар сифати маҳсулоти хӯрока ва доруворӣ;

-оид ба хизматгузории тиббӣ;

-зидди некуаҳволӣ ва таълиму тарбияи фарзандон;

-барои баланд бардоштани сатҳи маърифати касбии худ ва фарзандон.

Дар мавриди хариди ашё вобаста ба эҳтиёҷот мустақилона амал намудан беҳтар аст.

Кадом хароҷотро дар ҳолати норасоии буҷет кам кардан имконпазир аст? Ин аз хоҳиши хонавода ва шавқу ҳаваси аъзои он вобаста аст. Агар хонавода воқеан душвории молиявӣ дошта бошад, пеш аз ҳама, аз хароҷоти зиёд худдорӣ намояд. Инҳо хариди ашёи гаронбаҳо, истироҳат дар хориҷи кишвар, тарабхона, фитнес клуб ва ғайра мебошанд. Агар дар ин маврид норасоӣ мавҷуд бошад, дигар хароҷотро кам карда, ҳатман дар бораи даромади иловагӣ андеша бояд кард.

Дар бораи кори иловагӣ фикр кардан, чизҳои нодаркорро фурӯхтан, хонаи дар марказ доштаи худро иҷора дода, худ дар манзили арзонтар маскан гирифтан, ҳамчунин, пули пасандози худро истифода кардан роҳҳои ҳалли мушкилӣ мебошад.

Буҷети хонаводагиро дар муҳлати кӯтоҳ-як моҳ ва зиёдтар дар як сол ва ё аз он ҳам зиёд ба нақша гирифтан зарур аст. Муҳлати кӯтоҳ хароҷоти якмоҳаро дар бар мегирад ва муҳлати дурудароз хароҷотҳои ояндаи хонаводаро дар бар мегирад. Масалан, шахс мошини сабукрав харидани бошад, дар муҳлати кӯтоҳ пасандозро бояд оғоз намояд, гарчанде ки ӯ онро дар оянда харидорӣ карданӣ аст.

Яке аз ҳодисаи ногувор дар зиндагӣ ин аз даст додани ҷойи кор, яъне бекор мондан, аз манбаи даромад маҳрум шудан аст. Хатари ин ҳодисаи ногувор ҳар як хонаводаро таҳдид менамояд. Роҳҳои дар ин вазъи душвор чи гуна амал кардан бисёр аст. Пеш аз ҳама, бояд дар хотир дошт, ки пас аз маҳрум шудан аз ҷойи кор ду моҳ маош пардохт карда мешавад, вале ин илоҷи воқеа нест. Зуд бояд аз паси ҷустани ҷойи кори нав шуд. Агар пайдо кардани ҷойи кор имконнопазир бошад, ба шуғли аҳолӣ муроҷиат намудан лозим аст ва худро бояд дар рӯйхати шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта, барои гирифтани кумакпулӣ ҳуқуқ пайдо намояд. Ин, албатта, маблағест, ки танҳо муваққаттан аз гуруснагӣ наҷот медиҳаду халос. Дар ин маврид кори нав ё роҳҳои қонунии даромад гирифтан ягона роҳ мебошад.

Масъалаи дигар муносибати хонавода бо давлат дар мавриди андоз мебошад. Ҳамаи шахрвандон ягон намуди андозро месупоранд. Андози асосие, ки ҳар як шаҳрванд месупорад ва зарур аст, инҳоянд:

-андоз аз даромади шахсӣ;

-андоз аз амвол;

-андоз аз воситаҳои нақлиёт.

Ҳар як шахс бояд дар муносибат бо андоз зиракии шаҳрвандӣ нишон диҳад ва қонунан бояд андозро супорад. Пеш аз ҳама, аз нозирони андоз дар бораи маҷбурияти худ бояд маълумоти дуруст гирифт, зеро надонистани қонун аз ҷавобгарии шаҳрвандӣ наҷот намедиҳад.

Агар ба ғайр аз маош шахс дигар даромад надошта бошад, пас ӯ ягон андоз намесупорад, зеро андозро корфармо месупорад ва шахс маоши худро мегирад.

Агар ба ғайр аз маош дигар даромад вуҷуд надошта бошад, масалан амволи ғайриманқулро ба иҷора додан, фурӯши амвол шаҳрванд бояд ҳатман андоз супорад.

Дигар масъалаи муҳим дар ҳар як хонавода истифодаи хизматгузории бонкӣ мебошад. Пеш аз ҳама, фаҳмидан зарур аст, ки аҳамияти бонк ба иқтисодиёти хонавода то кадом андоза муфид аст. Бонк дар ҷомеа ба шаҳрвандон хизматгузориҳоеро ба роҳ мондааст, ки ҳар як шаҳрванда аз он истифода карда метавонад. Чунончи:

-пасандози бонкӣ. Роҳи зиёд кардани даромади хонавода;

-қарз барои хариди амвол;

-ба кӯдакон аз ҳисоби даромади волидайн кушодани кортҳои пластикӣ;

-иваз кардани асъор.

Дар мавриди истифодабарии хизматгузории бонкӣ қоидаҳои зеринро дарк кардан мумкин аст:

-хизматгузории бонкӣ яке аз роҳҳои афзун намудани даромади хонавода мебошад;

-барои интихоб ва истифодаи хидматҳои бонкӣ худи шахс масъул мебошад;

-тамоми ҳуқуқ ва вазифаҳои худро ҳамчун истфодабаранда донистан зарур аст;

-маълумоти амиқ ва саҳеҳро оид ба бонк ва хизматрасониҳои бонкӣ ба даст овардан лозим аст;

-мавриди истифода қарор доштани кортҳои пластикӣ ва бонкоматҳо;

-омӯхтани бартарият ва норасоии соҳибкорӣ;

-масъул будани худи шахси соҳибкор ба ҳамаи риски молиявӣ;

-кори кироя ва соҳибкории худро қиёс кардан;

-фаҳмидани фарқи меҳнати кироя ва соҳибкории худ;

-фаҳмидани мавҷудияти асъори гуногун;

-фаҳмидани қурби асъор;

-дарёфт кардан ва таҳлил намудани иттилоот роҷеъ ба қурби асъор;

-ҳисобҳои одиро бо ивазшавии қурби асъор иҷро кардан;

- фаҳмидани он ки ҳама чиз дар дунё ба якдигар алоқаманд аст ва ивазшавии қурби асъор на танҳо ба иқтисоди мамлакат таъсир мегузорад, балки таъсири он ба ҳар як хонавода низ мерасад.

Яке аз масъалаи фарҳанги иқтисодии хонаводагӣ ин роҳҳои пасандоз барои хариди амволи зарурӣ мебошад. Роҳҳои зиёд кардани даромад ин пасандози бонкӣ мебошад, ки ҳар як хонавода барои беҳтар намудани сатҳи иқтисодиву молиявии худ аз он истифода карда метавонад. 30-40 сол пеш мардум танҳо дар ҳолати пасандоз гузоштан ба бонк муроҷиат менамуданд. Аммо имрӯз бонкҳо хизматгузории зиёдеро ба мардум пешниҳод мекунанд, ки ба сатҳи молиявӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон таъсири зиёд мегузорад. Бонкҳо имрӯз на танҳо пардохт ё пулинтиқолкуниро ба ҷо меоранд, балки қарз пешниҳод мекунанд, депозитро қабул менамоянд. Онҳо ҳамчун воситачӣ дар сармоягузории коғазҳои қиматбаҳо, фулузоти гаронарзиш фаъолият мекунанд.

Рушди Интернет ба он овард, ки бисёр амалиёти бонкӣ ва пардохтҳои гуногунро тавассути компютер ё телефони мобилӣ анҷом диҳанд.

Дар ҳаёти шаҳрвандон имрӯз ба таври васеъ ворид гаштааст, ин кортҳои бонкӣ мебошанд. Корти бонкӣ ин корти пластикиест, ки ба суратҳисоби дар бонкбуда пайваст аст. Он барои пардохтану интиқоли маблағ, ҳамчунон барои гирифтани пули нақд аз бонк ё банкомат хизмат мекунад.

Аслан ду намуди корти дебетӣ ва кредетӣ мавҷуд аст. Корти дебетӣ ба шаҳрванд дар ҳолати дар бонк пул доштан дода мешавад. Возеҳан, барои чунин кортро гирифтан шаҳрванд ба бонк меояд, ба суратҳисоби худ маблағи пулӣ мегузорад ё аз тарафи корфармо ба корт маблағ интиқол мегардад.

Истифодаи корти дебетӣ бо он фарқ мекунад, ки шаҳрванд аз ҳисоби доштааш зиёд маблағро сарф карда наметавонад. Тавассути корти кредитӣ бонк вобаста ба даромади шахс ба ӯ қарз медиҳад. Шаҳрванд метавонад ин пулро сарф намояд, вале онро бояд дар вақташ баргардонад.

Агар қарзро дар муддати имтиёзӣ гирифта бошад, фоиз пардохт карда намешавад. Агар шаҳрванд қарзро дар вақташ баргардонида натавонад, ба боқимондаи қарз фоизи иловагӣ зам мешавад. Бонк барои хизматгузории солона маблағе мегирад, гарчанде шаҳрванд ягон амалиёти дебетӣ ё кредитӣ нагузаронида бошад ҳам, ин маблағ ситонида мешавад.

Яке аз ҳодисаҳои ногувор ё риски мавҷуда ин муфлисшавии бонк ба шумор меравад. Агар бонк пулҳои дар як ҷо додашударо дуруст истифода бурда натавонад, он ба вартаи муфлиси дучор мегардад. Барои аз ин ҳодиса эмин мондан ҳамеша иттилооти дастрасро доир ба фаъолияти бонк доштан зарур аст.

Яке аз масъалаҳои мубрами даврони иқтисоди бозорӣ, ки хонаводаҳо бо он рӯ ба рӯ гаштаанд ва зуҳуроти нав дар ҷомеа ба шумор

меравад, кушодани кори худ ё бизнеси шахсӣ мебошад. Барои кушодани кори шахсии худ чанд сабаб мавҷуданд:

-шахс вобаста ба касб ва талаботи моддии худ кори мувофиқро пайдо карда наметавонад;

-шахс мехоҳад, ки андешаҳо оид ба бизнеси шахсии худро, ки шояд даромади воқеӣ орад, амалӣ кунад;

-шахс аз рӯйи характери худ зери фармони дигар шахс кор карда наметавонад.

Ҳамаи коре, ки шахс машғул мешавад ва он даромад меорад, соҳибкорӣ номида мешавад.

Ду меъёри асосии соҳибкорӣ мавҷуд аст, ки он бояд системавӣ буда, ва ҳатман фоида биёрад. Фаъолияти соҳибкории мураттаб бояд на камтар аз ду маротиба дар як сол иҷро гардад. Агар шаҳрванд як маротиба ягон чизро фурӯшад ё ягон намуди хизматрасониро иҷро кунад, он тартиб системавӣ номида намешавад. Агар шаҳрванд молеро, ки бо нархи аслӣ фурӯхта даромад нагирад ин фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб намеравад, зеро фоида асоси фаъолияти соҳибкориро ташкил мекунад.

Наврасе, ки ба синни 14-солагӣ расидааст, аллакай барои амалҳои кардааш масъулияти моддӣ дорад. Шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ гуногунанад. Аз ҳама шакли одӣ ин соҳибкории инфиродӣ мебошад. Каме маблағи вазифаадо супорида, дар мақомоти давлатӣ аз қайд гузашта, фаъолияти соҳибкориро оғоз намудан мумкин аст. Чунин шакл ҳам бартарӣ ва ҳам камбудӣ дорад. Бартарияти он дар зарур набудани созмони ибтидоӣ мебошад. Инчунин, бартарияти дигаршакли одии андозсупорӣ аст. Ин шакл зарурият ба муҳосиб надорад ва ҳисобдории муҳосибӣ бурда намешавад. Норасоии асосии ин шакл дар он аст, ки шахси соҳибкор дар назди қарздиҳанда бо тамоми амволи худ ҷавобгӯ аст. Агар соҳибкор шикасти молиявӣ хӯрад ва қарздор шавад, амволи ӯ мусодира карда мешавад.

Шакли дигари соҳибкорӣ ҷамъияти саҳомии маҳдуд мебошад. Якчанд ташкилот ин шакли соҳибкориро оғоз намуда, созмони

ибтидоиро таъсис медиҳанд. Яке аз бартарияти ин шакли соҳибкорӣ дар он аст, ки шахс ба қарзҳои танҳо аз рӯйи захираи низомновӣ ҷавобгӯ аст. Ба шахси созмондор хатари ба фақирӣ табдил ёфтан камтар таҳдид мекунад, вале ин шакли соҳибкорӣ низ норасоии худро дорад ва яке аз он андозсупории мураккаб мебошад. Камбудии дигар гирифтани қарз мебошад, зеро дар ин шакли соҳибкорӣ қарз танҳо аз ҳисоби сармояи низомномавӣ баргардонида мешавад. Амволи соҳибкор мусодира карда намешавад. Бинобар ин, муассисаи бонкӣ ба чунин соҳибкорон на ҳама вақт ба шакли осон ва одӣ қарз медиҳад.

Барои соҳибкорӣ аз куҷо маблағи ибтидоиро пайдо намудан мумкин аст? Аксари соҳибкорон бо оғози кори худ низоми сармоявиро истифода мебаранд. Барои он ки қарз гирифта шавад, соҳибкор бояд ба муассисаи бонкӣ фаҳмонад, ки маблағро барои чи мегирад ва бокадом роҳ, аз кадом ҳисоб ба бонк баргардонида мешавад. Воқеан бонк талаб мекунад, ки ба сифати кафолат ягон амволе пешниҳод карда шавад, ки аз нархи қарз зиёдтар аст.

Яке аз ҳуҷҷатҳое, ки барои ҳар як соҳибкор зарур аст, бизнес-нақша мебошад. Ин ҳуҷҷатест, ки тамоми ҷабҳахои фаъолияти ширкати тиҷоратиро дар бар мегирад. Дар он бояд нишон дода шавад, ки соҳибкор чи гуна маҳсулотро ба бозор пешниҳод мекунад, оё он ба талаботи бозор ҷавобгӯ аст, аз дигар маҳсулот чӣ бартарӣ дорад? Нархи маҳсулот, маблағи масрафшуда, даромади пешбинишуда бояд нишон дода шаванд. Бе бизнес-нақшаи моҳирона ва босаводона тартибдода ягон муассисаи бонкӣ ба соҳибкор қарз нахоҳад дод. Бизнес-нақша он чизро нишон медиҳад, ки оё ба соҳибкор зарур аст ба чунин фаъолият даст занад ва то кадом андоза аз он фоида бардоштан ба нақша гирифта шудааст.

На дар ҳама ҳолат бизнес-нақшаи хуб тартибдода ба комёбӣ мерасонад, дар бештари мавридҳо соҳибкорон шикаст мехӯранд ва ба қарз ғута мезананд. Ин, пеш аз ҳама, аз ба ҳисоб нагирифтани

мушкилиҳое, ки корхона рӯ ба рӯ мешавад, вобаста аст. Нодуруст баҳо додан ба талаботи бозор, корро муфид ба роҳ монда натавонистан, ки фоида аз масраф камтар мешавад, сабабҳои асосии шикасти соҳибкор мешаванд.

Дониши иқтисодӣ, маърифати молиявӣ барои ҳар як хонавода дар шароити иқтисоди бозорӣ зарур аст. маърифати молиявӣ ба шахс кумак менамояд, ки дар муносибатҳои тезутунди бозорӣ мавқеи худро дар ҷомеа пайдо намоянд, ханаводаро аз ҷиҳати иқтисодӣ ва истеъмолӣ таъмин намояд. Тарбияи хонаводагиро барои ташаккули дониш ва маҳорат, малакаи иқтисодиву бозорӣ ба роҳ монанд. Маърифати иқтисодиву молиявӣ чунин шартҳоро дар бар мегирад:

-ҳар як шахс бояд дарк намояд, ки маърифати молиявӣ ин омилу шарти некуаҳволии иқтисодии ҷомеа ва хонавода мебошад;

-бояд дарк намуд, ки бемаърифатии молиявӣ ба сатҳи пасти некуаҳволии хонавода меорад;

-дониш ва малакаҳои таҷрибавии худро оид ба маърифати молиявӣ бояд мубрам намуд;

-фаҳмидан зарур аст, ки чи хел дониш ва маҳорати ҳаётиро маърифати молиявӣ дар бар мегирад;

-фаҳмидан зарур аст, ки рафтори молиявӣ чист ва дар чӣ зуҳур меёбад?

-меъёрҳои баҳодиҳиро ба рафтори молиявии одамон бояд коркард намуд;

- ба рафтори молиявии одамон дар вазъиятҳои аниқ баҳо доданро омӯхтан лозим аст;

-намунаҳои рафтори бемаърифатонаи молиявиро бо маърифати маънавӣ дар вазъияти аниқи ҳаётӣ бояд қиёс намуд.

Махсусияти раванди имрӯзаи иҷтимоикунонии иқтисодӣ дар кишвар дар он зуҳур меёбад, ки ҳоло ақидаи ягона дар бораи зарурияти тарбияи иқтисодии умумӣ, ба мисли саводнокии умумӣ ё маърифати тиббӣ, мавҷуд нест. Он чиз аён аст, ки муҳокима дар бораи зарурияти

тарбияи иқтисодии кӯдакону наврасон оғоз гардидааст. Дар мамлакатҳое, ки муносибатҳои иқтисоди бозорӣ амал мекунанд, хоҳ-нохоҳ зарурияти чунин маърифат, яъне маърифати иқтисодӣ ба миён меояд. Майдони прагматикии ахлоқ, ки дар давраи муносибатҳои бозорӣ ба миён омадааст, ба он меорад, ки наврасон ва ҷавонон барои маблағ кор кардан, озодӣ ва мустақилиятро ба даст овардан кӯшиш намоянд. Аммо дар шароити сатҳи пасти фарҳанги иқтисодӣ, нокифоя будани дониши иқтисодӣ чунин кӯшиш ба бӯҳрони «ахлоқӣ» меорад [2.8, с 11] .

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар овони хурдсолӣ ва наврасӣ махсусияти инфиродӣ-психологии асосӣ ташаккул меёбад, ҳамчунин барои ташаккули хислатҳои иҷтимоиву ахлоқии шахс заминаҳо ба вуҷуд меоянд [2.8, с.16] .

Ин ҷо метавонад савол ба миён ояд, ки маърифати иқтисодӣ ё худ тарбияи иқтисоди чист ва оё иқтисод ба тарбия робита дорад?

Қоидаи тарбияи иқтисодӣ миёрем. Яъне инсон дар ҳама соҳае, ки кору фаъолият менамояд, бояд, пеш аз ҳама, инсон монад. Чи муҳандис, чи соҳибкор, чи табиб, чи омӯзгор, хуллас, дар коре, ки фаъолият менамояд, бояд ахлоқи ҳамида дошта бошад, бо одамон бо сухани хубу нек суҳбат намояд. Одамонро ба сарватманду камбизоат ҷудо накунад, бо ҳамагон якхел муносибат намояд, ба пирону нафақахӯрон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намояд. Мисоли оддӣ, вақте ки мо ба дилхоҳ ҷой даромадем, оид ба ягон чи маълумот гирифтани мешавем. Одатан ҷавонон, хусусан, духтарон муоширати хуб менамоянд, ки инсон бо димоғи чоқу хурсанд аз онҷо мебарояд, вале нафаре аз онҳо дағалона ё бо дили дили нохоҳам мо сухан намояд, табъамон хира мешавад. Яъне ҳар як самт, аз он ҷумла, иқтисодиёт ҳам бо тарбия робита дорад.

Баъзан мешунавем, ки нафаре дар мансаби баланд одамонро хуб қабул наменамояд ё дарҳол ҷавоби рад дода, аз серкорӣ баҳонаҷуӣ мекунад.

Хурсанд мешавем вақте зумраи мансабдорон қабули хуши одамонро доранд. Кӯшиш менамоянд, то кумаке расонанд ба корафтодагон ва бо чеҳраи кушоду табъи болида гусел менамоянд.

Дар кишвари мо ҳоло таҷрибаи амалии маърифати иқтисодӣ вуҷуд надорад, зеро кишвар қадамҳои нахустинро барои пойдор кардани муносибатҳои иқтисоди бозорӣ гузошта истодааст. Ҳоло барои тарбияи иқтисодӣ дар кишвар замина гузошта нашудааст.

Нокифоя будани тарбияи иқтисодӣ наврасонро ба душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ мекунад ва ба ташаккули шахсияти замони иқтисоди бозорӣ монеа мегардад. Бояд ҳам мактаб ва ҳам хонавода масоили тарбияи иқтисодӣ ва маърифати молиявиро дар якҷоягӣ ҳал намоянд. Зеро имрӯз зарурияти ташаккули шахсияте ба миён омадааст, ки соҳиби маърифати иқтисодӣ бошад, мустақилона қарор қабул карда тавонад, оид ба ояндаи кишвар ҳисси масъулият дошта бошад. [3,12,с.99-100].

Махсусияти асосии тарбияи иқтисодиро бояд калонсолон донанд, то ки раванди тарбияи иқтисодӣ ва маърифати молиявии хурдсолон ва наврасонро ба роҳ монда тавонанд.

Тибқи таҳқиқоти психологиву педагогӣ муайян мегардад, ки дар қонеъ намудани талаботи моддӣ, маънавӣ ва маърифатӣ нақши асосиро хонавода мебозад [2.10,с.11].

Бо ибораи дигар накши ташаккули умумии асосҳои маърифатӣ ва муносибати оқилонаи талаботро маҳз муҳити маърифатии хонавода мебозад. Новобаста аз он ки наврас дар муассисаҳои таълимӣ чи гуна дониш мегирад, ӯ ҳатман дар ҳаёти хоҷагидории хонавода фаъолона иштирок менамояд. Маҳз хонавода муҳити ташаккулёбии маҳорат ва малакаи иқтисодӣ, донишу маҳорати молиявӣ мебошад.

Имрӯз дар кишвар таваҷҷуҳ ба тарбияи иқтисодии хонаводагӣ ҳамчун асос ва пойгоҳи тарбия ва ташаккули хислатҳои иқтисодӣ кам зоҳир мегардад. Аслан дар мавҷуд набудани дастуру тавсияҳои зарурӣ дар мавриди тарбияи иқтисодӣ волидайн дар тарбияи иқтисодӣ ва

маърифатии молиявии фарзандони худ душвориҳо доранд. Дар тарбияи иқтисодии хурдсолон ва наврасон маҳз «санъати бурдани хоҷагидории хонаводагӣ» нақши асосӣ ва ҳалкунандаро мебозад [2.45,с.91].

Аз рӯи ақидаи муҳаққиқон шарти зарурӣ дар тарбияи иқтисодӣ амалӣ кардани он дар якҷоя бо тарбияи меҳнативу ахлоқӣ мебошад. Албатта, дар синну соли хурдсолӣ ва наврасӣ барои онҳо дар таъсиси арзишҳои иҷтимоӣ имконияти мавҷуда нест ва наврасон танҳо ба волидайн такя намуда, ҳамчун истеъмолкунанда баромад мекунанд.

Асоси кори тарбияи иқтисодӣ бояд ба он равона карда шавад, ки дар наврасон ҳисси эҳтиром ба меҳнат пайдо гардад. Наврасон бояд дарк намоянд, ки маҳз меҳнат бунёдкунандаи дунёи моддӣ ва ҳаёти инсонӣ мебошад.

Ба ақидаи мо, тарбияи иқтисодии наврасон бояд ба он равона карда шавад, ки дар онҳо талаботи оқилона ташакул ёбад ва он дар якҷоягӣ бо тарбияи меҳнативу ахлоқӣ барои ташаккул додани хислатҳои иҷтимоиву ахлоқӣ шароит муҳайё намояд.

Имрӯз, тибқи мушоҳидаҳои мо, наврасон ва ҷавонон танҳо барои қонеъ кардани талаботи моддии худ аз паси неъматҳои гуногун мешаванд, аммо аниқ аст, ки масъалаи талаботи оқилона маҳз ба тарбия ва маърифати ахлоқӣ, иқтисодӣ, молиявӣ дар сини хурдсолӣ ва наврасӣ ҳал карда мешавад. Ин ҷо нақши таъсири педагогӣ хеле бориз аст ва дар ташаккули шахсияти аз нуктаи иқтисодӣ бомаърифат ташаккули талаботи оқилонаи моддӣ муҳим мебошад. Талаботи моддӣ аз талаботи маънавӣ ҷудо нест, аммо ташаккули талаботи маънавӣ хеле душвор аст ва таъсири бештари педагогиро тақозо менамояд. Ташакули оқилонаи талаботи моддӣ барои ташаккули маънавии шахс ҳамчун таҳкурсӣ ба шумор меравад.

Аз ин лиҳоз, мураббиён ва волидайн дар хонавода бояд тамоми кӯшиши худро барои ташаккули талаботи оқилонаи моддии хурдсолон

ва наврасон, инчунин, барои ташаккули арзишҳои маънавӣ равона намоянд.

Хонавода ин аввалин муҳити иҷтимоие мебошад, ки наврас дар он ҷо бо мафҳумҳо ва муносибатҳои иқтисодӣ шинос мешавад, талабот ва роҳҳои қонеъкунии онро меомӯзад. Бинобар ин, дараҷаи фарҳанги иқтисодии кӯдакону наврасон маҳз аз хонавода ва аҳли хонавода, ки бо онҳо зиндагӣ мекунанд, вобаста аст. Вале бештари волидайн ҳанӯз зарурияти тарбияи иқтисодии фарзандонашонро ба таври бояду шояд дарк накардаанд. Хонаводаҳои ҷавон худ нав ҳоло ҳолати буҷети худ ва тақсимоти онро меомӯзанд. Хонаводаҳои сарватманд бошанд, ба исрофкории зиёд роҳ медиҳанд, дар умум аксари хонаводаҳо мубрамияти тарбияи иқтисодии фарзандонро дарк накарда истодаанд. Онҳо дар бораи чигунагии тарбияи иқтисодӣ ҳанӯз донишу таҷрибаи кофӣ надоранд. Бояд дигар институтҳои иҷтимоии тарбиявӣ дар самти тарбияи иқтисодии наврасон ҳамкории зичро бо хонавода барқарор кунанд ва дар робита ин вазифаҳои душворро ҳал намоянд.

Тарбияи иқтисодӣ дар хонавода дар шакли фаъолияти маишӣ иҷро мегардад. Чунончи, хурдсолон аввалин тасаввуротро дар бораи иқтисодиёт пайдо карда, албатта, пурсон мешаванд, ки барои обро пас аз истифода қатъ кардан зарур аст ё барои чи дар ҳуҷраи холӣ чароғро хомӯш кардан лозим аст. Ин ҷо муҳим аст, ки калонсолон ба саволҳои фарзандонашон дуруст ҷавоб дода, ҳамзамон худ бояд қоидаҳои иқтисодиро риоя намоянд. Аввалин хислатҳои маърифатии иқтисодие, ки хонавода бояд хурдсолон ва минбаъд наврасонро омӯзонанд, ин сарфакорӣ, эҳтиёткорӣ, интихоб кардан, аниқкорӣ, ташаббускорӣ, меҳнатдӯстӣ, эҳтиром нисбат ба меҳнати аҳли хонавода ва атрофиён мебошад.

Масъалаи тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода хеле мубрам буда, натиҷаи матлуби он аз омилҳои гуногун вобаста аст. Он омилҳо, талаботи моддиву маънавӣ, анъана ва арзишҳои хонаводагӣ, муносибати

ахлоқии аъзоёни хонавода мебошад. Наврасонро ҳанӯз аз овони хурдсолӣ бояд ба ҳаёти фаъоли хонавода ҷалб намуд. Фарзандон бояд барвақт истифодаи оқилонаи ашёи худ, эҳтиёт кардан ва ҳисси масъулиятро нисбати ашёҳои ба онҳо тааллуқдошта ёд гиранд. Хурдсолон аввалин маротиба дар хонавода бо маблағи пулӣ ҳамчун ченаки меҳнат рӯ ба рӯ мегарданд, талаботи имконпазирро меомӯзанд. Наврасе, ки талаботи воқеии худро, андозаи оқилонаи онро дарк мекунад, муносибат бо пулро меомӯзад, албатта, маърифати иқтисодии ӯ ташаккул меёбад. Умуман, тарбияи иқтисодии наврасон бояд ба ҳалли чунин вазифаҳо равона карда шуда бошад:

1.Ташаккули тасаввурот оид ба меъёрҳои иқтисодӣ ва молиявии ибтидоӣ;

2.Омӯзонидани истифода ва муносибати оқилонаи маблағи пулӣ, роҳҳои дурусти ба даст овардани маблағи пулӣ;

3.Ташаккули тасаввурот дар бораи маҳсулот ҳамчун натиҷаи меҳнати инсонӣ, нарх ва арзиши он;

4. Инкишофи маҳорати муайян карда тавонистани талаботҳои худ дар андозаи оқилона, ҷудо карда тавонистани талаботи зарурӣ аз талаботҳои нозарур (нолозима);

5. Тарбияи хислатҳои ахлоқиву иқтисодии шахсият, ба монанди сарфакорӣ, эҳтиёткорӣ, саховатмандӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, поквиҷдонӣ, меҳнатдӯстӣ ва ғайра;

6.Эҳтиром гузоштан ба меҳнати калонсолон ҳамчун истеҳсолкунандаҳои маҳсулот дар муҳити иқтисодӣ.

Омӯзишу таҳлили адабиёту корҳои муҳаққиқон нишон дод, ки барои тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода амалҳои зеринро бояд анҷом дод:

1. Хонаводаи ман-дониши васеъ оид ба буҷети хонаводагӣ.
2. Шиносоӣ бо намудҳои талаботи инсонӣ, оқилона ва сарфакорона қонеъ намудани ин талабот.

3. Дунёи пул-шиносоӣ бо мафҳуми пул, асъор, таърихи пайдоиши пул;
4. Шиносоӣ бо нарх-ташаккули тасаввурот оид ба нарх, махсусияти нархӣ;
5. Шаҳри ман-шинос кардани наврасон бо вазъи иқтисодӣ, сохтори саноатӣ ва тиҷоратии шаҳр;
6. Инкишофи тасаввуроти наврасон оид ба бозор ва муносибатҳои бозорӣ;
7. Дунёи мол-муайян карда тавонистан арзиши мол, нархи он ва дараҷаи зарурияти он;
8. Меҳнати одамон-ташаккули тасаввурот оид ба мавҷудияти касбҳои гуногун ва хусусиятҳои онҳо;
9. Шиносоӣ бо таблиғот-дониш оид ба таблиғот, аҳамияти таблиғот, тарзи дурусти истифодаи таблиғот;
10. Кишвари ман-шиносоии наврасон бо захираҳои табиию иқтисодии кишвари худ;
11. Намудҳои захира-истифодаи сарфакорона ва оқилонаи захирахои моддии кишвар;
12. Соҳибкорӣ-ташаккули тасаввурот оид ба соҳибкорӣ, суд ва зарари он ба иқтисодиёт;

Умуман, волидайн дар самти тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода бояд аҳли он усулҳо ва роҳхои беҳтаринро ҷустуҷӯ намуда, мавриди истифода қарор диҳанд, зеро навраси имрӯза насли ояндасози кишвар аст.

## 2.2.Ҷанбаҳои педагогӣ, психологӣ ва иҷтимоии тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода

Тарбия дар хонавода раванди психологии хеле мураккаб мебошад. Тавассути тарбияи иқтисодӣ наврас ба зиндагии мутақилона омода

мегардад. Бинобар ин, ҳам мактаб ва ҳам хонаводa бояд барои дар наврасон тарбия намудани фарҳанги иқтисодӣ саҳмгузор бошанд, то ки онҳо аз хурдсолӣ иқтисод ва хусусиятҳои онро дарк карда тавонанд.

Маҳз тавассути тарбияи иқтисодӣ наврасон дар бораи иқтисод, инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ, ҳамчунин, механизмҳои иқтисодии мавҷуда тасаввурот пайдо карда метавонанд. Хеле муҳим аст, ки тарбияи иқтисодӣ ҳаматарафа бошад ва он бояд тамоми гурӯҳҳои иҷтимоиро фаро бигирад ва таваҷҷуҳро дар ин раванд бояд ба муносибати илмӣ дар дар дарк намудани мушкилиҳои иҷтимоӣ, тафаккури мустақил, инкишофи шуури равияи иқтисодидошта равона гардад. Ин ҳама бояд дар навбати худ бо қонунҳои иқтисодӣ дар дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеаи имрӯза ҷорибуда мувофиқ бошад.

Тарбияи иқтисодиро бояд аз синну соли барвақт оғоз намуд, зеро шахсияти инсон аллакай аз сини 6-7 солагӣ ба ташаккул ёфтан оғоз менамояд.

Ба андешаи мо, эҳтиёткорӣ, сарфакорӣ ва дигар сифатҳои муҳими хонаводагиро ба кӯдакон аз синни хурдсолӣ омӯзонидан зарур аст. Аз ин лиҳоз, тарбияи иқтисодии наврасон бояд мақсаднок бошад, то ки онҳо ҳадафи ин таълимро дарк карда тавонанд.

Натиҷаи ниҳоии тарбияи иқтисодӣ дар муносибати дурусти кӯдак нисбат ба меҳнат, дар рафтори онҳо дар ҳалли сарф кардани маблағ, нисбат ба либос, пойафзол, хӯрок ва ғайра аён мегардад.

Наврасони зери тарбияи дурусти иқтисодӣ фаро гирифташуда дарк мекунанд, ки некуаҳволии инсон, пеш аз ҳама, аз сифати меҳнати ӯ вобаста аст. Ғайр аз ин, наврас чи гуна бо вақт муносибат кардан ва истифодаи дурусти онро омӯхта, аз хурдсолӣ муносибати худро нисбат ба меҳнат муайян мекунад. Ба ибораи дигар гӯем, наврасон малака ва маҳорати иқтисодиро аз худ мекунанд, ки он албатта ба сифати меҳнат дар оянда таъсири мусбат хоҳад гузошт. Асоси иқтисодиёт ин бахши фарҳанге мебошад, ки бе он дар ҳаёти имрӯза қадам задан хеле душвор

аст. Аз ин лиҳоз, ҳар як наврас бояд ин асосро фаҳмад, дар худ малакаҳои фарҳанги иқтисодиро ташаккул диҳад [2. 135, с .64].

Тарбияи иқтисодӣ ба наврасон кумак менамояд, ки онҳо аҳамияти захираҳои табииро барои инсон фаҳманд ва муносибати сарфакоронаро нисбат ба ин захираҳо омӯзанд ва ҳамчунин муносибати оқилонаю воқеиро нисбат ба табиат омӯзанд. Наврасон дар бораи моликият ва шаклҳои он тасаввурот пайдо мекунанд, муносибат бо киссахарҷӣ ва сарфи онро меомӯзанд, дар бораи даромад ва хароҷоти хонавода маълумот пайдо мекунанд, оид ба нархи моликияти таълимгоҳ, хароҷоти таъмири таълимгоҳ маълумот пайдо мекунанд [3.1,с.16].

Наврас дар ин ҳолат иштирокчии раванди иқтисодӣ мегардад. Вай бо волидайн ба мағоза меравад, баъзан худаш харид мекунад, ки ин аввалин таҷрибаи ибтидоии иқтисодии ӯ маҳсуб меёбад. Ин ҷо сухан на дар бораи ҳаҷми дониши иқтисодии наврас меравад, балки истифодаи оқилона ва дурусти ин дониш аввалиндараҷа ва муҳим мебошад.

Хеле муҳим аст, ки дар раванди тарбияи иқтисодии наврасон волидайн бо ҳама воситаҳои тарбиявӣ саҳми асосиро гузоранд.

Молик будан ба ягон намуди «моликият» дар инсон ҳисси масъулиятро бедор мекунад ва ба тафаккури мустақил мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, волидайнро мебояд, ки аз хурдсолӣ барои фарзандони худ кафолати дастрасӣ ба «моликият»-и онҳоро таъмин намоянд. Наврас бояд соҳиби ашёи худ бошад ва волидайн ба ӯ бояд имконияти истифодаи мустақилонаи ашёро диҳанд. Ин бояд нисбат ба пул, китоб, бозича ва ғайра бошад. Яъне, агар вақте ки волидайн ягон ашёро ба наврасон мебахшад, бояд дар ҳолати бахшидани наврас ин ашёро ба ягон дӯсташ ё иваз кардани онро бо чизи дигар, ё охиран корношоям сохтани он кӯдакро сарзаниш накунанд. Танҳо ба кӯдак кумак карда шавад, ки оқибати хуб ё нохуб будани амали худро дарк намояд. Хеле хуб аст, агар наврас фаҳмад, ки беҳуда ягон чизи худро ба дӯсташ тӯҳфа кардааст ва ин беҳтар аз он аст, ки баъд аз 20-сол

бепарвоёна аз хона ё автомобил маҳрум шавад. Ва ё агар дар вақти чизи наве дар дасти наврас будан «соҳиби» ҳақиқии онро аниқ карда, ба наврас чи тавр бо ин чиз муносибат карданро фаҳмонанд, ин иқдом, албатта, натиҷаи дилхоҳ хоҳад дод. Бо ин роҳ наврас тақдири оядаи ин ашёро мефаҳмад, наврас бояд дарк кунад, ки ашё гум мешавад, корношоям мегардад ва ё дар муддати дуру дароз коршоям хоҳад монд.

Ба наврас чӣ тавр сарф кардани пулро омӯзонидан низ як шарти муҳими тарбияи иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Хеле муҳим аст ҳар як хариди наврас мавриди муҳокима қарор гирад. Намунаҳои гуногуни муносибат нисбат ба хариди наврас мавҷуд аст. Масалан, роҷеъ ба нархи ашё муҳокима барпо намуда, дар бораи сифати чиз сухан кардан низ муҳим аст. Масалан, агар наврас фитаи сабти мусиқиро харидани шавад, хеле хуб мебуд дӯстони худро даъват карда, дар муҳокима суханони онҳоро гӯш кардан низ амали нек мебошад. Ин ба наврас имконияти интихобро медиҳад ва наврас мефаҳмад, ки алтернатива мавҷуд аст. Хеле муфид аст бо наврасон дар харидани ягон ашё машварат кард, аллалхусус, вақте ки ашё барои наврас харида мешавад.

Хеле муҳим аст, ки шартномаи тарафайнро дар сурати нодуруст сарф шудани маблағ аз тарафи наврас риоя намуд. Яъне ба наврас саҳви ӯро фаҳмонида, аз додани маблағҳои иловагӣ худдорӣ намуд. Ҳамеша ба ваъда вафо кардан зарур аст ва ҳеҷ гоҳ ваъдаи иҷронашавандаро ба наврас додан лозим нест. Аз ҳама саҳви волидайн ҷуброни чизи гумкардаи наврас мебошад, зеро дар ин ҳолат тарбияи иқтисодӣ қобили қабул нест, чунки наврас оқибати «талаф»-ро дарк нахоҳад кард.

Малакаи муносибат бо маблағро ба наврасон хуб омӯзонидан зарур аст. Яке аз роҳҳои маблағгузорӣ ба наврасон додани киссахарҷии онҳост. Киссахарҷиро наврас бояд бо назардошти хоҳиш ва талаботи худаш бидуни назорати волидайн масраф кунад. Ин пул набояд манбаи ҷазодиҳӣ ё ҳавасмандкунии наврас гардад. Ин ба инкишофи малакаҳои муайяни иқтисодии наврас мусоидат намуда, ҳамчун фишанги рушди

фарҳанги иқтисодии наврас хизмат мекунад.

Хеле хуб мебуд, ки маблағро ба наврас як маротиба дар як ҳафта дод. Миқдори маблағ бояд мувофиқи синну соли наврас бошад. Яъне ҳар қадар синну соли наврас хурдтар бошад, миқдори маблағ низ ҳамон қадар камтар бошад, беҳтар аст. Албатта, волидайн имконияти худро ба назар гирад ва ҳатман аз наврас пурсон шудан лозим аст, ки чи қадар маблағ ӯро қаноатманд мекунад. Ин воқеан талаботи наврасро муайян менамояд. Агар талаботи наврас аз андоза зиёд бошад, ӯро ислоҳ намуда, фаҳмонидан зарур аст, ки тибқи талаботи воқеӣ маблағ талаб намояд.

Кисахарҷӣ дар ҳамон вақт муфид мешавад, ки он дар ҳузури кӯдакон зимни ҳампоя муҳокима кардани масоили молиявӣ дар хонавода дода шавад.

Дар китоби «Кӯдакон ва пул»-и равоншиносон К. Девис ва Р. Тейлор маслиҳатҳо дар бораи кисахарҷӣ ва мушкилиҳову бартарияти он хеле хуб мавриди баҳс қарор гирифтааст. Онҳо чунин маслиҳатҳоро барои волидайн дар мавриди истифодаи кисахарҷӣ медонанд:

1. Кисахарҷиро ба кӯдакон аз синни 6-7 солагӣ бояд дод.

2. Аз аввал ба кӯдак фаҳмонда шавад, ки пул барои чӣ дода шуд ва он кадом талаботи кӯдакро қонеъ менамояд.

3. Миқдори маблағи пулӣ бояд оқилона бошад ва бо мурури тағйир ёфтани синну сол зиёдтар карда шавад.

4. Ба кӯдакони хурдсол пулро ҳар ҳафта, ба наврасон ҳар моҳ дода шавад.

5. Кисахарҷӣ ба рафтори кӯдак вобаста набояд бошад, қатъ кардани он ҳамчун ҷазо истифода нашавад.

6. Маблағи дар назардошта бояд зиёд карда шавад, дар ҳолате, ки кӯдак пули пештар гирифтаашро аллакай сарф намуда бошад.

7. Ба кӯдак имкон додан лозим аст, ки маблағи пулиро бо хоҳишу талаботи худаш сарф намояд.

8. Кӯдак бояд як қатор корҳоро дар хона анҷом диҳад, вале дар ин маврид ҳавасмандкунии пулӣ бояд истифода нашавад.

9. Ҳар сол дар рӯзи таваллуди кӯдак ҳаҷми кисахарҷӣ зиёд карда шавад [ 2.12, с.22].

Рӯйхати масрафи наврас (сметаи хароҷоти наврас) ин ҳамаи он чизҳое бошад, ки ӯ бо кисахарҷӣ мехарад ё бояд харад. Ба наврас бояд дуруст фаҳмонид, ки пул ин воситаи ягон чизро ба даст овардан мебошад. Аксари наврасон, албатта, мехоҳанд сарватманд шаванд. Ин хуб аст ва орзуи онҳо соҳиби пули зиёд шуда мактаб сохтан, соҳиби мошини қимат ё худ киштӣ шудан, саёҳати дунё кардан қобили дастгирист, ба ин орзуҳои наврасон бояд шарик шуд.

Чизи дигар ин ҷарима аст. Ҷаримаро чун бозии тиҷоратӣ ташкил намудан лозим аст. Яъне, ба наврасон фаҳмонидан лозим аст, ки талафи ягон чиз, албатта, нороҳатӣ меорад. Бо ин бозӣ метавонем назорат кунем, ки наврас то кадом дараҷа масъулиятро ҳис мекунад. Эҳтиёткор, дақиқбин ва нисбати талаботи моддӣ боадолат аст. Наврас бояд қимати воситаҳои пулиро дарк намояд, зеро дар оянда яке аз шартҳои муҳими шахсиятӣ комёб шудан аст.

Тарбияи иқтисодии наврасон рушди дурусти тафаккури онҳоро таъмин менамояд, дар онҳо хислатҳои ахлоқӣ ва иқтисодӣ, ки дар оянда барои фаъолияти иқтисодии наврас хеле муҳим мебошад, ташаккул меёбад. Ғайр аз ин, тарбияи иқтисодӣ ба наврасон рӯҳияи соҳибкорӣ муносибати эҳтиромона ба моликият ва арзишҳои ҷамъиятиро таъмин менамояд. Ширкати бевосита ва фаъолонаи волидайн дар тарбияи наврасон аз сини хурдсолӣ ба он меорад, ки наврас дар оянда шахсияти комёб шуда, ба хатогиҳои «калон» роҳ намедиҳад.

Тарбияи иқтисодӣ намуди махсуси тарбия мебошад. Он барои мавҷудияти шахсият дар соҳаи муайяни ҳаёти инсонӣ, яъне иқтисодиёт зарур аст ва он ба ҳама иштирокчиёни муносибатҳои бозорӣ хос аст.

Механизми мутобиқшавии инсони муосир бояд инкишоф ёбад. Дар як вақт норасоии дониши иқтисодӣ чун норасоии меъёрҳои рафтор

масъалаи тарбияи иқтисодии насли наврасро мубрам менамояд. Дар ин замина ҳалли чунин проблемаҳо барои наврасон муҳим мебошад:

- мақсад гузошта натавонистан дар фаъолияти худ;

- нарасидан, нафаҳмидан ё фаҳмиши маҳдуди воқеияти иқтисодӣ, мавҷуд набудани шавқу рағбат ба ҳадафҳою зуҳуроти иқтисодӣ;

- сарфи назар кардани қонунҳои иқтисодӣ;

- ташаккул наёфтани шавқу рағбати шахсӣ ба иқтисодиёт;

- нафаҳмидани талаботи воқеии инсон дар зиндагии шоиста;

- рафтори заиф, бепарвоӣ дар вазъияти мураккаби иқтисодӣ;

- мавҷуд набудани тафаккури мустақил, нобоварӣ ба неруи худ, малакаи эҷодкории заиф;

- нафаҳмидани нақши озодии иқтисодӣ ҳамчун асоси мутобиқшавии инсон дар фаъолияти касбӣ ва ҳаёти ҳаррӯза.

Барои ҳамаи системаи иқтисодӣ амалҳо ва ҳалли «нодуруст» боиси пеш аз ҳама сарфи ифротии воситаҳо, бемақсад истифода бурдани захираҳо мегардад. Ин ба вайроншаваии механизми хоҷагидорӣ, кандашавии алоқаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, номувозинатии макроиқтисодӣ, ташаннуҷи иҷтимоӣ сабабгор мегардад.

Тарбияи иқтисодӣ аз як тараф намуди мустақили тарбияест, ки барои ҳаёти инсон дар шароити муайян зарур аст. Аз тарафи дигар дар маҷмуъ он бахши тарбияи инсон мебошад.

Одами тарбиягирифта бо рафтор, амал, муносибат бо атрофиён фарқ мекунад, ки ин дараҷаи баланди фаҳмиши ӯро нишон медиҳад. Дар тарбияи иқтисодӣ низ чунин аст. Ин ҷо танҳо фарқият дар он аст, ки рафтори одамон дар аксари ҳолатҳо аз қонунҳои иқтисодӣ вобаста буда, дар охир ба ин қонунҳо итоат мекунанд. Бинобар нафаҳмидан ва надонистани ин қонунҳо ба содир намудани амалҳои аз нуқтаи иқтисодӣ «нодуруст» оварда мерасонад. Чи хел одамон амалҳои иқтисодиро иҷро менамоянд, дар натиҷаи фаъолияти онҳо ва амалӣ шудани мақсадҳои онҳо дар ҳаёти ҳамарӯза равшан мегардад.

Бинобар ин, фарқияти шахси аз ҷиҳати иқтисодӣ ботарбия дар он зуҳур меёбад, ки ӯ амалҳои босаводона ва оқилонаи иқтисодиро иҷро мекунад. Натиҷаи он ба муносибати дигар одамони иштирокчии равандҳои иқтисодӣ ва бозорӣ таъсири мусбат мегузорад.

Инсони аз ҷиҳати иқтисодӣ тарбияёфта чунин шартҳоро бархурдор аст:

- аз назарияи асосии иқтисодиёт бархурдор аст, ки ин барои азхудкунии принсипҳои иқтисодӣ кумак мекунад ва метавонад амалҳои босаводонаи иқтисодиро иҷро намояд;

- соҳиби тасаввуроти аниқ дар бораи олами атроф, воқеияти иқтисодии муосир буда, мунтазам дониши худро инкишоф медиҳад, то ҳамқадами замон бошад;

- стратегияи рафтори иқтисодии худро бо такя ба принсипҳои иқтисодӣ муайян менамояд. Нақш ва намунаи асосии рафтори иқтисодиро дарк менамояд;

- соҳиби тафаккури замонавии иқтисодӣ мебошад;

- малакаҳои мустақилона ҳал намудани мушкилиҳоро нишон медиҳад;

- соҳиби малакаи муошурати тиҷоратӣ, хаттӣ ва шифоҳӣ мебошад;

- соҳиби элементҳои асосии фарҳанги иқтисодӣ мебошад;

- ба меҳнату моликияти худ ва дигарон одамон эҳтиром мегузорад. Аз комёбиҳои иқтисодии худ ифтихор менамаояд.

Сифатҳои дар боло овардашуда нишон медиҳанд, ки асоси тарбияи иқтисодиро ҳамчун «раванд» ва «натиҷа» фаҳмидан зарур аст.

Тарбияи иқтисодӣ, ҳамчун, раванди мақсадноки таъсири педагогии дигар одамон (волидайн, омӯзгорон, ҷомеа) мебошад, ки ба ташаккули хусусияти муайяни иқтисодии шахс равона аст.

Мақсади тарбияи иқтисодӣ ин ташаккул ва мустаҳкам кардани навъҳои рафтор дар системаи иқтисодӣ мебошад, ки аз рӯи меъёрҳо, дониш ва қоидаҳо муайян карда мешавад. Одамон нақши иқтисодро дар

ҳаёти худ муайян карда, тафаккури худро иваз менамоянд ва дар навбати худ ба қонунҳои иқтисодӣ тобеъ мегарданд [2.23. с.124].

Тарбияи иқтисодӣ муносибати махсуси инсонро на танҳо нисбат ба ашё, балки нисбат ба одамон, ҳодисаҳо, далелҳо, андешаҳо муайян менамояд. Тарбияи иқтисодӣ дар пояи анъанаҳо ва одатҳои дар ҷомеа буда, алалхусус, дар шароити иқтисоди бозорӣ асос меёбад. Натиҷаи тарбияи иқтисодӣ ҳамчун маҳорати худро идора карда тавонистан дар дунёи арзишҳои моддӣ муайян мегардад. Тарбияи иқтисодӣ андозаи тарзи худро мутобиқ кардан дар соҳаҳои касбӣ, тиҷоратӣ, маишӣ мебошад.

Тарбияи иқтисодиро бо роҳи расмӣ ва ҳам ғайрирасмӣ гирифтан мумкин аст. Дар ҳама ҳолат ин фаъолияти худро тарбия кардани шахсият ба шумор меравад. Ҳам калонсолон ва ҳам наврасон мустақилона восита ва элементи таълиму тарбияро интихоб менамоянд, ки ба онҳо таъсири иҷтимоӣ-психологӣ мегузорад.

Роҳи расмӣ тавассути маълумоти иқтисодӣ, принсипҳои хоҷагидорӣ ба даст оварда мешавад. Ҳамчунон, тафаккури махсуси иқтисодӣ ташаккул ёфта, намунаи рафтори иқтисодӣ аз худ карда мешавад. Ин роҳи мақсаднок зери назорати мутахассисон, педагогҳо, олимон амалӣ мешавад.

Дар иқтисод роҳи ғайрирасмӣ хеле маъмул аст. Ин ҷо нақши омӯзгор, мураббиро воситаҳои ахбори оммавӣ, маслиҳатҳои дӯстону ҳамкорон, таҷрибаи волидайн иҷро менамояд.

Тарбия ҳамчун маҷмуи нуқтаи назар, эътиқод, ангезаи рафтор буда, ҳамеша бо маълумоти нав, ҳолатҳои ҳаётӣ, меъёрҳои муоширатӣ, маҷмӯи арзишҳои ҷамъиятӣ инкишоф дода мешавад. Аз ин ҷост, ки ҳангоми ба нақша гирифтани таълими иқтисодии мактаббачагон мақсади асосии тарбия ва ташаккули насли ҷавон ба шумор меравад. Тарбияи иқтисодӣ ҳамчун ангеза ба фаъолият, амалҳои тарбиятгирифта баромад мекунад [2.5, с.34.].

Дар шароити имрӯза талабот ба дониши иқтисодӣ аз худ кардани

салоҳияти калидии иҷтимоӣ-иқтисодӣ хеле афзудааст. Омодагии иҷтимоӣ-психологии тарбияи иқтисодӣ он қадар муҳим гаштааст, ки инкор кардани омӯзиши он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ғайриимкон гаштааст [2.5, с.65].

Якчанд проблемаҳои воқеиро ба назар гирифтан худ зарурияти баррасӣ ва ҳал намудани масъалаҳои тарбияи иқтисодиро мубрам менамояд. Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ фанни махсус «Иқтисод» ба роҳ монда нашудааст ва ҷорӣ намудани он мушкилиҳои тарбияи иқтисодиро осонтар менамояд.

Тарбияи иқтисодӣ дар бештари ҳолатҳо аз фаъолияти амалӣ канда аст. Наврасон дониши воқеиро соҳиб мегарданд, аммо маҳорату малакаи барои фаъолияти иқтисодӣ заруриро бархӯрдор намегарданд. Дар ин ҳолат дар наврасон салоҳиятҳои иқтисодӣ ташаккул намеёбад.

То ҳол педагогҳо моҳияти тарбияи иқтисодиро танҳо дар ташаккули одатҳо дар масъалаи сарфа кардани неруи барқ, об, нон ва ғайра, яъне сарфакорӣ мебинанд. Аз нуқтаи назари мо, албатта, ин муҳим аст, вале хеле маҳдуд аст ва ба пуррагӣ мушкилоти тарбияи иқтисодиро дар маҷмӯъ ҳал наменамояд.

Ташаккули фарҳанги иқтисодиро бояд дар маҷмуъ ба инкишофи шуур, эътиқод ва самтҳои фаъолият равона намудан лозим аст.

Ғайр аз ин, ба наврасон бояд имкон дод, ки ақаллан аз сини 16 солагӣ баъд аз мактаб ба шуғле фаро гирифта шаванд. Аз қабили: ёрдамчии ошпаз, пешхизмат, корбар дар интернет-кафеҳо, дастраскунандаи хӯрокаҳои тезпаз ва шириниҳо, ёрдамчии мошинсоз ва ғайра. Чунки дар ин синну сол наврасон ба маблағ барои дастрас намудани чизи дархосташон ниёз доранд. Аз қабили соҳиби телефони мобилӣ шудан, дастрасӣ ба интернет, пур кардани тавозуни телефон, харидорӣ намудани сару либос, фиттаҳо ва ғайра. Дар ҳоли надоштани маблағ, дастгирӣ наёфтан аз корхонаҳо бинобар сабаби 18 солагиро пур накардан, онҳо маҷбур мешаванд ба корҳои ғайриқонунӣ, амалҳои duздӣ

ва фиребгарӣ ва дигар амалҳои ношоиста даст зананд. Бинобар ин, чун давлатҳои пешрафта ба ҷавонон бояд имкон дод, ки аз наврасӣ, албатта, пас аз мактаб иҷозат дода шавад, то ки ба коре ҷалб шаванд.

Дар шароити иҷтимоӣ –иқтисодии даврони иқтисоди бозорӣ ҳалли масъалаҳои тарбияи иқтисодӣ ниҳоят муҳим мебошад, зеро ҳаёт дар назди наврасон талаботи ҷиддӣ мегузорад. Тарбияи иқтисодӣ ин воситаи баланд бардоштани фарҳанги иқтисодии шахс ва ҷомеа мебошад. Он ба наврасон имконияти бештарро барои мавқеи фаъоли шаҳрвандиро ишғол намудан мусоидат менамояд. Ҳамчунон мутобиқ шудан, комёб гардиданро дар шароити душвори иҷтимоӣ-иқтисодии иқтисоди бозорӣ осон менамояд [2.28. с.12].

Дониши ибтидоиро кӯдакон дар хонавода мегиранд. Маъмулан яке аз вазифаҳои асосии хонавода ин фаъолияти хоҷагидорӣ-иқтисодӣ мебошад. Ин, албатта, мақсади асосии хонавода нест, аммо шарти зарурии ҳаёт ва инкишофи муносибатҳои хонаводагӣ мебошад.

Тарбияи иқтисодии хонаводагӣ якчанд хусусият ва бартариятҳоро доро мебошад. Ин тарбия ба обрӯи волидайн, неруи анъана ва одатҳои хонавода вобастагӣ дорад. Дар фарқият нисбат ба тарбияи мактабӣ, ки гурӯҳи калони кӯдаконро фаро мегирад, тарбия дар хонавода бевосита ба кӯдакони ин хонавода равона аст.

Тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода таъсири мақсадноки аъзои калонсоли он, тарзи ҳаёт дар ташаккули эҳтироми наврасон нисбат ба меҳнати шахсию ҷамъиятӣ дар ҳама шакл мебошад.

Вазифаи асосӣ омода сохтани наврасон ба ҳаёт ва шароити мавҷуд будаи иҷтимоӣ мебошад. Ин вазифа дар навбати худ ба чанд вазифаҳои алоҳида тақсим мешавад. Аввал ин, ки эътимоди наврасонро нисбат ба ягонагии манфиатҳои хонавода ва ҷомеа бояд ташаккул дод. Баъдан, наврасонро барои ташкили фаъолияти оқилонаи меҳнатӣ сафарбар намуд. Ҳамчунин наврасонро ба корҳои хоҷагидории хонавода, ба монанди тақсими воситаҳои пулӣ, ҷалб намуда, дар онҳо эҳтиромро нисбат ба моликияти шахсӣ ва ҷамъиятӣ бояд таълиму тарбия намуд.

Мазмуни тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода, асосан, ба ташаккули тафаккури иқтисодӣ, ки дар фаъолият ва рафтори иқтисодӣ аён мегардад, равона карда мешавад. Ташаккули ин сифатҳои барои шахсият муҳим буда, вазифаи калидии иҷтимоӣ –иқтисодӣ дониста мешавад.

Ҳар як амали волидайн, чи тавр бо ашё, бо пул ва дигар намуди моликият муносибат намудани онҳо барои наврасон намуна буда, ба онҳо таъсири калон мерасонад. Ҳамчунин, муҳити солими оила ва мавқеи он дар ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ низ барои наврасон намуна мегарданд.

Муносибати иқтисодӣ дар хонавода то андозае муносибатҳои иқтисодии ҷомеаро инъикос намуда, талаботи меҳнатӣ, моддӣ, молиявӣ ва манфиатҳои онро муайян менамояд. Назария, принсипҳои аҳли хонаводаро инъикос менамояд, муносибати онҳоро нисбат ба моликияти шахсӣ ва ҷамъиятӣ нишон медиҳанд, дар як вақт робитаи мустақилонаи ахлоқии волидайн ва фарзандонро нишон медиҳанд. Муносибати иқтисодӣ дар хонавода вобаста ба зиндагӣ ташаккул меёбад ва он на ҳамеша якхела аст. Барои мисол рӯзи зодрӯзи наврасро бинем. Чи қадар неру ва ташвиш барои ҷашнгирии он сарф мешавад. Дар хонавода ин рӯзи махсус аст. Бояд дарк намоем, ки зодрӯзи наврас ин танҳо ҷашн нест. Ин рӯзи наврас аст. Онро бояд чунон ҷашн гирифт, ки дар хотираи наврас солҳо ҳифз гардад. Бинобар ин, барои тайёрӣ ба ҷашн худи наврасро низ ҷалб кардан зарур аст. Бо духтар ё писар бояд машварат ороста, назари онҳоро доир ба чи гуна ҷашн гирифтани рӯзи зодрӯзашон ба эътибор гирифтан муҳим аст. Наврасро ба хариди маҳсулот, тайёр кардани нозу неъматҳои ҷашнӣ ҷалб кардан низ, албатта, натиҷаи хуб медиҳад. Ба наврасон озодӣ додан зарур аст, то ки онҳо дар гузаронидани ҷашн тасаввуроти эҷодии худро истифода намоянд. Ин ҷо бояд мутазаккир шуд, ки на худи ҷашн, балки омодагӣ ба он раванди эҷодӣ ва маҳорати меҳнатии наврасонро нишон медиҳад.

Аз масъалаҳои дигари умдае, ки дар тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода мусоидат менамояд ин ташкили фаъолияти меҳнатӣ мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки аксари волидайн меҳнати хоҷагидорӣ-маиширо хеле одӣ мешуморанд ва зарурияти ба кӯдак омӯзонидани онро инкор менамоянд. «Вақташ ояд худашон ёд мегиранд» ва ин ақидаи аксар волидайн аст. Он чизе барои калонсолон осон менамояд, барои кӯдакон ва наврасон хеле душвор мебошад. Масалан, рӯбучини манзил, муносибат ба либос, тайёр кардани хӯрок ҳам дониши муайян ва ҳам таҷрибаи амалиро тақозо менамоянд. Бинобари ин, суоле пеш меояд: “Оё зарур аст ба наврасон назорати фаъолияти худро омӯзонид”? Ҷавоб яктост. Барои ба наврас омӯзонидани масъулият, дақиқбинӣ, кордонӣ зарур аст ба онҳо роҳҳои дарки нодурустӣ, хатогӣ, норасоиро таълим дод.

Вазифаҳои ба фаъолияти хоҷагидорӣ алоқамандро волидайн ҳар соат, ҳар рӯз иҷро менамоянд. Зарур аст, ки банақшагирии тайёрӣ ба иҷрои кор таваҷҷуҳи наврасонро ҷалб намояд ва онҳоро низ ба ин кор ҷалб намудан натиҷаи талаби матлуби тарбияи иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Дар ин ҳол ҳаёти оянда ва фаъолияти меҳнатӣ барои наврасон осон мегардад. Барои ин волидайнро зарур аст вазифаҳои меҳнатии доимии наврасонро муайян намуда, дар муштаракӣ реҷаи рӯз ва роҳҳои беҳтари иҷрои амалу корҳоро равшан намоянд ва сифати иҷрои корҳои анҷом додаи наврасонро таҳти назорати доимӣ қарор диҳанд.

Яке аз самтҳои муҳими тарбияи иқтисодӣ дар хонавода ин муносибат нисбат ба истифодаи вақт мебошад. Волидайн ҳамеша бояд кӯшиш намоянд, ки вақт беҳуда сарф нашавад. Наврас ба хона соати 20:00 хеле хаста, ошуфта омад.. Маълум шуд, ки ӯ дарсҳояшро ҳоло тайёр накарда аст. Тамоми рӯз ӯ супоришҳои хонаводаро иҷро намудааст. Хоб зурӣ карда дарсҳо нотайёр монданд. Дар рӯзи дигар оромона бо наврас ҳамаи корҳои дар он рӯзи бебарор иҷро кардаашро таҳлил намуда, роҳҳои беҳтари иҷрои амалҳоро нишон додан низ натиҷаи хуб хоҳад дод.

Бучети хонавода ва даромад низ яке аз масъалаҳои қобили муҳокима мебошад. Аввалан, маош аз меҳнат, пардохти маблағи пулӣ аз фондҳои ҷамъиятиро (нафақа, идрор, кумакпулӣ барои кӯдак) ҳисоб карда, дар рӯзи муайян бо аҳли хонавода буҷети хонаводаро муқаррар намудан ба мақсад мувофиқ аст м. Аввал даромадро ҳисоб карда, сипас, хароҷотеро ба накша гирифтан зарур аст, ки бидуни хоҳиши аҳли хонавода сарф мегардад. Даромади хонаводаро ҳисоб карда, аъзои онро дар бораи хароҷот ошно намудан муҳим аст, барои наврасон чунин ҳисобу китоб мактаби хуби иқтисоди хонавода хоҳад шуд.

Волидайн аксар вақт наврасонро аз ҳаёти иқтисодии хонавода дур намуда, таъкид менамояд, ки сари наврасро бо проблемаҳои пулӣ чигил кардан на он қадар қобили қабул мебошад. Баъдтар, онҳо худашон эрод мегиранд, наврас ҳеҷ чизро намедонад, ҳеҷ чизро намефаҳмад ва дар оянда ӯ чи хел мустақилона зиндагӣ хоҳад кард.

Мавҷуд набудани таҷриба дар тақсимоти даромад ва ба хароҷоти хонавода иштирок накардан дар амаликунии буҷети хонавода ба он меорад, ки аксари ҷавонон дар зиндагӣ пешпо хӯрда, ба он номусаллаҳ қадам мегузоранд.

Ҳисобу китоби оқилонаи буҷети хонавода шарти асосӣ ва муҳими некуаҳволии хонавода, муҳити ороми психологӣ мебошад, зеро қонеъ намудани талабот дар ин ҳолат ба ҷангу низоъ анҷом мепазирад. Воқеан, тавассути ҷалб кардани наврасон ба тақсимоти буҷет ва дар онҳо тасаввурот ва рафтори иқтисодӣ падид гашта, наврасон бештар доир ба вазъи ҳаёти иқтисодӣ андеша мекунанд ва ҳамчун дар онҳо талаботи оқилонаю маҳорати истифодаи маблағи пулӣ инкишоф меёбад.

Муносибати одамон нисбати пул масъалаи хеле умда мебошад. Он дар ҳаёти одамон, чи хурдсолон, наврасон ва чи калонсолон нақши калидиро дорост. Аз чи бошад, ки маоши наврасон то ба ҳол мавриди баҳси муҳаққиқони гуногуни соҳа қарор дорад. Бисёриҳо ақида баён мекунанд, ки ба наврас комилан маблағи пулӣ дода нашавад. Асос

зараровар будани он аст. Пул дар дасти наврасон аз нигоҳи бисёр муҳаққиқон хатарнок аст. Пул талаботи носолимро дар наврасон ба вуҷуд меорад. «Кӯдак пулро саришта карда наметавонад»- мегӯяд аксари волидайн. Пул кӯдаконро ба амалҳои номатлуб, аз қабили майзадагӣ, истифодаи машрубот, маводи мухаддир мебарад. Аммо набояд чунин фикрро нисбати наврасон роҳ дод. Бисёр ҳолатҳое ҷой доранд, ки баръакси ин нуктаи назаранд. Наврасон, албатта, бисёр чизҳоро намедонанд ва наметавонанд, вале вазифаи волидайн ин тарбияи дурусти ба самти мусбат равонакунанда мебошад. Ба наврасон таҷрибаи худро омӯзонида, чи тавр пули ҳалол кор карданро ёд дода, дар навбати худ чи хел дурусту оқилона сарф кардани маблағи пулиро омӯзонидан маҳз вазифаи масъулятноки волидайн ба шумор меравад. Албатта, боиси таассуф мегардад, ки наврас маоши аввалини худро гирифта, онро пурра барои фароғати худ сарф карда, дигар аъзоёни хонаводаро фаромӯш мекунад. Бисёриҳо дар ин ҳолат дар он ақидаанд, ки наврасро бояд аз сарчашмаи пулӣ маҳрум кардан зарур аст, вале бояд шитоб накунем. Ин рафтори наврас бонги хатар аст ва ҳатман мудохила карда пеши роҳи хатогии наврасро гирифтан зарур мебошад. Ин рафтори наврас хатогии тарбияи иқтисодии волидайн маҳсуб меёбад.

Як лаҳзаи хеле муҳим дар тарбияи кӯдакону наврасон супоришест, ки ба наврас бовар карда, пулро ба ӯ медиҳанд. Наврасро барои харид фиристода мешавад ӯ бо нон бармегардад ва бақияи пулро дар болои миз мегузорад. Барои калонсолон ин одӣ намуда, барои наврас ин пирӯзӣ аз аст. Агар наврас ба меҳнати волидайн ҳисси эҳтиром дошта бошад, ба пули онҳо низ чунин муносибат мекунад. Наврас беиҷозат пули додашударо бемақсад сарф намекунад ва бақияи онро низ, албатта, пинҳон намекунад. Супориши бо пул алоқамандбуда ба наврас дода шуда, чи хеле ки қоида ва таҷрибаи тарбия тақозо мекунад, аз волидайн мушоҳидаи рафтори наврасро талаб мекунад [2.с.20].

Ҳолатҳое мешаванд, ки наврас бақияи пулро пинҳон мекунад.

Кӯшиши фиреб карданро мекунад. Бояд дар ин ҳолат тафтиш кард. Зарбулмасали машҳуре ҳаст: «Пул ҳисобро дӯст медорад». Албатта, ба наврас имкон додан лозим нест, ки фиреб диҳад. Агар наврас одат кардааст, ки ҳамаи корҳои хонаро ба ҷо орад, супориши ба пул алоқадошта ҳеҷ гуна оқибати бад нахоҳад овард.

Он чизе дар бораи маоши аввалини наврас муҳим аст, ин талаботи наврас нисбати имконияти воқеии ӯст. Наврас бояд ин ҳикмати мардумиро ҳар чӣ барвақттар дарк намояд: «ба курпачаат нигоҳ карда, поятро дароз кун». Ба наврас бояд таъкид кард, ки агар бештар мехоҳӣ омӯз, кор кун, зеро волидайн сарчашмаи қаноатманд кардани хоҳиш ва талабот нестанд.

Мо таъкид менамоем, ки меҳнати наврасонро ташкил кардан зарур аст. Вале ин чи хел меҳнате мешавад, ки пардохти маош надорад, зеро подоши меҳнат маош аст. Ин талаботи сарқонун, қоида аст ва онро бояд иҷро намуд. Аммо чи хел масраф шудани маблағи пулӣ аз тарафи наврас ин тақозои тарбияи иқтисодии хонавода мебошад. Дар ин мавриди таълими ахлоқӣ ва иқтисодӣ, ҳамчунин фарҳанги масрафи маблағи пулӣ роҳи дурусти тарбияи иқтисодии наврасон дар муносибат ба маблағи пулӣ мебошад. Маблағсарфкунии наврас бояд зери назорат ҷиддии волидайн қарор гирад. Бояд назорати ҷиддӣ бошад, на шубҳанок.

Назоратро ба дараҷаи ифрот расонидан лозим нест. Киссаҳо ва ҷувздони наврасро кофтуков намуда, ӯро таҳқир кардан, албатта, аз ҷиҳати равонӣ ба наврас таъсири манфӣ хоҳад гузошт. Чунин муносибат акси ҳол дар наврас фиребгарӣ, бевиҷдонӣ, тамаъро инкишоф медиҳад. Вақте ки мушоҳид мешавем наврас маблағро бо роҳи фиреб ба даст овардааст, пеш аз ҳама сарчашмаи маблағро муайян кардан лозим аст ва бозгардонидани маблағро ба соҳибаш аз наврас талаб кардан зарур аст. Агар бозгардонидани маблағ имконпазир набошад, масрафи маблағро ба наврас манъ кардан лозим аст.

Наврас ва пул олоти мулоими тарбия мебошанд ва хеле инҷо

боэҳтиёт будан қобили қабул аст. Наврас дар зери таъсири меҳнати ҷамъиятии пурмаҳсул ба балоғат мерасад ва танҳо маслиҳати волидайн ҳамчун ашхоси ботаҷриба дар ин ҷода ба ӯ кумак карда метавонад [2.125,с.34].

Вазъияти иҷтимоиву иқтисодии имрӯза шароити номусоидро барои инкишофи ахлоқии наврас муҳайё менамояд. Тамоюли прагматикӣ, ки дар шароити рақобат ва муносибатҳои бозорӣ ногузир ташаккул меёбад, наврасонро водор месозад, ки барои маблағи пулӣ ба даст овардан кор кунанд, кӯшиш ба харҷ диҳанд, то ки озод ва мустақил бошанд. Хеле фаҳмо аст, ки дар шароити сатҳи пасти дониши умумӣ ва иқтисодӣ чунин саъю андеша ба буҳрони ахлоқӣ меоварад, тамоюли арзишҳоро дар овони наврасӣ шикаст медиҳад. Муносибати муассисаҳои ҷамьиятӣ, ки муносибати носолимро нисбат ба ҷалб намудани наврасон ба меҳнат ва рад намудани ҷалби наврасон ба меҳнати ҷамъиятӣ ташкил мекунад, ба изтироби махсус меоварад. Проблемаи тарбияи иқтисодӣ якҷоя бо проблемаи тарбияи меҳнатӣ ҳалли худро пайдо мекунад. Ҷои тасодуф нест, ки дар баробари ҳалли проблемаи иқтисодӣ ҳалли ногузири проблемаи меҳнатӣ ба миён меояд.

Ба иқтисодиёт ҷалб намудани наврасон маърифати ибтидоии иқтисодӣ ҳамчун омили муҳим барои иҷтимоикунонии иқтисодӣ ба шумор рафта, ба муносибати наврас нисбати арзишҳои моддиву маънавӣ таъсири аниқ мегузорад ва, умуман, ба ташаккули шахсияти наврас мусоидат мекунад.

Тарбияи иқтисодӣ ва маърифати иқтисодӣ ба иҷтимоикунонии наврасон мусоидат менамоянд, ба ҳаёти болиғ гузаштанро осон мегардонанд ва мутаносибан ба муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҳамвора ворид мешаванд.

Заминаҳои тарбияи иқтисодӣ дар фаъолияти гуногун ташаккул меёбад, алалхусус, вақте ки мураббӣ бо мақсади амиқ вазифаҳои тарбияи иқтисодиро ҳал менамояд. Масалан, риёзиёт, бозиҳои эҷодӣ ва диктант, дарсҳои шиносшавӣ бо зуҳуроти воқеияти иҷтимоӣ барои ташаккули

заминаҳои тарбияи иқтисодии наврас шароити мусоид фароҳам меоварад.

Омӯзиши асосҳои фарҳанги иқтисодиро хеле барвақт бояд оғоз намуд, зеро ин ба инкишофи наврас таъсири муҳим мегузорад. Он, ҳамчунон, ба ташаккули шахсияти фаъолу масъулиятнок дар ҳаёти воқеи мусоидат менамояд. Оянда аз имрӯз фарқ хоҳад кард, бинобар ин, аз имрӯз наврас бояд муносибат бо пул, тасаввурот дар бораи буҷети хонавода ва мактаб, нархи маҳсулот, аз чи вобаста будани нархи маҳсулот, чи хел ҷамъ гардидани сарват, сарчашмаи сарват ва неъматҳои моддиро бояд донад. Аз ин рӯ, дар мавриди тарбияи иқтисодии наврас усул ва роҳҳои гуногунро мавриди истифода қарор додан лозим аст.

Дигаргуниҳои шароити иҷтимоиву иқтисодии кишвар зарурияти ба меҳнати фаъол омода намудани ҷавононро тақозо менамояд. Зеро дар муносибатҳои тезутунди иқтисоди бозорӣ шахсиятҳое ба ҳаёт мутобиқ шуда метавонанд, ки дониши кофии иқтисодӣ, салоҳият, маҳорату малакаи иқтисодӣ доранд. Зуд қарор қабул карда метавонанд ва мувофиқи талаботи замон вазифаҳоро ҳал мекунанд.

Иқтисоди бозорӣ аз тамоми аҳолӣ дониши иқтисодиро талаб менамояд, бинобар ин, аз хурдсолӣ шахсияти ба ҷомеа, муносибатҳои тезутунди иқтисодиву иҷтимоӣ омодаро тарбия намудан лозим аст.

Муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ба фаъолияти маишии хонаводагии одамон низ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Омода набудан ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ анъанаи шароити хонаводагиро вайрон мекунад. Хонавода наметавонад намуди нави хоҷагидориро дар дараҷаи маишати хонаводагӣ ба насли наврас омӯзонад.

Дар ташаккули дониш ва маҳорати хоҷагидорӣ, қобилияти мустақилона қарори дахлдор баровардан дар доираи муносибатҳои бозорӣ масъулияти бештар пас аз хонавода бар дӯши муассисаҳои таълимӣ вогузор аст.

Тарбияи иқтисодии наврасон ба кушодани имконияти шахсии насли наврас, яъне ба ташаккули меҳнатдӯстӣ, сарфакорӣ, соҳибкорӣ, масъулиятшиносӣ равона карда мешавад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ аломатҳои асоси ва муҳим озодона самт гирифтан ва мутобиқ шудани наврасон ба механизмҳои иқтисодии идора кардани бозор мебошад. Имрӯз ҳеҷ кас рад намекунад, ки донишҳои иқтисодӣ барои ҳама заруранд. Донишҳои иқтисодӣ ҳаматарафаанд ва дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсонӣ мавриди истифода қарор мегиранд, зеро ҳар яки мо, ҳам истеҳсолкунанда ва ҳам истеъмолкунанда ва ҳам шаҳрванд мебошем. Бинобар ин, зарурияти тарбияи иқтисодӣ ва аз худ кардани дониш, маҳорату малакаи иқтисодӣ талаботи замони бозорӣ маҳсуб меёбад. Аз чи гуна ба донишҳои иқтисодӣ омода ва мусаллаҳ будани насли наврас дар ҳаёти ояндаи онҳо муайян мегардад.

Инкишофи наврасон бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи тарбияи иқтисодӣ масъалаи ҳам хонавода ва ҳам дигар институтҳои ҷамъиятии тарбиявӣ мебошад.

Масъалаи муҳим дар инкишофи ин муносибатҳо ташаккули қобилияти наврасон вобаста ба тафаккури эҷодии мустақил ва инкишофи шуури иҷтимоиву иқтисодии наврасон ба шумор меравад. Ҳамзамон, қобилияти дар боло номбаршуда бояд бо қонунҳои иқтисодии мавҷуда ва меъёрҳои рафтор мутобиқ бошанд [2.19, с.33].

Шахсро аз синну соли барвақтӣ ба раванди тарбияи иқтисодӣ ҷалб намудан зарур аст, зеро аз ҳамин синну сол таҳкурсӣ барои ташаккули ояндаи шахсият гузошта мешавад. Раванди ба тарбияи иқтисодӣ ҷалб кардани наврасон бояд мақсаднок бошад. Он на танҳо аз муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ вобаста аст, балки нақши хонавода дар ин самт ниҳоят калон мебошад. Масъалаи муҳими дигар дар ин самт, ба назар гирифтани махсусияти синну соли наврасон маҳсуб меёбад.

Омӯзиши махсусияти синну соли наврасон хеле фарох буда, он дар корҳои муҳаққиқони рус ва аврупоӣ, аз қабили Л.И.Бонсович, Л.С.Виготский, К.Должинин, Г.В.Драгунов, И.С.Кон, Ф.Райс ва дигарон хеле муфассал ва ҳаматарафа таҳқиқ гардидааст [2.23.с.76].

Масъалаи ҷанбаи биологии инкишофи наврасон ва нақши ин ҷанба дар адабиёти илмӣ бо мафҳуми «пубертат» ишора гардидааст. Давраи «пубертатӣ» ин давраи ба балоғат расидани наврасон мебошад [2.15].

Дар ҷанбаи психологӣ бошад дар ин давра омилҳои иҷтимоиву психологӣ дар наврасон ташаккул меёбад. Хусусиятҳои хоси ин синну солро дар наврасон мушоҳида менамоем. Онҳо дар ин вақт хеле фаъол гашта, зуд хаста мешаванд. Хастагӣ онҳоро зуд фаро мегирад, бинобар ин, дар раванди таълим фаъолияти бетанаффус маслиҳат дода намешавад, зеро фаъолияти бетанаффус ба пастшавии дараҷаи таълим боис мегардад. Бо зиёд шудани ҳаяҷон худидоракунии наврасон аз байн меравад.

Нооромии эмотсионалӣ ва зуд хасташавӣ ба маҳсулнокии фаъолият таъсири манфӣ мерасонад. Дар ин давра иҷрои корҳои якранг барои наврасон дилгиркунанда мешавад. Чунончи, дар вақти иҷрои корҳои якранг наврасон дар 8-10 дақиқа дилгир мешаванд, ҳол он ки дар калонсолон ин вақт 40-50 дақиқаро ташкил медиҳад.

Раванди ба балоғатрасии наврасон ба нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳо низ таъсири махсус мерасонад. Дар натиҷаи гузариши наврасон ба сатҳи нави соҳаи шахсият талаботи онҳо бо назардошти чунин омилҳо инкишоф меёбад:

- ташаккули ҳавасмандӣ ва талабот, беихтиёр ва бошуурона идора кардани ҳавасмандӣ ва талабот;

- пайдошавии ҳавасмандӣ ва талабот ба балоғати ҷинсии вобастабуда;

- пайдошавии дигар ҳавасмандиҳое, ки аз дигар давраҳои ҳаётӣ фарқ мекунанд (муошират бо ҳамсолон, муҳаббат ва ғайра);

- ташаккули худшиносӣ (талабот ба худтаъкидкунӣ, ташаккули худбаходиҳӣ);

- инкишоф ва ивазшавии ҳавасмандкунӣ ба донишазхудкунӣ.

Дигаргунии муҳими ин давраи наврасон ба инкишоф ва ташаккули дараҷаи нави худшиносӣ вобаста мебошад. Кӯшиши шинохтану фаҳмидани худ, ба қобилияту имконияти худ баҳо додан, худро бо дигарон муқоиса намудан асоси инкишофи шахсияти наврас ба ҳисоб мераванд.

Дар ин давра тасаввуроти аниқ дар бораи комёб ё ноком будан дар ягон соҳаи фаъолият дар шахсияти наврас пайдо мешавад. Аз рӯйи таҳқиқоти муҳаққиқон дар тамоми давраи пубертӣ наврасон рӯҳияи худро дар мактаб хуб меҳисобанд ва ба раванди таълимӣ оромона муносибат менамоянд.

Дар синну соли наврасӣ дар ҳавасмандии таълимӣ накши муҳимро баҳо («ҳукми омӯзгор») мебозад. Ҳамчунон, нақши муҳимро худи омӯзгор мебозад, зеро дар ин давра тақлид дар наврасон нақши муҳим дорад.

Дар ин давра наврас банақшагирии ҳаётиояндаи худро оғоз менамояд, мақсадҳои олии худро дар зиндагӣ ҷустуҷӯ мекунад.

Ба ҳамин тариқ, махсусияти синнусолии характерноки наврасон дар чунин аломатҳо зуҳур меёбанд:

- инкишофи босуръати ҷисмонӣ (балоғати ҷинсӣ), ки боиси дигаргуниҳои эмотсионалӣ - иродавӣ, ҳавасмандӣ - талаботӣ, фаъолияти таълимӣ мегарданд;

- инкишофи худшиносӣ, зуҳур кардани таваҷҷуҳ ба шахсияти худ, муайян кардани қобилият ва имкониятҳои худ;

- дигаргун шудани фаъолияти маърифатӣ;

- ба ҳамсолон, калонсолон тақлид кардан;

- ба зоҳири худ, қобилият ва сифатҳои худ бо такя ба «шахсияти идеалӣ» баҳо додан.

Давраи наврасӣ, ҳамчун, даврае махсуб меёбад, ки дар худ мазмуни ҷанбаҳои психологӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ, ҳамчунон ҷисмонии ба балоғатрасиро дар бар мегирад. Наврасон на ҳама вақт дар ҷомеа нақши худро доранд. Онҳо дар давраи байни кӯдакӣ ва калонсолӣ қарор гирифтаанд. Бинобар ин, барои натиҷаи мусбат ба даст овардан дар тарбияи иқтисодии наврасон чунин махсусиятҳои синнусолиро ба назар гирифтан ҷоиз аст.

Дар нақшаи психологӣ омилҳои муқоисакунии иҷтимоӣ, контексти иҷтимоию маданӣ ва одатҳои иҷтимоиро ба назар гирифтан лозим мебошад.

Дар нақшаи зеҳнӣ бояд қобилияти муҳокимаронӣ ва азхудкунии мафҳумҳои навро дар мадди назар гирифт. Ин нишон медиҳад, ки наврасон маводи пешниҳодшударо пурра аз худ карда метавонанд.

Барои ҷорӣ намудани фаъолияти амалӣ барои наврасон бояд фаъолияти гуногунро истифода намуд, ки меҳнат дар байни ин фаъолиятҳо бояд нақши асосӣ дошта бошад.

Инкишофи таваҷҷуҳи наврас ба дониш, маҳорату малакаҳои нав омӯзгоронро водор месозад, ки донишу маҳорат ва мафҳумҳои иқтисодиро дар раванди таълим васеъ истифода баранд.

Дар ҳавасмандии наврасон нақши муҳимро шахсиятҳо мебозанд ва дар ин ҷо шахсияти мусбати омӯзгор, волидайн ба наврасон таъсири назаррас мерасонанд.

Дар шароити буҳрони иқтисодӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва дигаргуниҳои азим дар ҷомеаи имрӯза ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ мубрамияти тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода ва муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ афзудааст. Тарбияи иқтисодии наврасон на танҳо ташаккули хислатҳои кордонӣ, сарфакорӣ, соҳибкорӣ, аниқкориро дар бар мегирад, балки азхудкунии дониши васеи ба масъалаҳои моликият, фаъолияти соҳибкорӣ мансуббуда низ дар мадди назар меистад. Имрӯз наврас бояд донад, ки аз куҷо буҷети хонаводагӣ ба даст оварда

мешавад, нархи маҳсулот чи гуна ҳаст, аз чи вобаста аст, чи тавр волидайн маблағи пулиро ба даст меорад.

Наврасон бояд дар бораи касбҳои ба иқтисодиёт вобаста буда, ба монанди иқтисодчӣ, мутахассиси соҳаи молия, муҳосиб ва ғайра маълумот дошта ба онҳо бояд фаҳмонд, ки қисми маош барои андоз гирифта мешавад. Чунончӣ, ҷавонеро дар мағозае ба кор қабул намуданд, вақти гирифтани маош ӯ дид, ки маблағ нисбат ба қарордод камтар аст. бо муҳосиб ба баҳс даромад. Ҳарчанд муҳосиб ба корманд мефаҳмонд, ки қисми маош ба андоз мегузарад ва насиб карда бошад, дар пиронсолӣ он ба шумо ба ҳайси нафақа бармегардад, вале ҷавон исрор мекард, ки шояд ман ба пиронсолӣ нарасам, бинобар ин маблағамро пурра пардохт намоед. Яъне чунин ҳолатҳо ҳангоми надоштани дониши иқтисодӣ ба амал меоянд.

Таваҷҷуҳи кам нисбат ба тарбияи иқтисодӣ ба бесаводии иқтисодии наврасон боис мегардад. Ин аст, ки дар интихоби касби оянда, новобаста аз шавқмандӣ, қобилият, талабот ва эътиқоди худ ба хатоиҳо роҳ медиҳанд.

Барои он ки наврас касбиояндаи худро дуруст интихоб кунад, бояд тарғиби тарбияи иқтисодӣ дар хонавода ва тавассути Воситаҳои ахбори омма бештар ба роҳ монда шавад.

Наврасон бояд донанд, ки бозор чи хел кор мекунад, талабот чист, даромад ва хароҷот чи гуна аст, кредит (қарз) чист. Наврас тавассути Воситаҳои ахбори омма дар бораи мафҳумҳои душворфаҳми иқтисодӣ, коғазҳои қиматбаҳо, саҳм (аксия), биржа, (ширкат)фирма ва ғайра маълумот мегирад.

Ба наврасон ба қадри ҳол дар шакли фаҳмо мафҳумҳоро шарҳ додан зарур аст. Инчунин, ба наврас барои васеъ кардани саводи иқтисодиаш кумак расонидан лозим аст. Таваҷҷуҳи ӯро ба масъалахои иқтисодӣ ва, умуман, ба илми иқтисодиёт бояд равона намуд.

Ба роҳ мондани тарбияи иқтисодӣ дар хонавода ва муассисаи таҳсилотӣ барои он муҳим аст, ки тақдириояндаи кишвар дар

иқтисодиёти бозорӣ дар дасти насли аз ҷиҳати иқтисодӣ тарбиядида ва ташаккулёфта бошад.

Тарбияи иқтисодӣ ин таъсири бонизому мақсадноки ҷомеа ба инсон барои ташаккули дониш, маҳорат, малака, талабот ва дигар сифатҳои психологиву иҷтимоӣ мебошад. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки дараҷаи тафаккур ва фаъолияти мақсадноки тарбияи иқтисодии корӣ ба талаботи иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ бошад.

Дар шароити дигаргунии иқтисодии имрӯза ҳатто мутобиқшавии насли калонсол ба ҳаёти воқеии ҷомеа душвор аст. Наврасон бо душвории зиёдтар ба мутобиқшавӣ дучор меоянд. Дигаргунии вазъияти иқтисодиву иҷтимоӣ дар кишвар шахсро бо душворҳои ҷиддии психологӣ, ба ивазшавии раванди шуури ҷамъиятӣ рӯ ба рӯ кардааст. Наврасон боз дар ҳолати душвортар қарор доранд. Бинобар ин, тарбияи иқтисодии мақсаднок роҳи ҳалли мушкилот мебошад.

Ташаккули арзишҳои иқтисодӣ ба наврасон имкон медиҳад, ки онҳо ба шароити дигаргуншуда мутобиқ шаванд, касби ояндаи худро оқилона интихоб намоянд.

Аз ин хотир, зарурияти тарбияи иқтисодӣ дар он зуҳур меёбад, ки ба наврасон барои мутобиқшавӣ ба дигаргуниҳои бузурги иҷтимоиву иқтисодӣ кумак намуда, дар оянда барои ташаккули сифатҳои муҳими замони иқтисоди бозорӣ, ба монанди фаъолнокӣ, мустақилият, салоҳиятмандӣ, кордонӣ, масъулиятнокӣ кӯшиш намудан лозим аст.

Тарбияи иқтисодӣ барои наврасон барои инкишофи тафаккури иқтисодӣ, ки дар замони иқтисоди бозорӣ хеле муҳим дониста мешавад, зарур аст.

Иқтисоди бозорӣ, ки асоси муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодии кишвари моро ташкил медиҳанд, мустақилияти иҷтимоиро дар мадди аввал мегузорад. Ҳар кас ҳуқуки интихоб ва масъулият барои беҳтар кардани некуаҳволии худро дорад. Дар айни ҳол, аз ҳама сифатҳои муҳим барои ба мақсад расидан ин фардият, ба неруи зеҳнии худ такя кардан, қобилият, ташаббус, эҷод ва суботкорӣ мебошанд.

Имрӯз дар атрофи бозор, муносибатҳои бозорӣ суханҳои бисёр гуфта мешаванд ва ин суханҳо тамоми ҷомеаро фаро гирифтааст. Воқеан, ҷоришавии муносибатҳои бозорӣ дар кишвар дар назди хонавода ва муассисахои таҳсилотӣ вазифаи пурмасъулро дар кори тарбияи наврасон мегузорад. Аз чи гуна тарбия кардани наврасон баояндаи кишвар вобаста аст.

Донишҳои иқтисодӣ на танҳо барои онҳое, ки мехоҳанд соҳибкор шаванд, заруранд, балки саводнокии воқеии иқтисодӣ барои ҳар як шахс зарур аст. Бе ин ҳаёту мушкилиҳои маишии худро ба танзим даровардан душвор аст.

Тарбия дар мазмуни васеъ таъсири маҷмуи муносибатҳои ҷомеавӣ ба инсон аст. Ин раванди интиқоли дониш тарбияи насли калонсол ба насли наврас мебошад. Насли наврас бояд таҷрибаву донишро барои ба ҳаёти ҳаррӯза мутобиқ шудан аз худ намояд.

Дар зери мафҳуми таҷриба дониш, маҳорат, малака, усули тафаккур, меъёрҳои ахлоқии зебоипарастӣ, ҳуқуқӣ, меҳнатӣ ва дигар меъёрҳои анъанавии дар раванди инкишофи таърихӣ бадастомада фаҳмида мешавад. Мақсади асосӣ барои насли наврас азхудкунии ин таҷриба мебошад.

Тарбия дар фаҳмиши содаи иҷтимоӣ раванди таъсир ба инсон аз тарафи мураббӣ, омӯзгор, хонавода, коллективҳои меҳнатӣ, Воситаҳои ахбори омма, санъат, адабиёт бо мақсади ба ӯ омӯзонидани мафҳумҳо, меъёрҳо, таҷрибаи ҳаётӣ, ташаккули ақида, эътиқод, арзишҳои ахлоқӣ, самтгирии сиёсӣ, омода сохтан ба ҳаёт мебошад.

Тарбияи иқтисодӣ намуди махсуси тарбия ба шумор меравад. Вай барои мавҷудияти шахс дар соҳаи ҳаёти инсонӣ, яъне иқтисодиёт, новобаста аз синну сол, ҷинс, ҷои истиқомат зарур аст.

Тарбияи иқтисодӣ инкишофи тафаккури иқтисодӣ, ташаккули хислатҳои иқтисодӣ ва ахлоқиро, ки дар раванди фаъолияти иқтисодӣ заруранд, таъмин менамояд. Сифатҳои фаъолнокии ҷамъиятӣ, соҳибкорӣ, муносибатҳои сарфакорӣ ва поквиҷдонӣ нибат ба арзишҳои

моддию маънавии ҷомеа, аз ҷумлаи вазифаҳои тарбияи иқтисодӣ ба шумор меравaнд.

Дар ҷомеаи имрӯза таҳкурсӣ барои истифодаи меҳнати наврасон мавҷуд нест ва ин ҳолат ба меҳнат ҷалб кардани наврасонро душвор мегардонад. Аз ин хотир, тарбияро барои азхудкунии донишҳои иқтисодӣ дар байни хонаводаҳо бояд зиёд намуд, то ки волидайн тавонанд шаклҳо ва методҳои тарбияи иқтисодиро аз худ кунанд.

Дониши асосҳои иқтисоди бозорӣ ҳам барои истеъмолкунандагон ва ҳам барои истеҳсолкунандагони неъматҳои моддӣ зарур аст, дар иқтисодиёт қонунҳои иқтисодӣ ҳукмронанд ва рафтори одамон дар бештари маврид аз он вобаста аст. Аз чи гуна ҳал намудани масъалаҳои иқтисодӣ, чи гуна истифода бурдани амалҳо барои ҳалли ин масъалаҳо, натиҷаи мақсадҳои ниҳоиро муайян мекунанд. Шахси аз ҷиҳати иқтисодӣ тарбияёфта, амалҳои босаводонаи иқтисодиро роҳандозӣ мекунад, ба дигар иштирокчиёни ҳамкории мутақобилаи бозорӣ ва, умуман, равандҳои иқтисодӣ таъсир мерасонад.

Тарбияи иқтисодӣ фаъолияти муташаккили педагогӣ буда, ба самти ташаккули шуури иқтисодии наврасон равона аст.

Муваффақияти маърифатии иқтисодӣ, пеш аз ҳама, ба истифодаи корҳои тарбиявӣ вобаста аст. Азбаски ҳоло маърифати иқтисодӣ асоси фаъолияти тарбиявии омӯзгоронро ташкил медиҳад, бояд роҳҳо ва методҳои дигарро ҷустуҷӯ намоем. Таваҷҷуҳи нокифоя ба тарбияи иқтисодӣ ба он меорад, ки наврасон аз ҷиҳати иқтисодӣ бехабар мемонанд ё кам огоҳ мешаванд, касбиояндаи худро интихоб карда наметавонанд, қобилият ва талаботи худро муайян карда наметавонанд.

Барои бартараф карадни камбудиҳои ҷойдошта тарғиби донишҳои иқтисодиро ҳам дар хонавода ва ҳам дар муассисаҳои таҳсилотӣ бештар намудан лозим аст.

Кӯдак ё наврас бояд донад, ки волидайн ӯро, новобаста ба комёбӣ ва нокомӣ дар таълиму, тарбия, дӯст медоранд. Барои фарзандон бояд

муҳаббатро собит намуд. Наврасон ҳамеша кӯшиш менамоянд, ки ҳусни таваҷҷуҳи калонсолон нисбат ба онҳо бештар бошад. Ҳар як волидайн бояд дар хотир гиранд, ки дар тарбияи хонаводагӣ хиссиёт ва эҳсосот дар мадди аввал гузошта мешавад. Волидайн набояд танҳо ба фарзандон баҳо диҳанд, балки нисбати онҳо меҳру муҳаббат бояд дошта бошанд. Агар волидайн воқеан фарзандони худро дӯст доранд, ҳеҷ гоҳ хислатҳои бади онҳоро таҳаммул намекунанд. Зеро ба наврасон иҷозати ҳама амалро зери пардаи муҳаббат додан ин характери сустиродагӣ аст.

Тарбияи хонаводагӣ ба наврас имкон медиҳад, ки дониши ибтидоиро роҷеъ ба дунёе, ки дар он зиндагӣ мекунад, аз худ намояд. Ӯ мафҳуми хуб ё бадро меомӯзад ва дар кадом лаҳза чи хел амал карданро низ тарбияи хонаводагӣ ба наврас медиҳад.

Тарбияи хонаводагӣ ба наврас имкон медиҳад, ки малакаи ибтидоии муоширатро ёд гирад, муносибат бо коллективро, гарчанде ки он коллектив аз ду ё чор нафар иборат бошанд ҳам, омӯзад. Бинобар ин, хеле муҳим аст, ки наврас ҳам бародар ва ҳам хоҳар дошта бошад. Бештар фарзандони хонаводаҳои серфарзанд ба ҳаёт ба таври осон мутобиқ мешаванд. Ба чунин тадбири хонаводагӣ унвони «мактаби ҳаёт»-ро додан мумкин аст. Яке аз бартарияти мусбати тарбияи хонаводагӣ дар он аст, ки наврас бо шахсони синну соли гуногун муошират менамояд. Ӯ муносибат карданро на танҳо бо шахсони характери гуногун дошта, балки бо шахсони синну соли гуногун меомӯзад.

Тарбияи хонаводагӣ наврасро ба ҳаёт омода месозад. Дар ҳар як хонавода хусусият, роҳу равиш ва анъанаҳои тарбиявии хоси он мавҷуданд. Ин ҷо ба ҳама як хел маслиҳат дода намешавад, зеро синну сол, вазъ ва сатҳи иҷтимоии хонаводаҳо гуногунанд ва тарбияи хонаводагӣ қоидаҳои махсуси худро дорад.

Қоидаҳои тарбияи хонаводагӣ чунинанд:

- тарбияи хонаводагӣ фазои муҳаббат, хушбахтӣ, самимият ва некхоҳиро бояд доро бошад;

- волидайн фарзандро чи хеле ки ҳаст, бояд қабул намоянд, ӯро инкишоф дода, дар ӯ хислатҳои беҳтарро ташаккул диҳанд;

- тарбияи хонаводагӣ махсусиятҳои синну солӣ, гендерии шахсиро бояд ба ҳисоб гирад;

- тарбияи хонаводагӣ бояд дар эҳтироми аъзои хонавода бунёд гардад;

- мушкилоти тарбияи хонаводагӣ на дар фарзанд, балки бештар дар волидайн вуҷуд доранд, зеро кӯдакону наврасон бештар ба тақлид майл доранд;

-тарбия бештар бояд ба хислатҳои мусбати фарзанд равона карда шавад. Тарбияи яктарафаи наврас муносибати нодуруст буда, оқибат барои пушаймонӣ меорад ;

- дар тарбияи хонаводагӣ бояд чунин асос ҳукмфармо бошад: таълим, ҷидду ҷаҳд, диққат ва маърифати тарбиявӣ ба инкишофи наврас равона гардида, бояд дар шакли бозӣ амалӣ гарданд;

- оҳанги тарбияи хонаводагӣ бояд мусбат ва мусоидтарин бошад.

Мушкилот ва омилҳои манфии тарбияи хонаводагӣ метавонад мушкилихои асосии ҷомеае бошад, ки хонавода дар он ҳаёт ба сар мебарад. Агар мо тарбияи фарзандро дар дараҷаи зарурӣ ба роҳ намонем, онро ба дигарон ҳавола намоем, мо бо дасти худ ояндаи бадеро месозем. Аксари волидайн тарбияро ба уҳдаи дигарон ҳавола мекунанд ва аз тарбияи фарзандон худро дар канор мегиранд. Таъсири аҳли хонавода ба наврас хеле зиёд ва ҳалкунанда мебошад. Дар таълиму тарбияи хонаводагӣ баъзе омилҳои манфие дида мешавад, ки онҳо садди тарбияи дуруст дидани наврасон мегардад:

- омили моддӣ дар тарбияи хонаводагӣ хеле мухим мебошад. Дар хонаводаи сарватманд арзишҳои моддӣ аз арзишҳои маънавӣ болотар гузошта мешавад;

- тарбияи хонаводагӣ арзиши худро гум мекунад, дар ҳолате ки волидайн худ аз маънавиёт дур ва арзишҳои маънавиро ба фарзандонашон низ манъ мекунанд;

- ду тарафи як танга, яъне бахшидан ва ҳукмравоӣ низ ба манфиати тарбия монеаи асосӣ мешаванд;

- комилан дар тарбияи хонаводагӣ бадахлоқиро роҳ додан ва дар тасаввуроти наврасон рафтори бадхоҳонаро тавсиф намудан низ омили номақбули тарбия ба шумор меравад;

- фазои психологии вазнин дар хонавода, ки он ҷо байни аъзоёни хонавода низову хархаша ҷой дорад, ба наврасон таъсири бадипсихологӣ мегузорад.

Дар ташаккули шахсият нақши хонавода дар ҷомеа ба ягон институтҳои иҷтимоӣ баробар карда намешавад. Хонавода ҳамчун институти ибтидоии тарбия буда, ахлоқи аъзоёни он дар тамоми фарзандон ҳис карда мешавад.

Воқеан дар хонавода асосҳои ахлоқии инсон поягузорӣ мешавад, меъёрҳои рафтор ташаккул меёбад, ботини наврас ва хислатҳои инфиродии ӯ ошкор мегарданд. Инсон ҳамон вақт дар ҷомеа арзиш пайдо мекунад, ки агар шахсият бошад. Барои ин таъсири мақсаднок ва системавии хонавода заруранд. Маҳз хонавода бо имкониятҳои худ ба наврас таъсир расонида, характерро ташаккул медиҳад, эътиқод, назар ва ҷаҳонбинии наврасро ташаккул медиҳад. Бинобар ин, вазифаи тарбияи хонаводагиро ҳамчун асоси мазмуни тарбияи ҷамъиятӣ қабул кардан зарур аст.

Моҳият ва вазифаи иқтисодии хонавода дар он аст, ки истеъмолоти фарзандонро дар давраи хурдсолӣ то ба меҳнат фаро гирифтанашон таъмин намоянд. Як ҳақиқатро набояд фаромӯш кард, ки наврасро шахсият кардан ин вазифаи ҷиддии хонавода буда,  набояд ба он монеъ шуд, ки наврас худ ба сӯйи шахсияти воқеӣ шудан ҳаракат кунад.

Қоидаҳои асосӣ ва муҳиме, ки дар тарбияи хонаводагӣ дар madди назар гузошта мешавад, ин инкишофи пайдарпай ва ҳаматарафаи шахсияти наврас мебошад.

Мо назари чанде аз муҳаққиқони ватанию хориҷиро барои муқоисаи дараҷаи тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода мавриди таҳқиқу таҳлил қарор додем. Зеро таҷрибаи мамолики пешрафта дар ин масъала хеле муҳим аст ва кишвари мо, ки акнун ба муносибатҳои бозорӣ рӯ ба рӯ шуда истодааст, дар масоили тарбияи иқтисодии хонаводагӣ ба мушкилоти зиёде дучор меояд.

Муҳаққиқи амрикоӣ Екатерина Хертог ва муҳаққиқи ҷопонӣ Мужи Чжоу, ки ба масоили тарбияи хонаводагӣ дар Ҷопон машғул шудаанд, дар ин маврид ақидаҳои ҷолиберо иброз доштаанд [2.140, с.225] .

Ҷопон кишвари хеле пешрафта буда, аз соҳаи маориф яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Маълумоти миёна барои ҳамаи аҳолӣ дастрас ва ҳатмист. Бештари занҳо ва мардҳо маълумоти олӣ доранд. Тарбияи хонаводагӣ дар ҳама ҷабҳа хеле хуб ба роҳ монда шудааст, зеро бо ақидаи муҳаққиқони маэкур дараҷаи некуаҳволии хонавода, фазои ороми психологӣ таъмини моддиёт ва дараҷаи баланди маърифат ва маънавиёти хонаводагӣ ба тарбияи иқтисодӣ ва ахлоқии наврасон таъсири муҳим мегузорад. Он хонаводаҳое, ки аз ҷиҳати иҷтимоиву иқтисодӣ мушкилоти зиёд доранд дар тарбияи фарзандон ба душворҳои зиёд дучоранд [2. 140, с.226].

Ба гуфти муҳаққиқони номбурда, наврасоне, ки дар хонаводаҳои аз ҷиҳати моддӣ ва молиявӣ таъмин ба воя мерасанд, вақти зиёди худро ба таълим сарф мекунанд ва аз тарбияи ахлоқӣ, маърифатӣ, иқтисодии хонаводагӣ бархӯрдоранд. Муҳаққиқон иброз медоранд, ки аз вазъи иҷтимоиву иқтисодии хонавода ояндаи иқтисодии ҷомеа вобаста аст, зеро, маҳз хонавода дар навбати аввал насли ояндаи кишварро тарбия

менамояд ва дар ташаккули шахсияти комили ҷомеа ҳиссагузор мешавад.

Аз рӯйи хулосаҳои муҳаққиқон дар Ҷопон, дар хонаводаҳое, ки модарон маърифати баланд доранд, таъсири он ба таълими зарурӣ ва тарбияи кӯдакону наврасон бештар аст.

Дар таҳқиқоти муҳаққиқони Донишгоҳи Минесоти Ҷилан Мортиму, Фенк Лейн Чжан ва Чен Йу Ву низ масоили мушкилоти иқтисодии хонаводаҳои амрикоӣ ва таъсири он ба таълим ва тарбияи иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба гуфти муҳаққиқони номбурда мушкилиҳои иқтисодӣ ва молиявии хонавода монеаи асосӣ барои таълим ва тарбия мешаванд. Хонаводаҳое, ки дар натиҷаи бекорӣ ё сабабҳои дигар ба мушкилоти иқтисодӣ дучор мегарданд, дар хонавода фазои солими равонӣ, молиявӣ, моддӣ ва маърифатию маънавиро фароҳам оварда наметавонанд. Аз ин рӯ, мушкилоти зиёд дар таълим ва тарбия, аз ҷумла, тарбияи иқтисодӣ ба миён меояд [2.141, с.31].

Дар замони имрӯзаи Амрико вобаста ба вазъи иқтисодӣ сатҳи иҷтимоиву иқтисодии хонавода ивазшаванда мебошад. Бинобар ақидаи муҳаққиқони амрикоӣ, ҳама гуна масоил ва ҳама гуна тарбия аз сатҳи иқтисодиву иҷтимоӣ, молиявӣ ва ахлоқиву маънавии хонавода вобаста аст. Хонаводаҳое, ки сатҳи зарурии иҷтимоиву иқтисодиро бархӯрдоранд, сатҳи маърифатнокиву маънавии волидайн низ дар дараҷаи зарурӣ мушоҳида мешавад ва онҳо дар тарбияи фарзандон ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил мегарданд. Муҳаққиқони номбурда низ чунин мешуморанд, ки муносибати хонавода бо ҷомеа дар дараҷаи рушди иқтисод ва вазъи молиявӣ алоқаманд буда, сатҳи баланди рушди иқтисодӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ ва маърифативу маънавии ҷомеа сабабгори некуаҳволии хонавода мегарданд. Ин, албатта, ба тарбияи хонаводагӣ таъсири мусбат мерасонад. Муҳаққиқон ҳамчунон иброз медоранд, ки, сатҳи пасти иҷтимоӣ-иқтисодии хонаводаҳо ба фазои равшани он таъсири манфӣ мерасонад ва аз ин ҷост, ки фарзандони чунин хонавода

дар сатҳи зарурӣ аз таълим ва тарбия бархӯрдор намегарданд. Ин боиси мушкилии ҳам хонавода ва ҳам ҷомеа мегардад.

Ба ақидаи муҳаққиқон, вазъи иқтисодии хонавода ба ояндаи фарзанд таъсири манфӣ ё мусбат мегузорад. Хонаводаҳое, ки вазъи хуби иқтисодӣ доранд, барои ояндаи фарзандон имконияти хуб фароҳам меоранд.

## 2.3.Рафт, натиҷагирӣ ва хулосаи озмоишҳои педагогӣ

Озмоиш бо мақсади муайян кардани дараҷаи дониш тасаввуроти иқтисодӣ ва тарбияи иқтисодии хонандагон гузаронида шуд. Ҳамзамон, муайян кардани дараҷаи ташаккули тафаккури иқтисодӣ, хислатҳои сарфакорӣ, мақсаднокӣ, фаъолиятнокӣ, соҳибкорӣ ба нақша гирифта шуд.

Объекти озмоиш таҳсилкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Данғара интихоб гардид ва мақсад дараҷаи тасаввуроти иқтисодӣ буд. Дар рафти озмоиш қобилияти фаҳмидани мафҳумҳои иқтисодӣ аз тарафи муҳассилин мавриди таҳқиқ қарор гирифт. Озмоиш дар синфҳои 7$^{А}$, 7$^{Б}$ –и МТМУ-и №56 ва синфҳои 8$^{А}$, 8$^{Д}$, 9$^{Б}$, 9$^{Г}$-и МТМУ №20 ва №59-и ноҳияи Данғара гузаронида шуд. Озмоиш дар се марҳила доир гардид:

**1. Марҳилаи муқарраркунанда**. Дар ин марҳила назорати дониш ва маҳорати наврасон дар натиҷаи гузаронидани суҳбат, пурсишҳои тестӣ муайян гардид. Дараҷаи тарбияи иқтисодии наврасон низ муайян карда шуд.

**2. Марҳилаи ташаккулёбанда**. Дар ин марҳила ба наврасон вазифаҳои ба самти тарбияи иқтисодӣ равона дода шуд. Ҳамчунон вазифаҳо барои ташаккули сарфакорӣ супорида шуд.

**3. Марҳилаи назоратӣ**. Дар ин марҳила санҷиш, таҳлили дониш ва маҳорати иқтисодии наврасон гузаронида шуд.

Мақсади озмоиш ба он равона карда шуд, ки дараҷаи ташаккули

тасаввуроти иқтисодии наврасон то гузаронидани таҷриба муайян гардид.

Дар гурӯҳҳо сифатҳои муҳими иқтисодӣ, аз ҷумла, сарфакорӣ, муайян гардид. Ҳамин тариқ, бо наврасон дар бораи иқтисоди хонавода дар шакли тестӣ ва дар шакли шифоҳӣ (суҳбат) санҷиш гузаронида шуд. Ба наврасон шарҳи чунин маҳфумҳои иқтисодӣ пешниҳод гардид: «аксия», «талабот», «бозор», «пул», «бонк» «рақобат», «фирма», «даромад», «хароҷот», «бартарият». Натиҷаи ҷавобҳо муайян гардид. Холҳои ташаккули тасаввуроти иқтисодии наврасон дар ибтидои таҷриба нисбатан паст буд.

Бо наврасон дар атрофи суоли “Пул чист” суҳбат ороста шуд.

Ҷавобҳо асосан то андозае чунин буданд:

Пулро бо ашёи зарурӣ иваз кардан мумкин аст; мо ҳамаи чизҳои заруриамонро харида метавонем; чизест, ки бе вай зиндагӣ карда намешавад, бо пул волидайн оиларо таъмин менамоянд.

Аз рафти озмоишҳои гузаронидашуда маълум гардид, ки мафҳумҳо ва муносибатҳои иқтисодӣ дар синфи «8А»-и МТМУ-и №59 ташаккул ёфтааст, аммо дарки кӯдаконаи равандҳои иқтисодиро инъикос менамоянд. Маълум мешавад, ки ин тасаввурот бо такя ба воситаҳои ахбори оммавӣ, таъсири волидайн ба вуҷуд омадаанд.

Хонандагони синфи «8А»-и МТМУ-и №20 нишон доданд, ки донишу муносибати иқтисодии нисбатан ташаккулёфтаро дороанд.

Хулосаи умумӣ нишон дод, ки дараҷаи тарбияи иқтисодии гурӯҳи аввал аз миёна поёнтар аст. Бештари мафҳумҳои маълуми иқтисодӣ барои онҳо нофаҳмост. Аммо аз тарафи онҳо баъзе кӯшиши шарҳ додани ин мафҳумҳо карда шуд. Чунончи, 40%-и хонандагон мафҳуми «иқтисодиёт»-ро шарҳ дода натавонистанд, 60%-и хонандагон дар зери мафҳуми «иқтисодиёт» «сарфакорӣ»-ро мефаҳманд. Дониши онҳо дар атрофи мафҳумҳои иқтисодӣ дар дараҷаи дарки кӯдакона буда, дар асоси иттилооти воситаҳои ахбори оммавӣ ва волидайн пайдо шудаанд.

Ҳисоби миёнаи ташаккули тасаввуроти иқтисодии синфи «8А»-и МТМУ-и №59 ба 41,4% мерасад.

**Ҷадвали 1. Дараҷаи ташаккули тасаввуроти иқтисодӣ дар хонандагони синфи озмоишӣ (аввали озмоиш–марҳилаи 1, синфи «8А»-и мактаби №59**

| № р/б | Фамилия, ному насаб | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | Ҷавобҳои дуруст, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Абосова Н. | + | - | + | - | - | - | - | - | + | - | 30 |
| 2. | Алиқулов Р. | + | + | - | - | - | - | + | - | + | - | 40 |
| 3. | Алиҷони Ш. | + | + | + | + | - | - | - | + | - | - | 50 |
| 4. | Боймуродов Э. | - | + | + | - | - | - | - | - | - | - | 20 |
| 5. | Воҳидов С. | + | + | + | - | - | - | + | + | + | - | 60 |
| 6. | Ғуломова Н. | - | + | + | + | + | - | - | - | - | - | 40 |
| 7. | Ғоибов Н. | - | + | - | - | - | - | - | - | - | - | 10 |
| 8. | Душанов Қ. | - | + | + | + | - | - | - | - | - | - | 30 |
| 9. | Давлатшоева Ш. | + | + | - | - | + | + | - | - | - | + | 50 |
| 10. | Зумратбибии И. | + | + | + | - | - | - | - | - | - | + | 40 |
| 11. | Исматова З. | + | + | + | - | - | - | - | - | - | - | 30 |
| 12. | Каримов Э. | + | + | - | - | + | + | + | - | - | - | 50 |
| 13. | Қабулов Ё. | + | - | + | - | + | - | - | - | - | - | 30 |
| 14. | Қурбонова С. | + | - | - | + | - | + | + | - | + | - | 50 |
| 15. | Маҳмадова М. | - | + | + | + | - | + | - | - | + | - | 50 |
| 16. | Маҳмаҷонова М. | + | + | + | + | + | + | - | - | - | - | 60 |
| 17. | Назарова Б. | + | - | - | + | - | - | - | + | + | - | 40 |
| 18. | Назарзода С. | + | + | + | + | + | + | - | - | - | - | 60 |
| 19. | Нуруллоев Қ. | + | - | + | + | + | - | - | - | - | - | 40 |
| 20. | Нигораи Б. | - | - | + | - | - | - | - | + | + | - | 30 |
| 21. | Раҳимов Ҳ. | + | + | - | + | - | - | - | - | - | - | 30 |
| 22. | Раҳимова З. | + | + | - | - | + | + | - | - | + | - | 50 |
| 23. | Саидова А. | + | - | - | - | - | - | - | + | - | + | 30 |
| 24. | Сафарова З. | + | - | + | - | + | + | - | - | - | + | 50 |
| 25. | Саидов М. | + | - | - | + | + | + | - | - | + | - | 50 |
| 26. | Сандова Р. | + | - | - | + | + | - | + | - | + | + | 60 |
| 27. | Суҳроби Р. | - | - | + | - | + | - | - | + | + | - | 40 |

Дар синфи «8А»-и МТМУ-и №20 дараҷаи тарбияи иқтисодӣ миёна буда, фаҳмиш дар бораи «сарфакорӣ» на танҳо дар дараҷаи фаҳмиши маишӣ аст, балки дар худ заминаи иқтисодиро дорост. Ин нишон медиҳад, ки наврасон кӯшиш мекунанд мафҳуми донистаашонро шарҳ

диҳанд. Ҳисоби миёнаи холҳои тасаввуроти иқтисодӣ дар синфи «8А»-и МТМУ-и №20 дар марҳилаи аввал ба 40,7% мерасад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Дараҷаи ташаккули тасаввуроти иқтисодӣ дар хонандагони синфи назоратӣ дар ибтидои озмоиш (марҳилаи 1, синфи «8А»-и МТМУ №20)**

| № р/б | Ному насаб | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | Ҷавобҳои дуруст, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Барфиев А. | + | - | + | - | + | - | - | - | + | - | 40 |
| 2. | Ғафурова Ш. | + | + | - | - | + | - | + | - | + | - | 50 |
| 3. | Дилнозаи Т. | + | - | + | + | - | - | - | + | - | + | 50 |
| 4. | Диловари А. | - | + | + | - | - | - | - | - | - | - | 30 |
| 5. | Муҳиддинова Р. | + | + | + | - | + | + | - | + | - | - | 60 |
| 6. | Муҳаммади З. | - | + | + | - | + | + | - | - | - | - | 40 |
| 7. | Муҳридинзода С | - | + | + | - | + | + | - | - | - | - | 40 |
| 8. | Назарова Ф. | - | + | + | + | - | - | - | - | - | - | 30 |
| 9. | Неъматов А. | + | + | - | - | + | + | - | - | - | - | 40 |
| 10. | Назаров Ш. | + | + | + | - | - | - | + | - | - | + | 50 |
| 11. | Нозимова А. | + | + | + | - | + | - | - | - | + | - | 50 |
| 12. | Раҳимҷони К. | + | + | - | - | + | - | + | - | - | - | 40 |
| 13. | Раҷабова М. | + | - | + | - | - | - | - | - | - | - | 20 |
| 14. | Раҷабов О. | + | - | + | + | - | + | - | - | + | + | 60 |
| 15. | Рустами Ҷ. | - | + | - | - | - | + | - | - | + | - | 30 |
| 16. | Саидзода М. | + | + | + | - | + | + | - | - | - | - | 50 |
| 17. | Сафаралиева Ғ. | + | - | - | + | - | - | - | + | - | - | 30 |
| 18. | Сангов М. | + | - | + | + | - | + | - | - | - | + | 50 |
| 19. | Саидова Т. | + | - | + | + | - | - | - | - | - | - | 30 |
| 20. | Хоҷаева Ш. | - | - | + | - | - | - | - | + | - | + | 30 |
| 21. | Шарипова Н. | + | + | - | - | - | - | - | - | - | + | 30 |
| 22. | Шоев Б. | + | - | - | - | + | - | + | - | + | - | 40 |
| 23. | Шаҳодати Д. | + | - | - | - | - | + | - | + | - | + | 40 |
| 24. | Юсупова Д. | + | - | - | - | - | + | - | - | - | + | 30 |
| 25. | Юсуфи Н. | + | - | - | + | + | - | - | - | + | - | 40 |
| 26. | Орзуев Э. | + | + | + | + | - | + | - | + | - | + | 70 |
| 27. | Тураева Ш. | - | + | - | - | - | + | - | - | + | - | 30 |

Бо наврасон суҳбат дар мавзуи «иқтисодиёт»-ро гузаронидем. Дар рафти суҳбат бо хонандагон фаҳмонидем, ки онҳо чи тавр дар корҳои хонаводагӣ ширкат меварзанд.

Дар марҳилаи назоратӣ дар ҳар ду гурӯҳи таҷрибавӣ шавқу ҳаваси хонандагон нисбати тарбияи иқтисодӣ мушоҳида гардид. Шавқу ҳаваси хонандагон барои ҷустуҷӯи воситаҳои нави таълимию тарбиявӣ барои баланд бардоштани сатҳи тарбияи иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Дар марҳилаи дуюм корро дар самти ташаккули асосҳои дониши иқтисодӣ анҷом додем. Дар ин марҳила ба хонандагон вазифа пешниҳод гардид, ки барои ташаккули тарбияи иқтисодӣ мусоидат менамоянд. Бо барномаи махсус дар ҳарду синф якчанд дарс гузаронида шуд.

Дар вақти муайян ва интихоб намудани воситаю методи таълимию тарбиявӣ махсусияти синну соли хонандагон ба назар гирифта шуд. Ба хонандагон ба сифати вазифаи хонагӣ супориш дода шуд, ки дар мавзуи «Барои чӣ бояд сарфакор бошем?» бо ҳамдигар мусоҳиба ташкил намуда, масъаларо баррасӣ кунанд. Супориш дода шуд, ки ҳар як наврас дар мавзуи додашуда нақл тайёр намояд.

Дар вақти баҳо додан ба дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаҳои иқтисодии хонандаро мо дар доираи чор дараҷа арзёбӣ намудем.

Дараҷаи баланд (яъне 5 хол). Дар ин дараҷа, хонандагон зарурияти дониш ва маҳорати иқтисодиро дороанд ва дар фаъолияти худ истифода мебаранд. Ташаккули тасаввуроти иқтисодӣ ва хусусиятҳои аниқи иқтисодиро нишон медиҳанд. Дар онҳо кордонӣ, соҳибкорӣ, аниққорӣ мушоҳида гардид.

Дараҷаи миёна (яъне 4 хол). Хонандагон зарурияти омодагии иқтисодиро дар фаъолияти меҳнатии ояндаашон дарк мекунанд. Вазифаҳои хусусияти иқтисодӣ доштаро поквиҷдонона иҷро менамоянд.

Дар таҳлили гурӯҳии натиҷаи амалҳо ширкат меварзанд, аммо фаъолнокии шахсиро нишон намедиҳанд. Онҳо меҳнатдӯст, сарфакор ва аниққоранд.

Дараҷаи паст (яъне 3-хол). Хонандагон зарурияти донишҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро дарк мекунанд, аммо дар айни таҳсил дар мактаб ба ин донишҳо таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд. Ба фаъолияти

иқтисодие, ки дигарон ташкил мекунанд, ҳамроҳ намешаванд. Дар рафтори худ хусусиятҳо ва тафаккури иқтисодиро нишон намедиҳанд.

Дараҷаи паст (яъне 2-хол). Хонандагон донишҳои иқтисодиро нодаркор меҳисобанд. Фаъолияти меҳнатӣ, ҷамъиятӣ ва иқтисодиро инкор менамоянд.

Дар раванди таҳқиқоти таҷрибавӣ манфиати тарбияи иқтисодӣ муайян гардид. Дар ибтидои таҷриба дараҷаи ташаккули тасаввуроти иқтисодии хонандагони синфи «8А»-и МТМУ-и №59 41,4% буд. Дар охири таҷриба холи ташаккули тасаввуроти иқтисодии синфи 8А»-и мактаби №59 ба 50% баробар шуд, яъне он дар муқоиса бо ибтидои таҷриба ба 8,6% инкишоф ёфт.

**Ҷадвали 3. Дараҷаи ташаккули тасаввуроти иқтисодӣ дар байни хонандагони синфи озмоишӣ дар охири озмоиш (марҳилаи 2, синфи 8А»-и МТМУ-и №59)**

| № р/б | Фамилия, ному насаб | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | Ҷавобҳои дуруст, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Абосова Н. | + | - | + | - | + | - | + | - | + | + | 60 |
| 2. | Алиқулов Р. | + | + | - | - | + | - | + | + | + | - | 60 |
| 3. | Алиҷони Ш. | + | + | + | + | - | + | - | + | - | + | 70 |
| 4. | Боймуродов Э. | - | + | + | - | + | - | + | - | + | - | 50 |
| 5. | Воҳидов С. | + | + | + | - | - | - | + | + | - | - | 50 |
| 6. | Ғуломова Н. | - | + | + | + | + | - | + | + | - | - | 60 |
| 7. | Ғоибов Н. | - | + | + | - | + | + | - | - | - | - | 40 |
| 8. | Душанов Қ. | - | + | + | + | - | + | + | - | - | - | 50 |
| 9. | Давлатшоева Ш. | + | + | - | - | + | + | - | + | - | + | 60 |
| 10. | Зумратбибии И. | + | + | + | - | - | - | - | - | - | + | 40 |
| 11. | Исматова З. | + | + | + | - | + | - | + | - | - | - | 50 |
| 12. | Каримов Э. | + | + | - | - | + | + | + | - | - | - | 50 |
| 13. | Қабулов Ё. | + | - | + | - | + | + | + | + | - | + | 70 |
| 14. | Қурбонова С. | + | - | - | + | - | - | + | - | + | - | 40 |
| 15. | Маҳмадова М. | - | + | + | + | - | + | - | - | + | - | 50 |
| 16. | Маҳмаҷонова М. | + | + | + | + | + | + | - | - | - | - | 60 |
| 17. | Назарова Б. | + | - | - | + | - | - | - | + | + | + | 50 |
| 18. | Назарзода С. | + | + | + | + | + | + | + | - | - | - | 70 |
| 19. | Нуруллоев Қ. | + | - | + | + | + | - | - | - | - | - | 40 |
| 20. | Нигораи Б. | - | - | + | - | - | - | - | + | + | - | 30 |
| 21. | Раҳимов Ҳ. | + | + | - | + | - | - | - | + | - | - | 40 |
| 22. | Раҳимова З. | + | + | - | - | + | + | - | - | - | - | 40 |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 23. | Саидова А. | + | - | - | - | - | - | - | + | - | + | 30 |
| 24. | Сафарова З. | + | - | + | - | + | + | - | - | - | + | 50 |
| 25. | Саидов М. | + | - | - | + | + | + | - | - | + | - | 50 |
| 26. | Сандова Р. | + | - | + | - | + | - | - | - | - | - | 30 |
| 27. | Суҳроби Р. | + | - | + | + | - | + | + | - | - | + | 60 |

**Ҷадвали 4. Дараҷаи ташаккули тасаввуроти иқтисодӣ дар хонандагони синфи назоратӣ дар охири озмоиш (марҳилаи 2, синфи «8А»-и МТМУ №20)**

| № р/б | Ному насаб | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | Ҷавобҳои дуруст, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Барфиев А. | + | - | + | - | + | - | + | - | + | + | 60 |
| 2. | Ғафурова Ш. | + | + | - | - | + | - | + | + | + | - | 60 |
| 3. | Дилнозаи Т. | + | + | + | + | - | + | - | + | - | + | 70 |
| 4. | Диловари А. | - | + | + | - | - | - | - | - | - | - | 20 |
| 5. | Муҳиддинова Р. | + | + | + | - | + | + | + | + | + | - | 80 |
| 6. | Муҳаммади З. | - | + | + | + | + | + | + | - | - | - | 60 |
| 7. | Муҳридинзода С | - | + | + | - | + | + | + | - | - | - | 50 |
| 8. | Назарова Ф. | - | + | + | + | + | - | - | - | - | - | 40 |
| 9. | Неъматов А. | + | + | - | - | + | + | - | - | + | - | 50 |
| 10. | Назаров Ш. | + | + | + | - | - | - | + | + | - | + | 60 |
| 11. | Нозимова А. | + | + | + | - | + | - | - | - | + | - | 50 |
| 12. | Раҳимҷони К. | + | + | - | - | + | + | + | - | - | - | 50 |
| 13. | Раҷабова М. | + | - | + | - | + | - | - | - | + | - | 40 |
| 14. | Раҷабов О. | + | - | + | + | - | + | + | - | + | + | 70 |
| 15. | Рустами Ҷ. | - | + | - | - | - | + | + | - | + | - | 40 |
| 16. | Саидзода М. | + | + | + | + | + | + | - | - | - | - | 60 |
| 17. | Сафаралиева Ғ. | + | - | - | + | - | - | - | + | + | - | 40 |
| 18. | Сангов М. | + | + | + | + | - | + | + | - | - | + | 70 |
| 19. | Саидова Т. | + | - | + | + | + | - | - | - | - | - | 40 |
| 20. | Хоҷаева Ш. | - | - | + | - | - | - | - | + | + | + | 40 |
| 21. | Шарипова Н. | + | + | - | + | - | - | + | - | - | - | 40 |
| 22. | Шоев Б. | + | + | - | - | + | + | + | + | + | - | 70 |
| 23. | Шаҳодати Д. | + | - | - | - | - | + | - | + | + | + | 50 |
| 24. | Юсупова Д. | + | - | - | - | - | + | - | - | - | + | 30 |
| 25. | Юсуфи Н. | + | - | - | + | + | + | - | - | + | - | 50 |
| 26. | Орзуев Э. | + | + | + | + | - | + | + | + | + | + | 90 |
| 27. | Тураева Ш. | + | + | - | - | - | + | - | - | + | - | 40 |

Дар марҳилаи 2-юми озмоиш муайян гардид, ки савияи донишу тасаввуроти иқтисодии хонандагони синфи 8-и МТМУ-и №20 ба 52,6%

баробар гардид, ки ин нисбат ба санҷиши марҳилаи 1-ум 11,9% зиёдтар мебошад.

Ба ғайр аз маълумотҳои дар боло зикргардида дараҷаи ташаккули тасаввуроти иқтисодӣ дар хонандагони синфи 7, МТМУ-и №56-и ноҳияи Данғара муайян карда шуд.

**Ҷадвали 5. Дараҷаи ташаккули тасаввуроти иқтисодӣ дар хонандагони синфи озмоишӣ (аввали озмоиш–марҳилаи 1, синфи «7Б», МТМУ-и №56)**

| № р/б | Фамилия, ному насаб | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | Ҷавобҳои дуруст, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Абдуллоев А. | + | - | + | - | + | - | + | - | + | - | 50 |
| 2. | Аралов С. | + | + | - | - | - | - | + | + | - | - | 40 |
| 3. | Шарипова Д. | + | - | + | - | - | - | - | - | - | - | 20 |
| 4. | Азизҷони С. | - | + | - | - | - | - | - | - | - | - | 10 |
| 5. | Баротова С. | + | + | + | - | - | - | + | + | + | - | 60 |
| 6. | Яҳдиев У. | - | + | + | + | - | - | - | - | - | - | 30 |
| 7. | Кавракова А. | - | + | + | - | + | - | - | - | - | - | 30 |
| 8. | Компони С. | - | + | - | - | - | - | - | - | - | - | 10 |
| 9. | Кулатова З. | + | + | - | - | + | - | - | - | - | + | 40 |
| 10. | Суфиева А. | + | + | + | - | - | - | - | - | - | + | 40 |
| 11. | Марҷонаи А. | - | - | + | - | - | - | - | - | - | - | 10 |
| 12. | Умаров Н. | - | - | - | - | + | + | + | - | - | - | 30 |
| 13. | Фотимаи Н. | + | - | + | - | - | - | - | - | - | - | 20 |
| 14. | Мафтунаи Ҷ. | + | - | - | + | - | + | - | - | + | - | 40 |
| 15. | Муродов А. | - | - | + | + | - | + | - | - | + | - | 40 |
| 16. | Муҳаммади Қ. | + | - | - | - | + | - | + | + | + | - | 50 |
| 17. | МуҳаммадиШ. | + | - | - | + | - | - | - | + | - | - | 30 |
| 18. | Назаров А. | + | + | + | + | + | - | + | - | - | + | 70 |
| 19. | НаҳтулозодаС. | + | - | + | + | + | - | - | - | - | - | 40 |
| 20. | Олимов С. | - | - | + | - | - | - | - | + | - | - | 20 |
| 21. | Ҳафизова Ш. | - | + | - | - | - | - | - | - | - | - | 10 |
| 22. | Рукмияи Ҷ. | - | + | - | - | + | - | - | - | + | - | 30 |
| 23. | Саторов М. | + | - | - | - | - | - | - | + | - | + | 30 |
| 24. | Сайдамири А. | + | - | + | - | - | + | - | - | - | + | 40 |
| 25. | Салимова М. | + | - | - | - | + | + | - | - | + | - | 40 |

Чи хеле, ки аз ҷадвали 5 дида мешавад дараҷаи ташаккули тасаввуроти иқтисодӣ дар байни хонандагони синфи 7 дар аввали озмоиш вобаста ба савияи донишу маҳорати хонанда аз 10%-и ҷавоби дуруст то 70%-ро ташкил намуд, ки ба ҳисоби миёна 33,2% дониши иқтисодӣ доштанд.

Дар марҳилаи дуюми санҷиш баъд аз фаҳмонидани мафҳумҳои асосии иқтисодӣ дараҷаи ташаккули тасаввуроти иқтисодӣ дар байни хонандагони синфи 7 донишу маҳорати иқтисодии хонандагон боло рафт (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. Дараҷаи ташаккули тасаввуроти иқтисодӣ дар байни хонандагони синфи озмоишӣ дар охири озмоиш (марҳилаи 2, синфи «7Б»-и МТМУ-и №56)**

| № р/б | Фамилия, ному насаб | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | Ҷавобҳои дуруст, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Абдуллоев А. | + | + | + | + | + | - | + | - | + | - | 70 |
| 2. | Аралов С. | + | + | - | - | - | - | + | + | + | - | 50 |
| 3. | Шарипова Д. | + | - | + | + | - | - | - | - | - | - | 30 |
| 4. | Азизҷони С. | - | + | + | + | + | - | - | - | - | - | 40 |
| 5. | Баротова С. | + | + | + | - | - | - | + | + | + | - | 60 |
| 6. | Яҳдиев У. | - | + | + | + | + | - | - | - | - | - | 40 |
| 7. | Кавракова А. | - | + | + | - | + | + | + | - | - | - | 50 |
| 8. | Комрони С. | - | + | + | + | - | - | - | - | - | - | 30 |
| 9. | Кулатова З. | + | + | - | - | + | + | - | - | - | + | 50 |
| 10. | Суфиева А. | + | + | + | - | - | - | + | - | - | + | 50 |
| 11. | Марҷонаи А. | + | + | + | - | - | - | - | - | - | - | 30 |
| 12. | Умаров Н. | + | + | - | - | + | + | + | - | - | - | 50 |
| 13. | Фотимаи Н. | + | - | + | - | + | - | - | - | - | - | 30 |
| 14. | Мафтунаи Ҷ. | + | - | - | + | - | + | + | - | + | - | 50 |
| 15. | Муродов А. | - | + | + | + | - | + | - | - | + | - | 50 |
| 16. | Муҳаммади Қ. | + | + | + | + | + | + | - | - | - | - | 60 |
| 17. | Муҳаммади Ш. | + | - | - | + | - | - | - | + | + | - | 40 |
| 18. | Назаров А. | + | + | + | + | + | + | + | - | - | + | 80 |
| 19. | Наҳтулозода С. | + | - | + | + | + | - | - | - | - | - | 40 |
| 20. | Олимов С. | - | - | + | - | - | - | - | + | + | - | 30 |
| 21. | Ҳафизова Ш. | + | + | - | + | - | - | - | - | - | - | 30 |
| 22. | Рукмияи Ҷ. | + | + | - | - | + | + | - | - | + | - | 50 |
| 23. | Саторов М. | + | - | - | - | - | - | - | + | - | + | 30 |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 24. | Сайдамири А. | + | - | + | - | + | + | - | - | - | + | 50 |
| 25. | Салимова М. | + | - | - | + | + | + | - | - | + | - | 50 |

Аз таҳлили ҷадвали 6 бармеояд, ки дар натиҷаи фаҳмонидани мафҳумҳои иқтисодӣ донишу маҳорати хонандагони синфи 7-и МТМУ-и №5-и ноҳияи Данғара вобаста ба донишу малакаи хонандагон аз 30% то 80%-ро ташкил намуд, ки ба ҳисоби миёна 45,6% баробар гардид.

Аз рӯйи таҷрибаи гузаронидашуда дар гурӯҳи озмоишӣ ва назоратӣ чунин нишондодҳо ба даст омаданд:

Гурӯҳи озмоишӣ: 20%-5 хол, 70%-4 хол. 10 %-3 хол.

Гурӯҳи назоратӣ: 40%-5, 50%-4, 10%-3. Баҳои 2 ба хеҷ кас гузошта нашуд.

Ҳамин тариқ, натиҷаи озмоишро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулоса расидем:

1. Гурӯҳи озмоишӣ дар рафти гузаронидани озмоиш натиҷаи хуб ба даст овард. Баҳои умумӣ аз миёна боло буд.

2. Нишондиҳандаи гурӯҳи назоратӣ бетағйир монд, зеро дар аввал сатҳи дониши иқтисодии онҳо боло буд.



**Диаграммаи 1. Дараҷаи ташаккули тасаввуроти иқтисодӣ дар хонандагони синфи 7^А-и МТМУ-и №56**




**Диаграммаи 2. Дараҷаи ташаккули тасаввуроти иқтисодӣ дар хонандагони синфҳои 8^А-и мактабҳои №20 ва №59**




**Диаграммаи 3. Дараҷаи ташаккули тасаввуроти иқтисодӣ дар хонандагони синфи 7^Б-и МТМУ-и №56**




**Диаграммаи 4. Дараҷаи ташаккули тасаввуроти иқтисодӣ дар хонандагони синфи озмоишӣ (8А-и мактаби №59)**

Се дараҷаи азхудкунии дониш ва меҳнати иқтисодӣ муайян гардид:

**1**. Масъалаи иттилоотӣ. Ин ҷо шиносоии хонандагон бо мафҳумҳои иқтисодӣ (даромад, хароҷот, захира, талабот, моликият, хоҷагӣ, нарх, арзиш, интихоб, назорат, тиҷорат ва ғайра, инчунин шиносоӣ оид ба рафтори дуруст дар раванди фаъолияти таълимию тарбиявӣ, сифатҳо (хусусиятҳо) ва имкониятҳои шахсӣ низ иҷро мегарданд.

**2**. Меъёри ҳавасмандкунӣ. Ҳавасмандшавии хонандагон ба меҳнати ҷамъиятӣ, ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-иқтисодӣ ба мисли сарфакорӣ, соҳибкорӣ, аниқкорӣ, мустақилият, масъулиятнокӣ, ташаббускорӣ ва ғайра асоси меъёри мазкурро ташкил медиҳанд.

**3**. Меъёри амалӣ-фаъолиятнокӣ. Дар худ мавҷудияти малакаи баҳисобгирӣ, банақшагирии меҳнат, ғамхорӣ ва эҳтиёт кардани моликияти шахсӣ, мактабӣ ва хонавода, маҳорати барқарор кардани алоқаи иҷтимоӣ ва иҷро намудани нақшҳои гуногуни иҷтимоиро инкишоф додан асоси ин меъёр мебошад.

Гарчанде дар бештари хонаводаҳо ҳамеша ба тарбияи меҳнатии фарзанд машғуланд, инчунин, як қатор мушкилиҳои ҳалталаб дар омодасозии наврасон барои меҳнат ҷой дорад. Дар навбати аввал дар наврасон ташаккули сифатҳои меҳнатдӯстӣ ва ғайратмандӣ муҳим аст.

Фарзандон дар сини наврасӣ бо дараҷаҳои гуногуни инкишофи меҳнатдӯстӣ фарқ мекунанд, ҳамчунин, бо ҳавасмандкунии фарқкунанда, малака, маҳорат ва одатҳои гуногуни ба меҳнат кардан мусоидаткунанда фарқ мекунанд. Баъзе наврасон комилан ба меҳнати зеҳнӣ ва ҷисмонӣ омода нестанд. Аммо қобили зикр аст, ки дар ҳамаи наврасон хислатҳои мусбате мавҷуданд, ки такя ба онҳо имкон медиҳад дар наврасон хислатҳои мусбат, талаботи воқеӣ, кӯшишу ғайрат ва, албатта, меҳнатдӯстиро ташаккул дод. Аз ҳама муҳим он аст, ки наврас худ хоҳад, ки ба сӯи пешравӣ ва комёбӣ қадам занад.

Ҳангоми амалӣ кардани тарбияи меҳнатдӯстӣ онро ба назар гирифтан зарур аст, ки наврасон худро болиғ меҳисобанд ва саъю кӯшиш менамоянд, ки инро дар амал нишон диҳанд. Наврас меҳоҳад, ки дар иҷрои амал мустақилияти пурра дошта бошад, майдони васеи эҷодиро талаб мекунад, то собит намояд, ки ба балоғат расидааст. Назорат аз болои корҳои ӯ аз тарафи вай норозигӣ ва ҳатто дар аксар маврид низоъро бо шахси назораткунанда ба вуҷуд меорад. Агар назорат хусусияти доимӣ гирад, наврас ба мусолиҳа бо вазъият худ омада ба иҷрокунандаи бечунучаро табдил меёбад. Ин хислатҳо ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, эҷодкории шахсии ӯро хомӯш менамоянд.

Волидайн бояд дар хотир гиранд, ки танҳо меҳнат ба наврас таъсири мусбат мерасонад, наврас дарк мекунад, ки меҳнат зарур аст ва онро ҳамчун қарз қабул мекунад, дар як вақт наврас зарурияти меҳнатдӯстиро дарк карда, баъд мақсади ниҳоии онро бояд донад. Барои ба мақсади ниҳоӣ расидан ӯ дар худ андеша, хоҳиш ва иродаро ташаккул медиҳад.

Барои ташаккули хислати меҳнатдӯстӣ дар наврасон таъсири амиқро худи муносибат ба меҳнат муайян менамояд. Чи қадаре ки суханҳои боақлона, дуруст оид ба нақш ва саҳми меҳнат гуфта шавад, онҳо ба наврасон камтар таъсир мегузоранд. Дар хонаводаҳое, ки волидайн озодагӣ, фазову муҳити солим, тартибу низом дар манзилро муҳайё сохтаанд, наврасон бо хоҳиши худ ба кумаки онҳо мешитобанд ва ин амалҳоро худ пайравӣ мекунанд.

Хонавода муҳити табиӣ ва фоидаовар мебошад, ки он ҷо шахсияти кӯдак ташаккул меёбад, муносибати ӯ ба ҳаёт, аз ҷумла, ба меҳнат муайян мегардад. Хонавода мисли муассисаи таълимӣ имрӯз дар шароити нави тарбияи меҳнатӣ қарор дорад. Мо имрӯз ба давраи муносибатҳои иқтисоди бозорӣ қадам гузоштем, ки ҳаёти ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаи ҷумҳурӣ комилан талаботи навро аз насли наврас тақозо дорад.

Барои бомуваффақият инкишоф додани бозор одаме лозим аст, ки дар ӯ сифатҳои махсус, ба мисли маҳорати ба неруи худ такя кардан, ба худ эътимод карда ба комёб шудан боварӣ доштан, эҷодкорӣ нишон додан, ихтироъкор ва ташаббускор будан, ба ҳама вазъиятҳои ҳаётӣ мутобиқ шудан, боилтифот будан, ба дигарон эътимоднокӣ нишон дода тавонистан ва тарбияи ахлоқии худро нишон додан ташаккул ёфта бошад. Ин ҳама он хислатҳоеанд, ки аз инсони даврони муносибатҳои иқтисоди бозорӣ талаб карда мешаванд. Инсони дорои чунин хислатҳо шахси даврони иқтисоди бозорист.

Хислатҳои шахсӣ, ки хонавода бояд ба ташаккули онҳо таваҷҷуҳ намояд, асосан инҳоянд:

- поквиҷдонӣ;
- боадабӣ;
- кордонӣ;
- шаъну шараф ва масъулияти шахсӣ;
- ташаббускорӣ;

- интизоми сахти меҳнат.

Яке аз масъалаҳои мубрам ва доғи рӯз дар муносибатҳои тезутунди иқтисоди бозорӣ нигоҳ доштан ва дастгирӣ кардани обрӯю нуфузи меҳнати ҳалол ҳамчун воситаи ягона ва асосии комёбшавӣ мебошад. Хонавода ба он масъул аст, ки наврас ба дарки ҳаёти имрӯза омода бошад, кори мувофиқро аз корҳои муҳиму доимӣ фарқ карда тавонад. Наврасонро бовар кунонд, ки бе меҳнати ҳалол зиндагии хубу бофароғат номумкин аст. Инсон на танҳо барои подоши маош меҳнат мекунад, вай барои он меҳнат мекунад, ки ӯ инсон аст, зеро маҳз меҳнати бошуурона байни ӯ ва ҳайвон фарқ мегузорад. Ҳар он касе, ки инро намефаҳмад, дар худ фарди ҳайвониро инкишоф медиҳад.

Волидайн дар ҳама корҳо ва амалҳо бояд барои наврасон намунаи ибрат гарданд. Зери таъсири тақлид ба волидайн дар наврасон маҳорати иҷрои корҳои хона, поквиҷдонӣ ва дақиқкорӣ ташаккул меёбад. Бо эҳтиётона муносибат кардани волидайн бо ашёҳои хонавода дар фарзандон низ чунин муносибатро ташаккул медиҳад.

Духтари синфи ҳафтум хоҳиши модарро дар бораи рӯбучин кардани манзил гӯш карда, беэътиноёна посух дод:-“Ман фарроши хона нестам. Ман бояд дарсҳоямро тайёр кунам”.

То ин вақт духтарча супоришҳои модарро бечунучаро иҷро мекард. Воқеае чунин аст, ки дар синфи 6 сарбории дарсҳо хеле зиёд буд ва духтарча ба тайёр кардани дарсҳо вақти кофӣ надошт. Модар ӯро аз ҳама масъулияти меҳнатии хонавода озод намуд, то ки аълочӣ шавад. Ҳамаи корҳои рӯзгорро худ анҷом медод. Чунин муносибат ба он овард, ки духтарча натанҳо ба чунин вазъият одат кард, ҳатто дар ӯ ҳисси нафрат ба меҳнат пайдо гардид. Барои модар хеле тоқат ва таҳаммул лозим омад, то ки мушкилоти худ эҷодкардаро ислоҳ намояд. Ин як мисоле буд аз ҳаёти воқеӣ, аз тарбия ва муносибати дуруст дар хонавода.

Фаъолияти наврас дар мактаб аз он хотир паст мегардад, ки ӯ қобилияти ташкилотчигиро нисбат ба кор надорад. Омӯзгор бояд ӯро ба

зуд амал кардан, нисбат ба корҳои хона беэътино набудан, ба корҳо тамаркуз кардан, худро аз корҳо ва фикрҳои дуюмдарача дур сохтан сафарбар намояд. Дар ягон ҳолат иҷрои корҳои меҳнатии хонаводагиро қатъ намудан лозим нест, зеро наврас калон аст, ҷисман ва зеҳнан ташаккулёфта аст, дониши кофиро ба ҳаёти воқеӣ бархурдор аст.

Намуна ва нуфузи волидайн дар ташаккули шахсияти кӯдак методи муҳим ҳисобида мешавад. Дар он хонаводае, ки намунаи меҳнатии мусбат мавҷуд нест, кӯдакони он хонавода на бо хоҳиш, на бо маҷбур кардан ба кумаки каси дигар майл намекунанд. Майл ба тақлид дар овони наврасӣ инкишоф меёбад. Дар раванди муоширати ҳаррӯза муносибати наврас нисбат ба меҳнат муайян мегардад ва мушоҳида намудани муносибати волидайн ба меҳнат низ барои муқаррар кардани мавқеи наврас нисбати меҳнат мусоидат менамояд. Агар наврасон шоҳид ва иштирокчии меҳнати фаъол дар хонавода гарданд, бешубҳа, дар онҳо хислати меҳнатдӯстӣ ҳамчун сифати мусбати шахсият инкишоф меёбад. Дар акси ҳол, агар волидайн аз кори худ дар ҳузури наврасон шикоят кунанд, норозигию ноқаноатмандӣ нишон диҳанд, он гоҳ наврасон на танҳо нисбат ба шуғли волидайн, балки нисбати ҳамагуна шуғлу меҳнат нафрат пайдо менамоянд. Хеле муҳим аст, ки волидайн меҳнати наврасонро арзёбӣ кунанд. Онҳоро барои кори хубашон ҳавасманд намоянд.

Агар волидайн ба саъю кӯшиши наврас дар иҷрои ягон кор ё амале таваҷҷуҳ зоҳир накунанд, рафтори ӯро арзёбӣ нанамоянд, пас, бо мурури вақт ин саъю кӯшиш дар наврас аз байн меравад.

Тарбияи бомуваффақияти наврас дар ташаккул додани хислатҳои меҳнатӣ аз чи гуна ташкил кардани хоҷагидорӣ дар хонавода вобаста аст. Дар натиҷаи оқилона ва дақиққорона ташкил кардани хоҷагидорӣ дар хонавода дар наврасон хислатҳои меҳнатдӯстӣ, боинтизомӣ, сарфакорӣ, масъулиятшиносӣ ташаккул меёбад.

Дар хонаводае, ки хоҷагидорӣ ба таври дуруст ба роҳ монда шудааст, дар манзили зист тартибу низом ҷорист, дар манзил ҳама чиз

ҷойи худро дорад, барои ҳар як кор асбоби корӣ мавҷуд аст, тарбияи хислатҳои мусбати меҳнатдӯстӣ ва иқтисодӣ осон ва матлуб хоҳад гардид. Дар ин хел хонаводаҳо тақсимоти боадолатона ва баробари меҳнат мавҷуд аст ва ҳар як аъзои хонавода тибқи имконияти ҷисмонӣ ва зеҳнии худ ба коре ҷалб карда мешавад. Кори вазнин якҷоя иҷро мегардад, корҳои нофорам бо навбат иҷро мегарданд. Дар ин хел хонаводаҳо наврасон ҳамеша омодагии худро дар меҳнати якҷояи хонаводагӣ нишон медиҳанд. Бо рафти афзуншавии таҷрибаи меҳнатӣ супоришҳо низ мураккабтар мегарданд. Дар чунин хонавода ҳам аҳли он бо рӯзҳои хуш, бе изтироб, поквиҷдонона вазифаҳои меҳнатии худро иҷро менамоянд. Анъанаҳои хонаводагиро, агар калонсолон тибқи одат ба ҷо оранд, наврасон бошанд ба онҳо итоат ва ёрӣ мерасонанд.

Дар шароите ки хоҷагидории хонаводагӣ хуб ташкил карда шудааст, наврас бе маҷбуркунӣ вазифаҳои худро дар манзили зист ба ҷо меорад. Одатан наврасоне, ки ба меҳнат одат кардаанд, ҳамеша аз кори босифат ва мақсаднок анҷомёфтаи худ хушҳол ва хурсанд мешаванд. Дар онҳо эътиқоде ба вуҷуд меояд, ки бояд ҳама корҳо бо меҳнати муайян ва босифат иҷро гарданд, зеро ин фазои меҳнатии дар хонавода мавҷудбуда мебошад. Ҳама аҳли хонавода корҳоро дар мӯҳлаташ ва босифат анҷом медиҳанд. Чунин хонавода муҳит ва фазои солимеро барои ташаккули хислатҳои меҳнатдӯстӣ, ахлоқи ҳамида муҳайё намудааст.

Таҳқиқоти сотсиологӣ нишон доданд, ки танҳо 33%-и волидайн наврасонро ба корҳои хоҷагидорӣ дар хонавода ҷалб менамоянд. Наврасон дар ҳар панҷяки хонаводаҳо ҷузъан ба кор ҷалб мегарданд, дар боқимонда, умуман, наврасон ба меҳнати хонаводагӣ ҷалб карда намешаванд.

Ба волидайн лозим аст, ки дар наврасон сифатҳои сарфакорӣ ва масъулиятро ривоҷ дода, таҷриба нишон медиҳад, ки дарки масоили хонаводагӣ дар ҷавонони оянда маҳз аз овони наврасӣ дар хонавода оғоз меёбад. Ба наврасон ҳолати воқеан, маблағи пулиро кор кардан ва онро

қадр кардан бояд омӯхта шавад. Истифодаи маблағро аз қуттии пулҳои захиракардаашон оғоз карда, кисахарҷиро низ истифода намудан аз фоида холӣ нест. Ин иқдомҳо боиси он мегарданд, ки дар наврасон рафтори оқилонаи иқтисодӣ ташаккул меёбад.

Яке аз ҷанбахои муҳими тарбияи меҳнатдӯстӣ ва иқтисодии хонаводагии наврасон ин буҷети хонавода мебошад. Аксар волидайн ғамхорона кӯшиш менамоянд, ки фарзандони онҳо либоси хуб ба бар кунанд, хӯроки хуб истеъмол намоянд, бо ҳама чизи зарурӣ таъмин бошанд. Онҳо албатта, аз меҳру муҳаббати ба фарзанд дошта ин корро анҷом медиҳанд. Волидайн барои худ аз бисёр чизҳо худдорӣ менамоянд, вале талаботи кӯдакро ҳамчун «қонун» мепиндоранд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар чунин хонаводаҳо кӯдакон дар бораи касбу кор, меҳнати хонаводагӣ комилан бехабаранд. Дарк намекунанд, ки бо чи душворӣ волидайн хоҳишу талаботи онҳоро иҷро мекунанд. Ҳамчунон, ин кӯдакон дар бораи меҳнати дигарон чизеро намедонанд, умуман, дар бораи меҳнат тасаввурот надоранд. Онҳо танҳо хоҳиши худ ва қонеъ кардани онро медонанд. Ин роҳи нодуруст ва зараровари тарбия мебошад, ки ба ҳама аҳли хонавода ва кӯдакон зарари ҷиддӣ меорад.

Аз диди мо беҳтар мешавад, ки буҷети хонаводагиро аз наврасон набояд пинҳон кард. Онҳо бояд дар муҳокимаи буҷети хонаводагӣ иштирок намоянд. Ин аз чанд ҷиҳат муфид аст. Наврас таҷрибаи ҳаётиро бархӯрдор гашта, имконияти молиявии хонавода ва талаботи худро дарк мекунад. Вай худро аъзои комилҳуқуқи хонавода ҳис менамояд ва дар ҳалли масоили буҷетӣ овози худро дорад.

Наврас бояд дар бораи музди кор, яъне маош тасаввуроти амиқ дошта бошад. Хел хуб мебуд, ки наврас ҳар чи барвақттар огоҳ шавад, ки маош чи хел ба даст меояд. Ба наврасон дар бораи касб ва шуғлҳои худ нақл кунед, агар имконият бошад, барои ӯ ба ҷойи кори худ саёҳат ташкил кунед.

Ҳеҷ вақт меҳнатро ба дараҷаи ифрот расондан лозим нест. Ин дар наврасон ҳисси нафрат ба меҳнатро ба вуҷуд меорад.

Агар хонавода барои фароғати молиявӣ имкон дошта бошад, ба наврасон имконият дода нашавад, ки аз ин кибру ғурур нишон диҳанд.

Агар хонавода мушкилиҳои молиявӣ дошта бошад, набояд имконият диҳад, ки наврасон ба дигарон ҳасад баранд. Ана, дар чунин хонавода тоқатфарсоӣ, кӯшиши дигар кардани аҳвол тарбия карда мешавад.

Хонавода бояд дар наврас меҳнатдӯстиро ташаккул дода, ӯро ба интихоби касбу шуғли оянда омода созад. Кори дӯстдошта, мақбул ва мартабаву манзалат орзуи ҳар як наврас мебошад. Аммо наврасон на ҳама вақт имконияти интихоби касбиояндаи худро доранд. Махсусиятҳои равонӣ ва ҷисмонии худро муайян карда наметавонанд, таҷрибаи кори ҳаётӣ надоранд. Хонавода омили асосӣ дар интихоби касбу кориояндаи наврас мебошад. Танҳо волидайн имконияти равонӣ, ҷисмонӣ ва зеҳнии фарзанди худ, шавқу рағбат, дараҷаи дониш, маҳорату малакаи ӯро хуб медонад. Вақте ба наврас мегӯяд, ки «кӣ бояд шуд?», ҷавоб бояд дод, ки инсони комил шудан муҳим аст, зеро ки дар ҳар як касбу кор поквиҷдонӣ, кордонӣ, дақиқбинӣ, меҳнатдӯстӣ сифатҳои асосӣ ба ҳисоб меравранд. Нақлҳои модар, падар, дӯстони хонавода дар бораи кори худ наврасонро ба интихоби дуруст майл менамояд. Хеле муҳим аст, ки дар наврасон тасаввуроти дуруст оид ба аҳамият ва фоидаи ҷамъиятии ин ё он касб пайдо шавад. Мазмуни кор, талаботи барои шахс зарури онро низ наврас бояд дарк кунад.

**Бахши амалӣ**

Дар вақти омодагии пешакӣ ба суолҳо хонандагон ҷавоб навиштаанд. Чунин саволҳо пешниҳод гардида буд:

Саволҳо ба хонандагон

1. Дар хонавода ба волидайн кумак мекунед?
2. Супоришҳои доимӣ дар хонавода доред?
3. Ин супоришҳоро бо хоҳиши худ иҷро мекунед?

4. Кадом корҳоро мехостед иҷро кунед?
5. Волидайн Шуморо ҳавасманд мекунанд?
6. Волидайн барои иҷро накардани супоришҳо Шуморо ҷазо медиҳанд?
7. Корҳо дар хонаводаи шумо ба мардона ва занона тақсим мешаванд?
8. Дар бараи касбу кори волидайн чиро медонед?
9. Кадом касбро дар оянда интихоб карданӣ ҳастед?
10. Оё боре худро дар ҷойи волидайн мондаед?
11. Оё худро фарзанди сазовори волидайн мешуморед?

Саволҳо барои волидайн

1.Наврас дар хона ба Шумо кумак мекунад?

2.Фарзанди Шумо дар хона супоришҳои доимӣ дорад? Кадомҳо?

3. Оё бо хоҳиши худаш супоришҳоро иҷро мекунад?

4.Хоҳишатонро боз такрор кардан лозим меояд?

5.Фарзандонро барои иҷрои супориш ҳавасманд мекунед?

6. Шумо чӣ кор мекунед, агар фарзандатон иҷрои супоришро рад намояд?

7.Шумо дар сурати иҷро накардани супориш фарзандонатонро ҷазо медиҳед? Чӣ хел ҷазо?

8.Дар хонаводаи шумо корҳои меҳнатии якҷоя ҳаст?

9.Шумо корҳоро ба занона ва мардона ҷудо мекунед?

10.Оё шумо боре худро дар ҷойи фарзандатон тасаввур кардаед?

11. Оё шумо худро волидайни сазовор мешуморед?

Дар вақти озмоиш якчанд вазъиятҳои воқеӣ ба волидайн пешниҳод гардид, ки ҳаллашон зарур аст:

**Вазъияти 1.**

Шумо бисёр кор мекунед, аксар вақт банд ҳастед. Бинобар ин, аз фарзандатон хоҳиш мекунед, ки баъзе корҳоро дар хона иҷро намояд. Фарзандатон ҳазорҳо баҳона меҷӯяд, аммо дар ин муддат бо дӯстонаш

суҳбат мекунад, телевизор тамошо мекунад. Вақте ки волидайн ҷанҷол мекунанд. Ба ҳуҷраи худ меравад ва ба хоҳиши волидайн беэътиноӣ зоҳир менамояд.

**Вазъияти 2.**

Дар ин хонаводa охири ҳафта фарзандон аз натиҷаи таҳсил хисобот медиҳанд. Агар аз нуқтаи назари волидайн пешравӣ мушоҳида гардад, наврасҳо бо кисахарҷӣ ҳавсманд карда мешуданд. Агар пешравӣ мушоҳида нагардад, ба наврасон чунин ҷазо додан дар назар дошта мешуд. Онҳо бояд корҳои хонаро анҷом диҳанд, масалан: рӯбучин, об додани полиз, боғ ва ғайра. Корҳо хеле бисёр буданд, бинобар ин наврасон кӯшиш мекарданд дар таҳсил пешравӣ ва комёбӣ дошта бошанд.

**Вазъияти 4.**

Ба писар супориш дода шуда буд, ки барои хӯроки шом нон харад. Ба ҳамсинфон вохӯрда, ҳама чизро фаромӯш кард. Волидайн ба хона баргашта огоҳ шуданд, ки писарашон супоришро иҷро накардааст.

Падар барои харидани нон рафт. Вақте ки барои хӯроки шом нишастанд, писарро аз хӯрдани шом маҳрум кард. Байни волидайн низоъ рух дод, модар гиря кард, писар аз ҳуҷраи худаш набаромад.

Ҳалли дурусти вазъиятро пешниҳод кунед.

**Вазъияти 5.**

Модар ва падар аз кор ба хона бармегарданд. Дар ошхона ҷамъи зарфҳо ношуста. Модар овоз баланд мекунад, падар наврасро сарзаниш мекунад. Наврас ошкоро гӯш намедиҳад. Модар ба ошхона меравад, то зарфҳоро бишӯяд.

Ҳалли дурусти вазъиятро пешниҳод намоед.

Мо ин вазъиятро ба волидайн пешниҳод намудем, то ҳалли дуруст ва ниҳоиро пешниҳод намояд.

Баъди анҷоми маҷлис хулосаи саволномаҳо ҷамъбаст гардид. Волидайн аз гузаронидани чунин маҷлис қаноатманд гардида, ҳамкории ҳар чи бештарро бо мактаб барои таҷрибаи иқтисодӣ ва меҳнатии фарзандонашон хоҳиш намуданд. Ҳамчунон волидайн пешниҳод ва хоҳиш намуданд, ки аз тарафи мутахассисон, шахсони комёб ва маъруф ба маҷлис барои маърӯза кардан даъват шаванд, то ки якҷоя масоили мубрами тарбияи хонаводагӣ-иқтисодиро ҳаллу фасл намоянд.

Дар охир мо якчанд тавсияҳоро ба волидайн пешниҳод менамоем:

1. Дар талаботи худ пайваста устувор бошед;

2. Хусусияти инфиродӣ ва синнусолии фарзандонро ба эътибор гиред;

3. Барои таҳсин гуфтан хасис набошед, хусусан, агар фарзандонатон хуб меҳнат карда бошанд;

4. Меҳнатро ҳамчун ҷазо истифода накунед;

5. Ба фарзандон эҳтиром кардани меҳнати худ ва дигаронро омӯзонед;

6. Дар наврасон ҳисси эҳтиром нибат ба ҳама гуна меҳнатро бедор кунед;

7. Моҳирона натиҷаи меҳнати наврасро баҳогузорӣ намоед;

## Хулосаи боби дуюм

Дониши ибтидоиро роҷеъ ба иқтисодиёт кӯдакон дар хонавода мегиранд. Маъмулан, яке аз вазифаҳои хонавода фаъолияти хоҷагидорӣ-иқтисодӣ мебошад. Ин албатта, мақсади ниҳоӣ нест, аммо шарти зарурии ҳаёт ва инкишофи муносибатҳою муоширатҳои хонаводагии воқеӣ ба шумор меравад.

Тарбияи иқтисодӣ-хонаводагӣ баъзе махсусиятҳо ва бартариятҳоро нисбати дигар намудҳои тарбия дорост. Пеш аз ҳама, он ба нуфузи волидайн, неруи анъанавии одатҳои хонавода вобаста аст.

Тарбияи иқтисодӣ инфиродист ва бевосита ба кӯдакони хонавода нигаронида мешавад. Аз ин хотир, тарбияи иқтисодии кӯдакон дар хонавода ҳамчун таъсири мақсадноки аъзои хонавода, тарзи зисти воқеии хонавода барои дар кӯдакон ташаккул додани муносибатҳо ба моликияти шахсӣ ва ҷамъиятӣ, эҳтироми меҳнати одамон, эҳтиром ба меҳнат дар ҳама шакл, хислатҳои ахлоқӣ-иқтисодӣ ба шумор меравад.

Барои он ки хислатҳои ахлоқӣ-иқтисодиро ташаккул диҳем, бояд дарк намоем, ки мустаҳкамкунии хислатҳои ахлоқӣ-иқтисодӣ аз механизми ташаккули он вобаста аст. Пеш аз ҳама, ин раванд дар асоси тасаввуроти даркшуда оид ба моҳияти ин хислат, зарурияти он, бартарият доштани он бунёд мегардад.

Ба кумаки тарбияи иқтисодии наврасон тасаввурот ва мафҳуми иқтисодӣ, инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ ва, инчунин, дар маҷмӯъ механизми мавҷуд будаи иқтисодиро аз худ мекунанд. Мақсади асосии тарбияи иқтисодӣ ин арзишҳои моддиро барои худ кушодан, рафтори муайяни ахлоқӣ-иқтисодиро омӯхта, дар худ муносибати мақбулро нисбат ба арзишҳои моддиву маънавии ҳаёти воқеии инсонӣ пайдо кардан аст.

Се дараҷаи азхудкунии дониш ва меҳнати иқтисодӣ муайян гардид:

**1**. Масъалаи иттилоотӣ. Ин ҷо шиносоии хонандагон бо мафҳумҳои иқтисодӣ (даромад, хароҷот, захира, талабот, моликият, хоҷагӣ, нарх, арзиш, интихоб, назорат, тиҷорат ва ғайра, инчунин шиносоӣ оид ба рафтори дуруст дар раванди фаъолияти таълимию тарбиявӣ, сифатҳо (хусусиятҳо) ва имкониятҳои шахсӣ низ иҷро мегарданд.

**2**. Меъёри ҳавасмандкунӣ. Ҳавасмандшавии хонандагон ба меҳнати ҷамъиятӣ, ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-иқтисодӣ ба мисли сарфакорӣ, соҳибкорӣ, аниқкорӣ, мустақилият, масъулиятнокӣ, ташаббускорӣ ва ғайра асоси меъёри мазкурро ташкил медиҳанд.

**3**. Меъёри амалӣ-фаъолиятнокӣ. Дар худ мавҷудияти малакаи баҳисобгирӣ, банақшагирии меҳнат, ғамхорӣ ва эҳтиёт кардани

моликияти шахсӣ, мактабӣ ва хонавода, маҳорати барқарор кардани алоқаи иҷтимоӣ ва иҷро намудани нақшҳои гуногуни иҷтимоиро инкишоф додан асоси ин меъёр мебошад.

Дар натиҷаи ҷамъбасти озмоиш ба омӯзгорон ҳангоми кор бо волидайн барои тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода чунин тавсияҳоро пешкаш менамоем:

1. Конференсияҳои мавзӯӣ. Гузаронидани конференсияҳо дар мавзуи тарбияи иқтисодии наврасон натиҷабахш аст. Онҳо таваҷҷуҳи волидайн, аҳли ҷомеа, намояндаҳои ташкилотҳои ҷомеавиро ба мавзӯи мазкур ҷалб менамоянд

2. Иштирок дар барномаҳои Воситаҳои ахбори омма вобаста ба мавзуи мазкур низ натиҷаҳои дилхоҳ медиҳанд.

3. Мубоҳиса. Гузаронидани суҳбатҳо бо волидайн ва намояндагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ таваҷҷуҳи бештари волидайнро ба муҳокимаи мушкилот, роҳҳои ҳалли онҳо ҷалб менамоянд. Вохӯрии волидайнро бо маъмурияти мактаб аҳли омӯзгорон бояд ҳар сол ташкил намуд. Омӯзгорон волидайнро бо мушкилиҳои мавзуъ шинос намуда, нақшаи кори якҷояро мекашанд.

4. Кори якҷояи педагогҳо ва волидайн низ хеле муфид аст. Волидайн дар ҳалли мушкилот такягоҳи омӯзгоранд, дар натиҷаи кори муштарак натиҷаи дилхоҳ ба даст меояд.

5. Корҳои волидайн. Дар шакли вохӯрӣ гузаронида шуда, махсусан, ҷалб намудани волидайн ба мушкилоти тарбияи иқтисодӣ мебошад.

6. Корҳои маърифатӣ. Ташкили форумҳои дониш, ҳисобот аз рӯи мавзуъ, рӯзҳои дарсҳои кушод, ҷашнҳои эҷодӣ ва дониш асоси ин намуди корро ташкил медиҳанд. Волидайн дар ин корҳо бевосита метавонанд ширкат варзанд.

7. Фаъолияти меҳнатӣ. Таҷҳизонидани синфхонаҳо ширкат дар корҳои ободонии муассисаи таҳсилотӣ, ташкили меҳнати якҷоя, таъсиси

китобхонаи синфӣ, фурӯши ҳунарҳои дастӣ асоси ҷалб намудани хонандагон ба меҳнат мебошад.

8. Истироҳат. Гузаронидани ҷашнҳои якҷоя, ташкили консертҳо, намоишҳо, тамошо ва муҳокимаи филмҳо, мусобиқаҳо, саёҳатҳои мақсадноки ба истироҳат ва ҳамзамон ба тарбияи иқтисодӣ равонагардида натиҷаи дилхоҳ хоҳанд дод. Ҷалби волидайн дар ташкили истироҳати хонандагон низ таҷрибаи натиҷабахш аст.

**Тавсияҳо ба волидайн дар тарбияи иқтисодии наврасон**

Шароити хоҷагидорӣ имконияти васеъ дар ҷалб кардан ва шавқманд намудани наврасон дар амаликунии масъалаҳои иқтисодӣ (тарбияи иқтисодӣ) дар дараҷаи маиширо доро мебошад. Барои ин ба волидайн лозим аст, ки ҳақиқатҳои зеринро амалӣ намоянд:

- наврасонро ба меҳнати хоҷагиву маишӣ ҷалб намудан;

- масраф кардани буҷети хонаводагӣ бо ба назар гирифтани андешаи наврасон;

- пинҳон накардани даромад ва хароҷоти маблағи пулӣ аз наврасон;

- ба наврасон бояд фаҳмонд, ки кадом намуди фаъолияти меҳнатӣ чи қадар даромад меорад.

- супориш додан ба наврас барои харҷ кардани маблағи муайян. Бо ҳамин маблағ наврас худаш харид кунад. Муҳокима намоед, хариди кӣ беҳтар аст;

- дар ҳузури наврас хариди нолозим накардан;

- агар наврас чизеро дуздида бошад, сабаби ин ва баргардонидани он;

- пулро ҳеҷ гоҳ ҳамчун ҷазо ва ҳавасмандкунӣ истифода накардан;

- ба наврас талқин кардани он ки ҳеҷ чиз ройгон ба даст намеояд.

Барои пул кор кардан, меҳнат кардан лозим аст:

- ба наврас фарқи хоҳиш ва зарурро фаҳмонидан. Наврас бояд имконияти моддии хонаводаро дарк намояд ва омӯзад, ки барои ноил гардидан ба хоҳиши худ кӯшиш намояд;

- дар сурати кореро пайдо карда, хоҳиши пул кор кардани наврас, ӯро дилхунук накарда, якҷоя кори беҳатар ва сабукро ҷустуҷӯ намудан лозим аст;

- бо наврас якҷоя адабиёти бачагонаро дар мавзуи иқтисодӣ мутолиа намудан;

# ХУЛОСАИ УМУМӢ

Бо гузаштан ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ дар ҷомеа дигаргуниҳои иктисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, фарҳангии нав ба миён омаданд. Иқтисоди бозорӣ комилан ба ҷомеаи тоҷик баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои нав ба шумор меравад.

Кишвари тоҷик аввалин қадамҳоро ба сӯйи муносибатҳои нав, яъне иқтисоди бозорӣ мегузорад ва дар давраи гузариш аз ҷомеаи плании сотсиалистӣ ба иқтисоди бозорӣ қарор дорад. Хоҳ-нохоҳ давраи гузариш ин барои аҳли ҷомеа мушкилиҳои зиёдеро пеш меорад ва аз инсони даврони бозорӣ комилан дигар арзишҳоро талаб мекунад. Ин арзишҳои иқтисодӣ ахлоқӣ, молиявӣ, фарҳангӣ мебошанд, ки барои шахси даврони иқтисоди бозорӣ заруранд.

Дар сохтори иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа низ дигаргуниҳо ва мушкилиҳои зиёде падид гаштанд. Нобаробарӣ дар тақсимоти неъматҳои моддӣ байни ҳамаи қишри ҷомеа, талаботи сангин дар системаи иқтисодӣ ин худ мушкилоти ҷиддӣ барои ҷомеа мебошад. Аз инсони даврони иқтисоди бозорӣ талаботи нав, ба монанди дониши васеи иқтисодӣ, маърифати молиявӣ, арзишҳои нави ахлоқӣ, маҳорату малакаи иқтисодиро тақозо менамояд. Имрӯз пушида нест, ки ҳар як шахси даврони иқтисоди бозорӣ бояд дониши иқтисодӣ, фарҳанги иқтисодӣ, маърифати молиявиро бархӯрдор бошад, вагарна мавқеи худро пайдо кардан, некуаҳволии хонаводагиро таъмин намудан имконнопазир мегардад.

Дар ҷомеа намуди нави тарбия, яъне тарбияи иқтисодӣ ҳамчун зарурияти ногузир ба миён меояд. Маҳз тарбияи иқтисодӣ ва маърифати моллиявӣ метавонад дар як вазъи душвор барои ташаккули шахсияти замони иқтисоди бозорӣ кумак намояд.

Тарбияи иқтисодӣ бояд тамоми аҳли ҷомеаро фаро гирад ва ҳамаи институтҳои тарбиявии ҷамъиятӣ бояд дар ин раванд саҳми худро гузоранд. Дар ин раванд саҳми хонавода ҳамчун институти бунёдии

тарбиявӣ хеле калон аст. Ба уҳдаи хонавода масоили душвори тарбияи иқтисодӣ ва маърифати молиявӣ гузошта мешавад.

Институтҳои тарбиявӣ ин ташкилот ва сохторҳои ҷамъиятиеанд, ки онҳо дар тарбияи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ саҳм мегузоранд ва муҳити ин ташкилотҳо ба рушди шахс таъсири назаррас мерасонад.

Хонавода ин институти ҷамъиятиест, ки он ҷо кӯдак таҳти тарбия фаро гирифта мешавад ва хонавода худ институти тарбиявии анъанавист, зеро наврас маҳз дар хонавода аввалин донишро дар бораи олами атроф мегирад. Дар сурати нуфузи фарҳанги маърифатии волидайн наврас на танҳо дониши ибтидоӣ мегирад, балки дониш ва маърифати волидайн ба рушди ҳаматарафаи фарзандон таъсири назаррас мегузорад, наврасон дар тамоми давраи зиндагӣ дар хонавода аз донишу маърифати волидайн бархурдор мегарданд. Хонавода ин макони таваллуди кӯдак, муҳити зисту муайяни ахлоқӣ-психологӣ буда, аввалин мактаб дар муносибат бо атрофиён ба шумор меравад.

Маҳз дар хонавода тасаввуроти кӯдак оид ба неку бад, оид ба эҳтиром ба арзишҳои моддӣ ва маънавии зиндагӣ пайдо мешавад.

Шароити иҷтимоиву иқтисодии хонавода ба вазъи иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа вобастагии зич дорад. Хонаводаи аз ҷиҳати маърифатӣ тарбияёфта дар тарбияи фарҳангӣ нақши назаррасе гузошта метавонад ва он вазифаҳое, ки ҷомеа пеши аҳли худ мегузорад, ба уҳдаи хонавода вогузор аст.

Дар хонавода тарбияи ҷисмонӣ, эстетикӣ, меҳнатӣ, зехнӣ, ахлоқӣ ва иқтисодӣ бо ивазшавии синну сол амалӣ мегардад. Вобаста ба дараҷа ва омодагии волидайн ва дигар аъзоёни хонавода ба кӯдакону наврасон дониши ибтидоӣ, маҳорат ва малакаҳои гуногун омӯхта ва ташаккул дода мешаванд. Чунин хислатҳо, ба монанди накукорӣ, меҳрубонӣ, таваҷҷуҳ ва ҳамдилӣ, поквиҷдонӣ, дӯстиву рафоқат ва ғайра дар доираи хонавода ташаккул меёбанд. Бинобар ин, вазифаҳои муҳими хонавода тазаккурӣ (репродуктивӣ), иқтисодӣ, хулосавӣ, муошират, ташкили фаъолият ё истироҳатӣ мебошанд.

Дар хонавода хислатҳое ташаккул меёбанд, ки ташаккулёбии онҳо дар муҳити берун аз хонавода имкон надорад. Хонавода аъзоёни ҷомеаро парвариш мекунад ва аз чигунагии хонавода, чигунагии ҷомеа бармеояд. Хонавода идомадиҳандаи анъанаҳо мебошад. Вазифаи асосии хонавода тарбияи шаҳрванди ватандӯсти қонунпарасти ҷомеа мебошад.

Дар ҷомеаи имрӯза дар хонавода буҳрон мушоҳида карда мешавад ва роҳҳои аз ин варта наҷот ёфтан равшан нест. Буҳрон дар он зоҳир меёбад, ки хонавода дар вазифаи асосии худ-тарбияи фарзанд ночор мондааст. Ин, пеш аз ҳама, аз буҳрони иқтисодиву иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеа манша мегирад.

Сабабҳои асосии сатҳи пасти тарбияи хонаводагӣ, асосан, инҳоянд:

- сатҳи пасти иқтисодии хонавода;

- сатҳи пасти ҳаёти фарҳангии ҷомеа, ташаккули иҷтимоӣ, нобоварӣ ба оянда;

- сарбории зиёд барои занҳо дар хонавода;

- шумораи зиёди талоқ;

-гуногунақидагӣ байни волидайн.

Мазмуни тарбияи хонаводагиро мақсади асосии ҳар як ҷомеаи демократӣ муайян менамояд. Хонавода бояд шахсияти аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва рӯҳӣ солим, аз ҷиҳати ахлоқӣ инкишофёфтаро, ки ба ҳаёти дар пеш истодаи хонаводагӣ ва ҷамъиятӣ омода аст, ташаккул диҳад. Ҳамчунин, тарбияи ватандӯстӣ, иқтисодӣ, экологӣ, сиёсӣ, ҷинсии насли наврас вазифаи муҳими хонавода ба шумор меравад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ дар ҷомеа дигаргуниҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ пеш омадаанд. Акнун барои шахсе, ки дар ҷомеа фаъолият карда тавонад ва ба дигаргуниҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мутобиқ шавад, шартҳои наве заруранд.

Тарбияи иқтисодии наврас яке аз масъалаҳои муҳим дар назди аҳли ҷомеа истода ба шумор меравад, зеро навраси имрӯза пагоҳ ҷавон, фардо коргар мегардад. Аз оне ки имрӯз чи гуна насли наврасро тарбия

менамоем, ояндаи аҳли ҷомеа ҳал мешавад. Бинобар ин, дар назди хонавода, ҳамчун институти тарбиявии махсус ва муҳим тарбияи иқтисодии насли наврас масъалаи мубрам ба шумор меравад.

Донишҳои иқтисодӣ, шиносоӣ бо мафҳумҳои сода ва мураккаби иқтисодӣ, ташаккули тасаввурот, муҳим будани малакаи иқтисодиву молиявӣ маҳз он заруриятҳоеанд, ки бояд хонавода онҳоро ҳал намояд. Маърифати иқтисодӣ ва молиявӣ ба наврасон имкон медиҳад, ки ба вазъи мураккаби иқтисоди бозорӣ худро мутобиқ кунанд ва шахсияти замони иқтисоди бозориро ташаккул диҳанд. Хонавода бо такя ба имконоти худ метавонад дар тарбияи иқтисодӣ, молиявӣ ва ахлоқии насли наврас нақши боризро бозад.

Ҳамкории мутақобилаи мактаб ва хонавода дар роҳи ҳалли мақсадҳои дарозмуддати инкишофи фарҳанги иқтисодии насли наврас барои ташаккули худшиносии онҳо шароит фароҳам меорад. Вазифаи асосие, ки дар назди хонавода дар тарбияи иқтисодии фарзанд муҳим дониста мешавад, тибқи назари мо чунинанд:

- фароҳам овардани шароити мувофиқ барои инкишофи наврасон;
- ҳифзи иҷтимоиву иқтисодӣ ва психологии наврасон;
- омӯзонидани таҷрибаи хонаводагӣ барои ташкили хонавода дар оянда;
- ташаккули малака ва маҳорати муфиди худхизматрасонӣ, ҳамчунин омӯзонидани кумак ба дигарон;
- тарбияи ҳиссиёти қадр кардани шахсияти худ, яъне эҳтиром ба шахсияти худ.

Мақсади тарбияи иқтисодии хонаводагии насли наврас ташаккули чунин хислатҳои шахсӣ мебошад, ки барои бартараф кардани монеаҳо, мушкилиҳои дар ҳаёт мавҷудбуда равона карда мешавад.

Дар адабиёти иқтисодӣ муайянкунандаи мафҳуми тарбия дар хонавода хеле зиёданд. Тавсияти он аз муносибати методологӣ ва консепсияи тарбия бармеояд. Хонавода метавонад ҳамчун омили мусбат ва манфии тарбия гардад. Таъсири мусбат ба шахсияти наврас дар он

зуҳур меёбад, ки шахсони дар хонавода ба вай наздик бо ӯ муносибати беҳтар мекунанд, ӯро хеле хуб парастиш менамоянд. Ҳамзамон, агар муҳити хонавода беҳ набошад, ба наврас дар тарбия он қадар зарба зада мешавад, ки натиҷаи номатлуби онро минбаъд дар ташаккули ӯ бараъло шоҳид мегардем.

Ҳоло дар шароити имрӯза таъсири тарбияи хонаводагии иқтисодӣ барои ташаккули махсусияти кӯдакон ва наврасон дар кишвари мо ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Сабабҳои ин камтаваҷҷуҳӣ дар он аст, ки дар давраи хоҷагидории сотсиалистӣ ва иқтисоди планӣ тарбияи иқтисодии хонаводагӣ вуҷуд надошт ва акнун дар давраи муносибатҳои бозорӣ он ҳамчун масъалаи мубрам дар назди муҳаққиқон қарор дорад.

Тарбия ҳамчун маҷмӯи нуқтаи назар эътиқод, ангезаи рафтор буда, ҳамеша бо маълумоти нав, ҳолатҳои ҳаётӣ, меъёрҳои муоширатӣ, маҷмӯи арзишҳои ҷамъиятӣ инкишоф дода мешавад. Аз ин ҷост, ки ҳангоми ба нақша гирнифтани таълими иқтисодии мактаббачагон мақсади асосӣ тарбия ва ташаккули шахсияти насли наврас ба шумор меравад.

Тарбияи иқтисодӣ ҳамчун ангеза ба фаъолият, амалҳои тарбиягирандагон баромад мекунад. Дар шароити имрӯза талабот ба донишҳои иқтисодӣ ва молиявӣ, аз худ намудани салоҳиятҳои калидии иҷтимоиву иқтисодӣ хеле афзудааст. Омодашавии иҷтимоиву психологии тарбияи иқтисодӣ он қадар муҳим гаштааст, ки инкор кардани омӯзиши он дар мактабҳои умумӣ ғайриимкон аст.

Дар шароити иҷтимоиву иқтисодии давраи иқтисоди бозорӣ ҳалли масъалаи тарбияи иқтисодӣ ниҳоят муҳим мебошад, зеро ҳаёт дар назди наврас талаботи ҷиддӣ мегузорад. Тарбияи иқтисодӣ ин воситаи баланд бардоштани фарҳанги иқтисодии шахс ва ҷомеа мебошад. Он ба наврасон имконияти бештареро барои мавқеи фаъоли шаҳрвандиро ишғол намудан мусоидат менамояд. Ҳамчунин мутобиқ шудан, комёб гардиданро дар шароити душвори иҷтимоиву иқтисод муносибатҳои

бозорӣ осон менамяод.

Муносибати иқтисодӣ дар хонавода то андозае муносибатҳои иқтисодии ҷомеаро инъикос намуда, талаботи меҳнатӣ, моддӣ, молиявӣ ва маърифати онҳоро муайян менамояд. Ба иқтисодиёт ҷалб кардани наврасон, маърифати ибтидоии иқтисодӣ ҳамчун омили муҳим барои иҷтимоикунонии иқтисодӣ ба шумор рафта, ба муносибати наврас таъсири амиқ мегузорад ва, умуман, ба ташаккули шахсияти наврас мусоидат мекунад.

Тарбия ва маърифати иқтисодӣ ба иҷтимоикунии наврас мусоидат менамояд, ба ҳаёти болиғ гузаштанро осон мегардонанд ва мутаносибан ба муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҳамвора ворид мешавад.

Вобаста ба воридшавии ҷомеа ба муносибатҳои нав, яъне муносибати иқтисоди бозорӣ дар сохтори иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳангӣ, рафтори ахлоқӣ анъанаҳои комплексию вазифаҳо ва зарурияти ҷиддиро пеш мегузорад.

Ба андешаи мо, ҷомеа, хонавода, институтҳои ҷамъиятии тарбия дар самти тарбияи иқтисодӣ ва маърифати молиявии насли наврас масъалаи муҳим ҳисобида мешавад.

Дар натиҷаи таҳқиқот хулосаҳои зерин бароварда шуд ва барои ҳалли онҳо мо якчанд пешниҳод дорем:

1. Тарбияи иқтисодӣ ва маърифати молиявии наврасон ҳамчун масъалаи мубрам ва стратегӣ дониста шавад.

2. Ба тарбияи иқтисодӣ ва маърифати молиявии насли наврас тамоми институтҳои ҷомеа ҷалб карда шаванд.

3. Нақши асосиро дар тарбияи иқтисодии наврас, албатта дар марҳилаҳои ибтидоӣ  хонавода мебозад ва дигар институтҳои тарбиявӣ бояд робитаи ҳамкориро бо хонавода ба роҳ монанд.

4. Зарурияти ҷорӣ кардани фанни иқтисод дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба миён омадааст ва он,  албатта,  яке аз роҳҳои ҳалли мушкилот ба шумор меравад.

5. Дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ тибқи имконият таваҷҷуҳро ба тарбияи иқтисодӣ ва маърифати молиявии наврасон равона намудан лозим аст.

6. Кумаки педагогӣ, психологӣ ва маърифатии хонаводаҳо барои тарбияи иқтисодии наврасон шарти муҳим дар тарбияи насли наврас ба шумор меравад.

7. Хонавода ва дигар институтҳои тарбиявиро лозим аст, ки тарбияи иқтисодӣ ва маърифати молиявиро ҳамвора бо тарбияи ахлоқӣ, зебоипарастӣ, меҳнатӣ, экологӣ ва маънавиии насли наврас ба роҳ монанд.

8. Дар раванди тарбияи иқтисодӣ ба арзишҳои ахлоқӣ, миллӣ ва маънавӣ бояд таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

9. Барои бо меҳнати шоиста ҷалб намудани насли наврас ва муҳайё намудани шароит барои меҳнати онҳо бо мақсади ташаккули шахсияти даврони иқтисоди бозорӣ таҷрибаи даврони шӯравӣ, таъсиси лагерҳои истироҳатӣ-меҳнатӣ, ташкили курсҳои кӯтоҳмуддат ҳамчун роҳи ҳалли масъала ба назар гирифта шавад.

10. Васоити ахбори омма, адибонро ба тарғибу таблиғи донишҳои иқтисодӣ ҷалб намудан низ масъалаи муҳим ба шумор меравад. Ин роҳи ғайрирасмии фаро гирифтани тарбияи иқтисодии насли наврас маҳсуб меёбад.

11. Ҷомеа бояд нақши тарбияи иқтисодӣ ва маърифати хонаводагиро ҳамчун намудҳои тарбияи муҳим дар мадди назар гирад.

**Тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амал**

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада дар натиҷаи омӯзишу таҳқиқ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити имрӯза корҳои таҷрибавию озмоишӣ кӯмак мерасонад. Ингуна озмоишҳо имкон медиҳанд, ки омӯзгорону волидайни хонандагон ҳисси масъулиятшиносиро бештар эҳсос карда, тавсияҳои зеринро оид ба амалии натиҷаҳои таҳқиқоти

мазкур пешниҳод намоем:

- Волидайн бояд нисбати фарзандон хушмуомила бошанд ва ба ҳар як рафтору кирдори кӯдак дуруст аҳамият диҳанд;

- Омӯзгорону волидайн ба омӯзиши мафҳумҳои иқтисодӣ ва таъсири онҳо ба ҷамъият диққати зарурӣ диҳанд;

- Омӯзгор бояд шахсе бошад поквиҷдон, хушмуомила, хушгуфтор ва ҳамаи хислатҳои неки инсониро доро бошад;

- Омӯзгор бояд бозаковат, мулоҳизакор ва нозукбин бошад, ҳамчунин, аз илми ахлоқ, сиёсат, ҷомеашиносӣ, кишоварзӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ бохабар бошад ва ҳамеша аз сифоти ҳикмат, зиракӣ ва ҷиддият бояд истифода барад ва бар замми ҳамаи ин дониши хуб ва рафтори намунавӣ дошта бошад;

- Шароити мусоиди иқтисодӣ барои тарбияи кӯдакон ва хонандагон фароҳам оварда шаванд;

- Бо истифода аз афкори мутафаккирони ҷаҳонию ватанӣ бо дар назардошти анъанаҳои миллии халқи тоҷик ҳисси меҳнатдӯстии хонандагонро баланд бардоранд;

- Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба машғулиятҳои дарсии омӯзгорон таваҷҷуҳи хосса дода шавад.

# РУЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## 1.Ҳуҷҷатҳои меъёрӣ

1.1. Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак. 1989. -26 с.

1.2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,2003.32с.

1.3. Суханронии президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба лоиҳаи қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд «14 декабри 2010.-Душанбе, 2010. –31с.

1.4. Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон“Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”.28 августи 2017.№1461.6 с.

## 2. Монография ва мақолаҳо

2.1. Абросимов В.Н. Конструирование образовательной среды формирования экономической культуры школьников: Автореф. дис. канд. педнаук. Красноярск, 2000.-31 с

2.2. Автономов А.Я., Малышев М.П. Совершенствование экономического воспитания учащихся.//Педагогика.-2007.-№8,с.53-57.

2.3. Аменд А. Ф. Взаимодействие школы и семьи в экономическим воспитании детей. метод. Рекомендации. - М,1981.

2.4. Аменд А.Ф.Непрерывное экономическое образование в условиях общеобразовательной школы. - Алматы, 2004.- 45 с.

2.5. Аменд А.Ф., Васильев Ю.К., Вульфов Б.З. Экономическое воспитание учащихся.-М.,2008.

2.6. Аменд В.Г.Пути совершенствования экономического вопитания учащихся в общеобразовательной школе. Авт.дис.канд.пед.наук.-Челябинск, 1975.-29с.

2.7.Андреев Л.Н. Условия преподавания экономических дисциплин в контексте реформы высшего образования (науч.конф.).Вязьма,-2003-93 с.

2.8. Архипова Е. Экономическое воспитание детей.//Премеск.2000.-№6.-с.12-15.

2.9. Атоев Н.М. Педагогические условия экономического

воспитания старшеклассников:Автореф.дис.канд.пед.наук.-Алма-Ата. 1993.-22 с.

2.10. Ахметишина Г.К., Воробьев И.В., Щукин А.С.. Экономическое воспитание учащихся: формы и методы. –Казань, 2007.С.146-155.

2.11. Бадмаев С.Б., Березовская Д.А. Экономическое воспитание учащихся. Элиста: Калм. кн. изд-во, 2008.-70 с.

2.12.Бакшт К.Вкус жизни : как достигать успеха, финансовой свободы и управлять своей судьбой. -Санкт-Петербург, 2019.-528 с.

2.13.Беллолюбинская А.Ю. Роль семьи в социализации подростка.-Москва:Энергосервис, 2015.-158 с.

2.14.Белкина А.С. Основы возрастной педагогики.-М.:Академия, 2000.-164 с.

2.15.Богомолова М.И. Исходные аспекты экономического воспитания детей. Материалы научно-практической конференции. часть 1. Толяти.:ТГУ, 2006.с.29-34.

2.16. Бокарев А.А. За пять лет мы заложили основы для системного развития финансовой грамотности. - Москва:Финансы.2017.

2.17.Валиева З.А., Розов В.К., Барила И.А., Кулакова Н.С. Роль семьи в экономическом воспитании детей.-М.-М.,2008.

2.18. Васильев Ю.К., Левчук З.К. Формирование экономической воспитанности школьников. М., 2008.С.91-101.

2.19.Васильев Ю.К. Экономическое образование и воспитание учащихся: Педагогика, 1083.-96 с.

2.20.Взаимодействие школы и семьи в экономической воспитании детей . Методические рекомендации-М., 2007.

2.21.Вигдорчук Е.А., Липсиц И.В., Корлюгова Ю.И. Финансовая грамотность, 5-7 классы общеобразовательная учебная программа.М.: Вита-Пресс. 2016.16 с.

2.22.Водовозова Е.Н. Умственное и нравственное воспитание детей от первого проявление сознания до школьного возрасте. -Москва, 2019.-

400 с.

2.23. Выготский Л.С. Воображение и творчество в детском возрасте. –М:Просвещение. 199ё. 93 с.

2.24.Гебеков Г.Х. Экономическое знание и экономическое воспитание школьников. -Махачкала: Дачпедгиз. 2009.

2.25.Глазурина П.Д.Экономическое воспитание дошкольников. справочные и методические материалы. –Мозарь: Содействие, 2001.-84 с.

2.26.Глебова Г.О. Экономическое воспитание школьников. –Минск, 2008.

2.27.Головей Л.А. Психология развития и возрастная психология. –Москва: Юрист, 2016.-413 с.

2.28.Грищенко М.Ф. Экономическая культура//Народная асвете.-2004.-№1.-С.51-58.

2.29.Гуртова Е.С. Азбука бережливости. Лачатковая школа, 1996.-№3.-С.14-16.

2.30.Диконская Ю.В. Тенденции развития онлайн-сервисов в образовании//педагогическая деятельность в условиях современной информационной образовательной среды.-2019.№4.-31-34 .

2.31.Дробышева Г.В. Экономическая социализация личности//Вестник Московского государственного областного университета. Серия: Психологические науки, 2018.№1.-с.12-18.

2.32.Евсеенко Ф.П. Экономическое воспитание как средство формирования у школьников потребности в труде//Экономическое воспитание и профориентация в школе. –Смоленск, 2007.-с.21-28.

2.33.Журавлев А.Л., Дробышева Т.В. Влияние раннего экономического образования на ценностные ориентации младших школьников//Знание. Понимание. Умение.-2012.-№1.-с.181-190.

2.34.Зарецкая И., Чернер С.Взаимосвязь экномского и нрвстенного восания школьников//школа.-2008.-№4 с.34-52.

2.35.Зеленцова А.В. Повышение финансовой грамотности населения. Международный опыт и российская практика. -Москва:

ЦИПСиР, 2019, -256 с.

2.36.Землянская Е.Н. Курс экономики для начальной школы.-М., 2007.

2.37,Иванова Н.Г. Экономическое воспитание дошкольников.-М.,2002.-175 с.

2.38.Имж А. Воспитание-это не только контроль: книга о любви детей и родителей.- Санкт-Петербург. 2018.-256 с.

2.39.Инченко Н.А. Подросток как субъект самоопределения: ресурсы и риски //Психологическая наука и образования.-2014 №1.

2.40.Как знакомить детей с денежными единицами.//Обруч. 1999.-№7.-с.24-26

2.41.Калиниченко Н.А. Единство трудового обучения и экономического воспитания //Педагогика.-2007.-№2.С.17-19.

2.42.Калминковская М. как знакомить детей с денежнеми знаками.//Обруч.1999.-«1.-с.24-26.

2.43.Коменский Х. Цели и содержании экономического. //Школьный экономический журнал.- 1998.-1-е.20-28.

2.44.Калан Л.И. Посеешь привычку, пожнешь характер.М, 1996 .

2.45.Кийосаки Р. Богатый ребенок, умный ребенок. М.:Попурри, 2017.-368 с.

2.46.Кларина Л.П. Экономика и экология для малышей.//Обруч, 1957. №4.-с.5-8.

2.47.Козлова С.А. Нравственное и трудовое воспитание дошкольников. М.: Академия. 2062.-186 с.

2.48.Кондратенко Т.В. Формирование основ экономической культуры младших школьников и учебной деятельности.- М.: Прсвещение, 2003.-175 с.

2.49.Концепция воспитания детей и учащихся молодежи в республике Белорусь. // Наустинецкая газета-2000.

2.50.Концепция модернизации российского образования на период до 2010 года. //директор школы.-2002.-№1-С.97-126.

2.51.Корлюгова Ю., Половникова А. Финансовая грамотность. 5-7 классы. Материалы для детей.-Москва, 2018.-80.

2.52.Красавина Е.В., Бродникова Е.А. Дети и деньги. Растим миллионера. Санкт-Петербург, 2013-256 с.

2.53.Крылова И., Федоров А. Учитель и экономическое воспитание школьников//Воспитание школьников.-208.-№1.С.41-42.

2.54.Кулик Л.А. Семейное воспитание.: Просвещение,-2003.-175 с.

2.55.Куликова Г.А.Семейная педагогика и домашнее воспитание.-М.:Академия,-1999-232 с.

2.56.Кунгурова Н.И., Терехов В.К. Введение в экономику. Часть 1.-Минск 1999.-271 с.

2.57.Кунгурова Н.И. Терехов В.К. Введение в экономику. Часть 2.-Смоленск 2003.-576 с.

2.58.Кунгурова Н.И. Школьникам основы менеджмента//Воспитание школьников 1995.-№2.4с.

2.59.Кунгурова Н.И. Экономическое воспитание в школе. 1996.№4.с.34-41.

2.60.Кураков Л.П. Экономическое образование и воспитание школьников. -М: Просвещение, 1987.-140 с.

2.61.Курак Е.А. Экономическое воспитание дошкольников. М.: ТЦ Сфера, 2002.-с.58.

2.62.Курак Е.А. Экономическое воспитание дошкольников. М.: ТЦ Сфера, 2002..80 с.

2.63.Лавритенко В.Н. Социология. М.,2005.-218 с.

2.64.Липсиц И.В. Экономика в средней школе.: Чему и как учить // Лачатковая школа.1994.-№10.37 с.

2.65.Липсиц И. Удивительные приключения в стране «экономика».-М., 1992.

2.66.Липсиц И.В. Вигдорчук Е.А. Финансовая грамотность: материалы для учащихся 5-7 классов щеоб.орг.М.: Вира-Пресс, 2016-2008.

2.67.Лисенко В. Встреча у гнома «Экономс»//Учительская газета.-1997.-№15.

2.68.Лихачев Б.Г. Рыночное отношение и воспитание//Воспитание школьников.1991.-№5.-56.

2.69.Лихачева Е.С. Развитие потенциала подростков //Современная проблема науки и образования.-2015.№2-1.-С.11-15.

2.70.Лобанок Т.С. Экономика и дети. Мозырь, 1999.

2.71. Лутфуллоев М. Душанбе .«Собириён»-2013. Осор – 5.

2.72. Лутфуллозода М. “Шоҳнома” ва тарбия. Душанбе 2022. 99 саҳ.

2.72.Маматова О.В. Семья как важнейший институт социализации.//Молодой ученый.-2014.-№6.- С 865-867.

2.73.Маркович О.Ж. Общая социология. М., 1998.-239 с.

2.74.Мацковский М.С. Социология семьи: проблемы теории методологии и методики.М.Наука, 1989-20 с.

2.75.Машкетова И. Что мы знаем об экономике.- Примско, 2009.-№6.

2.78.Мельникова О.И.Ээкономика детям, большим и маленьким.-М.,1984.35 с.

2.79.Мельничук И.А. Практикум по экономическому воспитанию младших школьников.-Брест, 1997.-64 с.

2.80.Мельничук И.А. Экономическое воспитание детей младего возраста: теория и практика./Вестник Бретского Университета., 1999.-№3.

2.81.Михальченко Ю.И. Экономическое воспитание школьников в процессе природоохранительной деятельности во внеурочное время.- М., 2007.

2.82.Москалева Н.Н. Игровая деятельность в семье как средство экономического воспитания детей.//педагогическое образование в России.-2015.-№2.-с.155-158.

2.83.Нарушаева Г.Экономика и дошкольник: актуально ли?/Обруч.-

1997.-№4.

2.84.Наумов Н.В. Культура разумного потребление. –М.,1988-57 .

2.85.Нульман Л.М. Педагогика ./Л.М.Нулман, Л.П.Кураков, В.П.Кисилев, И.Б.Ижжн.-М.,2005.

2.86.Нестерева А.А. Семейные ресурсы как условия жизнеспособности семьи в кризисных ситуациях. //Развитие личности. -2016.-№1.-с.156-173.

2.87.Николаева Е.И. Психология семьи. СПБ: Питер, 2013.-336 с.

2.88.Нисимчух А.С. Экономическое образование школьников: кн.для учителя. М.: Просвещение, 1991.-127 с.

2.89.Оила-манбаи тарбияи нерӯи зеҳнии миллии хонандагони ҷавон. Маҷмӯаи мақомоти илмӣ.-Душанбе:Ирфон, 2015.-174 с.

2.90.Онбинс О.В., Сидякина Е.А. Мир экономики глазами ребенка. Методический материал. –Толяти, 2000.-70 с.

2.91.Отклики на статью Шатовой/Дошкольное воспитание-1990.-№2.

2.92..Педагогические основы экономического воспитания в трудовой подготовке школьников. Сбоник науч.тр. –М,1986.-99с.

2.93.Попиловский Я.В. Помощь родителям в воспитании детей. М.: Слово,-2006-500 с.

2.94.Попов В.Д. Экономические сознание. Сущность, формирования и роль в социальном обществе. –М.:Мысль, 1981-239 с.

2.95.Попов В.Д. Экономическое воспитание школьников //Образования.-2008.-№1с.84-89.

2.96.Попова Г.П., Меньшикова О.И. Сказка о царице Экономике, злодейке Инфляции.-М., 1993.-63 с.

2.97.Прокофьева О.О. Мы и экономика. Формирование основ экономической культуры у детей старшего дошкольного возраста//Препеска.-2006.-№7.7

2.98.Пушкарь . Дети и деньги. //Известия .2008.25 март.

2.99.Райзберг Б.А. Экономика для детей в играх задачах и

примерах.-М.:Ось-89, 1998.

2.100.Розов В.К. Методика экономического воспитания школьников. М., 2005 185 с.

2.101.Рословцева И.П. Азбука бережливости для дошкольников. Мозырь, 2008. 74 с.

2.102.Россолько О.И. Состояние проблемы формирования бережливости у детей в практике дошкольного воспитания.//Новое в профессиональной подготовке будущих учителей школ.- Минск, 1992. 37 с.

2.103.Савкулова Л. Экономика и человек: о программе экономического образования дошкольников./Обруч.-1999.№1.-с.61-70.

2.104.Саидзода З. Тоҷикистони муосир: масъалаҳои мубрами истиқлоли миллӣ. Душанбе, 2016.603 с.

2.105..Самохина А. Научно-методические обеспечение экономического образования. /Экономика и школа.-1998.№2.

2.106.Сапельникова Л.С. Мое и наше. М., 1986.43 с.

2.107.Сасова И.А. Вопросы повышения уровня экономического образования и воспитания школьников М., 2007.с.69-76.

2.108.Селиванова И. Царица экономика: программа и занятие. /Премекс, 1997.-№10

2.109.Спастенин В.А. Педагогика. М.: Школа-Пресс, 1997.-512 с.

2.110.Столенцова А.А.Введение в мир экономики, или как мы играем в экономику: учебно-методическое пособие. Спб: Детство-пресс, 2001-176 с.

2.111..Табих Е.Л. Дошкольникам об экономике пособие для педагогов учреждений обеспечивающих получение дошкольного образования. -Минск, 2007.

2.112.Терехов А.О. Формы внеурочной работы в преподавании экономики.//Иные проблемы образование позиции молодых. Материалы Всероссийской студенческой научно-практической конференции.2016.№6.-с.179-181.

2.113.Товстик Н.С. Организация экономического воспитания школьников. Киев, 2005.

2.114.Трушкина К.А. Значение метапредметных связей экономики со школьными дисциплинами. //Актуальные проблемы образования: позиция молодых. Материалы Всероссийской студенческой научно-практической конференции.2016.№6.-с.183-184.

2.115.Тюнин А.И. Проблемы экономического образования школьников. -Челябинск, 2016.№3.-96-9.

2.116.Умаров Н.Ш. Теоретическая и практическая модель экономической социализации личности.//Вестник интегративной психолонгии.-2019.-№18.-с.259-263.

2.117.Успенский Э. Бизнес крокодила. -М.: Селивар, 1993.-146 с.

2.118.Ушинский К.Д. Человек как предмет воспитания. Опыт педагогической антропологии. Ленинград:Академия педагогических наук,1948.-99 с.

2.119.Федоров А.И. Экономическое воспитание в школе и дома. Горький:Волго-Вит, 1990.-125 с.

2.120.Федеральный государственный образовательный стандарт основного общего образования./Министерство образования и науки Российской Федерации.-Москва:Просвещение, 2010.-31 с.

2.121.Филимонов К.Н. Моя семья.-М,2003.-324 с.

2.122.Филимонова Н.С. Семья как фактор формирования отношения ребенка к деньгам.//Известия Иркутской государственной академии.2017.-№1.

2.123.Хейне Л. Экономический образ мышления/П.Хейне, П.Боутке, Д.Причитко.-Киев:Диалектика, -2019.-2019-528 с.

2.124.Человек и профессия. Образовательный курс профориентационной направленности. Сост. Л.И.Бобровская, Е.А. Сапрыкина, О.Ю.Просихина.-М.:Профильная школа, 2011.

2.125.Чернер Л.С. Азбука экономики. М., 2007.

2.126.Черных А.И. Современный рынок труда и довузовских

подготовка школьников//Сибирский педагогический журнал.-2008.-№4.с.248-255.

2.127.Чумаченко В.В. Основы финансовой грамотности . 8-9 классы. Методические пособие .Р-Москва: Просвещение, 2019-106 с.

2.128.Ҷумъаев Р. Парвоз дар дунёи хиради башарият.-Душанбе:Эр-граф.-295 с.

2.129.Шатова А. Нужно ли и зачем дошкольники экономическое воспитание// дошкольное образование, 1994.-№8.с.31-44.

2.130.Шатова А. Становление начальных ценностных ориентации //Образование и рынок.-1997.№1.с.65-81.

2.131.Шатова А.Д.Экономическое воспитание дошкольников.-Москва, 2005.

2.132.Шведова И.Ф. Экономическая азбука для детей и взрослых. М., 1992.101 с.

2.133.Шевченко О.В.Использование Интернет сервисов в образовательном процессе.//Инновационные и актуальные подхода к обеспечению. Устойчивого образа .в процесс.-2017.-№1-.с. 48-53.

2.134.Шемкент Б.П. Экономическое воспитание школьников: вопросы теории и методики. М.: Педагогика, 1986.

2.135.Шпак А.Т.Организация экономического образования и воспитания учащихся. Киев, 2007.

2.136.Экономическое воспитание старших дошкольников//В.И.Жул, И.И.Шарай, И.И.Ситникова. Мозырь:-Содействие, 2011.-88 с.

2.137.Экономическое образование и воспитание учащихся/под ред.Горлач Н.И. –Киев, 2007.

2.138.Экономическая подготовка в условиях рыночных отношений/ Состав. Аверькнова Л.И.М.,2007.

2.139.Энгельс Ф. Происхождение семьи, частной собственности и государство. -Санкт-Петербург; Азбука, 2009.-256 с.

2.140.Ekaterina Muzhi. Hertog Zhou. Japanese adolescents time use:

The role of household income and parental education. Olume 44,Article 9 pages 225-238.published 4 february 2021.

2.141 Jeilan T.Mortimer,Frank Lei Zhatп,Jeanette Hussenann and Chen Yu Wu. Parental economic hardship and children s achievement orientations. Longit life course stud.2014. 33p.

**3. Сарчашмаи электронӣ**

3.1.Васильева Е.С. Принципы и методы семейного воспитания. (электронный ресурс). URL:http://pedsovet.su/publ/75-1-0-2879.(санаимурочиат:18.12.2021).

3.2.Галкина Л.Н. Экономическое воспитание дошкольного возраста в семье. Электронный ресурс. http://www.minobr74.ru/ru/deyatelnost/96-deyatelnost/doshkolnoe-obrazovanie/805-санаи мурочиат: 20.12.2021.

3.3.Государственная семейная политика в России [Электронный ресурс]. URL: http://www.znatokprava.ru/79-gosudarstvennaya-semeynaya-politika-v rossii.html(санаи мурочиат 5.04.2021).

3.4.Жантемирова, М.А. Стили семейного воспитания детей и их влияние на них. Электронный ресурс. URL:http: // www. rusnauka. com/22 _PNR_ 2012/ Psihologia/8_115338.doc.htm.( санаи мурочиат: 06.04.2021 ).

3.5.Закономерности и принципы воспитания.[Электронный ресурс]. URL:

http://www.grandars.ru/college/psihologiya/principy-vospitaniya.html(санаи мурочиат:07.04.2021 ).

3.6.Значение процесса воспитания [Электронный ресурс]. http://festival.1september.ru/articles/624646/(санаи мурочиат: 28.03.2021).

3.7.Козлова, Е.А. Роль семьи и домашнего хозяйства в экономической жизни общества. Элетроный ресурс. URL:http://www.scienceforum.ru/2013/21/1631(санаи мурочиат: 15.07.2021 )

3.8.Лель, И.М. Роль классного руководителя в воспитательной работе с учащимся. Электронный ресурс].URL: http: //festival. 1septem ber.ru/ articles/617839/(санаи мурочиат: 8.08.2021).

3.9.Методы воспитания в семье.Электронный ресурс].URL:http://studentu-vuza.ru/psihologiya/psihologiya-i-pedagogika/metodyi-vospitaniya-vseme. html(санаи муроҷиат: 8.02.2021).

3.10.Михайленко, О.И. Современные теории воспитания. Технология
воспитания. Воспитательный процесс как система [Электронный ресурс]. URL: http://kpip.kbsu.ru/pd/did_lec_6.html(санаи муроҷиат: 6.05.2021).

3.11..Посысоев Н. Основы психологии семьи и семейного консультирования. [Электронный ресурс]. URL: http://http: //www. syntone.ru/ library/books/content/5035.html(санаимуроҷиат 7.05.2021 ).

3.12.Сазонова, А. Особенности организации экономического воспитания детей. [Электронный ресурс]. URL: http:// planetadetstva.net / vospitatelam / pedsovet / osobennosti-organizacii ekonomicheskogo-vospitaniya-detej.html(дата обращения: 26.05.2021).

3.13.Семья как социальный институт. [Электронный ресурс]. URL: http://www.grandars.ru/college/sociologiya/semya-kak-institut.html (санаимуроҷиат: 26.05.2021).

3.14. Фролов, С.С. Институт семьи [Электронный ресурс]. URL: http://www.vuzlib.org/beta3/html/1/20412/20454/(санаи муроҷиат: 30.05.2021).

3.15. Экономическое воспитание [Электронный ресурс]. URL:www.ourpast.ru/Page205.html (санаи муроҷиат: 30.05.2021).
3.16.Экономическое воспитание старших дошкольников [Электронный ресурс]. URL: http://en.coolreferat.com/(снаи муроҷиат: 20.06.2021).
3.17.Экономическое воспитание школьников [Электронный ресурс].URL: http://veselajashkola.ru/shkola/ekonomicheskoe-vospitanie-shkolnikov/(санаи муроҷиат: 25.06.2021).

## МАЗМУН ВА МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИН ИНЪИКОС ЁФТААНД:

**1. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсинамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда:**

[1-М]. Рустами А. Шуури иқтисодӣ ҳамчун омили муҳими ташаккулиёбии буҷаи оила дар шароити кунунӣ // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.- №3 (35), 2021. - С. 181-185. ISSN 2617-5620.

[2-М]. Рустами А. Фарҳанги хонавода ва омодагии фарзандон ба ҳаёти хонаводагӣ. // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон – №1, (42), 2022. - С. 70-75. ISSN 2222-9809.

[3-М]. Рустами А. Омӯзиши методологии тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода. // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон – №4, (45), 2022. – С. 95-97. ISSN 2222-9809.

[4-М]. Рустами Абдуҷаббор. Тарбияи иқтисодии наврасон ва ташаккул додани маърифати молиявӣ дар оила. // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф - №4 (40), 2022. – С. 124-127. . ISSN 2617-5620.

[5-М]. Рустами Абдуҷаббор. Мавқеъ ва нақши илми психология дар солимгардонии оилаи муосир. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе, 2019 – №5 (қисми 2). - С.280-284. ISSN 2074-1847 .

**2. Мақолаҳои дар маҷмуаи маводи конференсияҳо батабърасида:**

[5-М]. Рустами А. Тарбияи иқтисодии наврасон ва нақши он дар рушди оила // Маҷмуаи мақолаҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи “Инкишоф ва ташаккули салоҳиятҳои педагогии муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар муҳити инноватсионии таҳсилот” (ДДД, 21-22 октябри соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 208-212.

[5-М]. Рустами А. Рушди иқтисодиѐт – пешравии оила // Маҷмуаи мақолаҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи “Инкишоф ва ташаккули салоҳиятҳои педагогии муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар муҳити инноватсионии таҳсилот” (ДДД, 21-22 октябри соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 221-224.